АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИИ БА НОМИ АКАДЕМИК БАҲОДУР ИСКАНДАРОВ

ТДУ 398 (575.32)
ТКБ 82.3 (2тоҷик)
Қ-93

Ба ҳуқуқи дастнавис

Қурбонхонова Нуриҷаҳон Мирасановна

МАНБАЪҲОИ АСОТИРӢ ВА МАРОСИМӢ ДАР ФОЛКЛОРИ БАДАХШОН (ДАР МИСОЛИ АРХЕТИПҲОИ ПАРАНДАГОН ВА ҲАЙВОНОТ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология,
аз рӯйи ихтисоси 10.01.09. – Фолклоршиносӣ.

Роҳбари илмӣ:
Раҳмонзода Абдуҷаббор Азизӣ
доктори илмҳои филология, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Хуҷанд–2021

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА…….3-16

БОБИ I. САБАБҲО ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ УСТУРАЭҶОДҲО ДОИР БА ҲАЙВОНОТ ДАР ОСОРИ ШИФОҲӢ

Фасли 1. Баҳси шарҳи истилоҳи “устура” дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ.....17-24

Фасли 2. Пайдоиши устураэҷодҳо дар бораи ҳайвоноту парандагон.24-30

Фасли 3. Парастиши ҳайвонот ва инъикоси онҳо дар нақлҳо ва ривоятҳои асотирӣ дар миёни мардуми Бадахшон

Зерфасли 1. Мавқеи устураэҷодҳои бостонӣ доир ба ҷонварони некхосият дар миёни сокинони Бадахшон.....30-80

Зерфасли 2. Бозтоби хислатҳои бадӣ дар осори шифоҳии мардуми Бадахшон.....80-96

БОБИ II: ТАСВИРИ СУРАТМИСОЛҲОИ АСОТИРӢ ДАР ОСОРИ ШИФОҲИИ МАРДУМИ БАДАХШОН (ДАР МИСОЛИ ПАРАНДАГОН)

Фасли 1. Ба сифати тамсил бозтоб шудани парандагон.....97-133

Фасли 2. Тасвири сифатҳои зишт дар осори шифоҳии мардуми Бадахшон.....133-149

БОБИ III: ҶОЙИВАЗКУНИИ УСТУРАҲО ДАР РАСМУ ОЙИН ВА ОСОРИ ШИФОҲИИ МАРДУМИ БАДАХШОН

Фасли 1. Инъикоси табдили инсон ба ҳайвону парандагон дар устураҳои Бадахшон..... 150-163

Фасли 2. Мавқеи рамз дар боварҳои асотирӣ ва маросимҳои мардумӣ.....163-169

ХУЛОСА……170-176

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ…….177-198

ФЕҲРИСТИ ИНТШОРОТИ МУАЛЛИФ.....198-200

МУҚАДДИМА

Мубрамӣ ва зарурати таҳқиқот. Асотир як падидаи иҷтимоиест, ки ба ҳар ҷомеа хос аст. Дар асоси асотир на танҳо фарҳанги қадимии ҳама гуна халқу миллат, балки тасаввуроти мадании одамони ибтидоӣ ошкор карда мешавад.

Омӯзиши устураҳо инчунин дар муайян намудани раванди ташаккули афкору андеша муҳим буда, барои ошкор кардани муносибати одамони аввалин ба табиат ва ҷамъият нақши арзанда мебозад. Ба гуфти академик А. Раҳмонзода: “Дар заминаи асотири қадим на танҳо маданияти бостонии ин ё он халқу миллат, балки тасаввуроти фарҳанги ибтидоии одамони гузашта равшан мегардад” [62, 51].

Бешак, нахустин ақидаҳо доир ба пайдоиши олам, таассурот оид ба нахустинсон ва бисёр масъалаҳои алоқаманд ба арзи ҳастӣ кардани ашёву наботот дар устураҳо ифода ёфта, пас аз он дар ойину анъанаҳо, маросимҳои қавмӣ, адабиёти шифоҳӣ ва дигар тасаввурот ҷой гирифта, давра ба давра бо ташаккул ёфтани қобилияти зеҳнии одамон шакли худро иваз карда, қисме аз байн рафта, дар нақшу нигораҳои бостонӣ боқӣ мондаанд ва иддае дигар ҷанбаи ҳамосӣ пайдо намуда, бо шеваи нав вориди адабиёт ва санъат гардидаанд.

Халқи тоҷик, ки решаи ориёӣ дорад, таассуроти аввалини худро дар устураҳову афсонаҳо ва жанрҳои дигари фолклорӣ ифода кардааст. Омӯзиши ин сарчашмаҳои қадима барои муайян намудани раванди инкишофи таърихи халқ, тарз ва роҳҳои ташаккули афкори эҷодии он ва заминаҳои пайдоиши адабиёти оламшумули ин халқи бостонӣ маводи ибтидоиро фароҳам меорад.

Қисме аз осори мардумӣ, аз ҷумла устураҳо дар фолклори сокинони Бадахшон, ки аз қавмҳои ориёӣ маҳсуб мешаванд, ба назар мерасанд. Онҳо унсурҳои боқимондаи нахустэҷодҳои бостониро дар

ҳофизаи халқ нигоҳ дошта, дар расму ойини худ ҳифз карда, қисме аз онҳоро тавассути афсонаву ривоят ва баъдтар дар жанрҳои гуногуни адабиёти шифоҳӣ то ба имрӯз нигоҳ доштаанд. Ҷолиб аст, ки аксари устураҳо дар фолклор мазмуни худро дигар карда, дар миёни мардум маҳбубияту эҳтиромӣ хосеро пайдо намудаанд.

Боварҳои асотирие, ки тавассути ҳайвонот ва парандагон арзи ҳастӣ кардаанд, аз қадимтарин шаклҳои тафаккури инсонӣ ба шумор мераванд. Донишмандон муайян карданд, ки олами ҳайвонот ва парандагон одамонро дар тамоми мавҷудияти таърихи башарият ҳамроҳӣ карданд. Ҳар як халқу кишвар ақидаҳои гуногуни тотемистӣ (намодпарастӣ) доранд ва вобаста ба он то ба имрӯз ҳар гуна расму ойинро ба ҷо меоранд.

Дар миёни мардуми тоҷик, аз ҷумла аҳолии Бадахшон боварҳои асотирие, ки ба ҳайвоноту парандагон робита доранд, зиёд буда, дар маросиму оинҳои гуногун ва фолклори мардум ба мушоҳида мерасанд. Сокинони Бадахшон мисли дигар минтақаҳои тоҷикнишин ба ҳайвонот ва парандагон эҳтиром дошта, онҳоро дар нахустэҷодҳои худ парастиш карда, баъдҳо ба васфашон майл пайдо кардаанд ва дар устураҳо ва афсонаву ривоятҳои мардумӣ хислатҳои неку бади одамиро бо сурату сирати олами ҳайвонот муқоиса карда, нисбат ба ин офаридаи табиат изҳори назар намуданд.

Устураҳои ҳайвоноту парандагон дар боварҳои мардуми Бадахшон роҳ ёфта, бо мурури замон нахустин хаёлоти эҷодии онҳоро ташаккул ва дар шакли дигар вориди осори шифоҳӣ гардидаанд.

Дар баробари ин суратмисолҳои асотирии ҳайвоноту парандагон хислату саҷияи одамонро ифода карда, оҳанги тамсиливу маҷозӣ гирифта, барои ифодаи мақсаду маромӣ нахустинсонҳо хидмат мекунанд. Ҳамзамон дар асоси устураву ривоятҳои шифоҳӣ риштаи хешӣ доштани онҳо ба қавмҳои дигари ориёӣ муайян мегардад.

Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва назариявию методологии рисола. Вобаста ба тасвири суратмисоли ҷонварон дар устураву адабиёти шифоҳии сокинони Бадахшон то ба имрӯз кори илмии мушаххас анҷом нагардидааст. Танҳо мақолаҳои алоҳида дар ин самт таълиф шуда, мавқеи ин ё он ҷонвар дар тасаввур ва боварҳои сокинони ин минтақаи Тоҷикистон ҳаллу фасл гардидаанд. Ба таври мушаххас, мақолаҳои В. Охониёзов “Образи нахчир дар назми помиризабонон” (Душанбе, 2003), Н. Шакармамадов, Н. Қурбонхонова “Асп ва хар дар тасаввури мардум” (Душанбе, 2005) ва Д. Раҳимов “Боварҳои халқӣ ва тасаввуроти асотирии сокинони Бадахшон” (Душанбе, 2016) аз зумраи онҳо ба ҳисоб мераванд. Инчунин, дар баъзе аз асарҳои ҷудогона, ки ба масъалаҳои таърихшиносӣ, мардумшиносӣ ва фарҳангшиносии мардум бахшида шудаанд, бархе боварҳо ва лаҳзаҳои ҷудогона дар мавзӯи мавриди таҳқиқи ин рисола мавҷуданд, аз ҷумла М. С. Андреев “Прозвище жителей различных селений в Матче (Верховья р. Зарафшан)” (“Лақаби сокинони деҳаҳои гуногуни Мастчоҳ (болооби Зарафшон)) (Ленинград, 1924), И. Мухиддинов “Обряды и обычаи при памирских народностей, связанные с циклом сельскохозяйственных работ” (“Расму ойини халқиятҳои Помир, ки бо давраи корҳои кишоварзӣ алоқаманданд”) (Москва, 1986), И. Мухиддинов “Реликты доисламских обычаев и обрядов у земледельцев Западного Памира” (“Боқимондаҳои расму оинҳои қадимаи тоисломӣ дар кишоварзони Помири ғарбӣ”) (Душанбе, 1989), М. А.Бубнова “Культ огня и домашних животных в верованиях древних памирцев” (“Парастиши оташ ва ҳайвоноти хонагӣ дар боварҳои қадимаи мардуми Помир”) (Душанбе, 2001), Т. Қаландаров “Шугнанцы (Историко этнографические исследования)” (“Шуғнониён (таҳқиқоти таърихӣ- этнографӣ”)) (Москва, 2004), Т. Хӯҷагелдиев “История в наскальных рисунках” (Таърихи расмҳои рӯи санг) (Душанбе, 2005) ва Қ. Аламшоев “Фарҳанги шикор дар Помир” (Душанбе, 2015).

Дар ин рисола бошад, устура ва осори фолклорие, ки ба ҷонварон, аз ҷумла ҳайвонот ва парандагон бахшида шудаанд, мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар доираи андешаи назарии олимони тоҷик, ки оид ба осори эҷодиву шифоҳӣ анҷом додаанд, баъзе мулоҳизаҳои нав пешниҳод гардидаанд.

Дар адабиётшиносии тоҷик ба таври умумӣ масъалаи мазкур то андозае дар мақолаву рисолаҳои муҳаққиқон ба мисли О. Муродов “Древние образы мифологии у таджиков долины Зеравшана” (“Образҳои қадимаи асотирии тоҷикони водии Зарафшон”) (Душанбе, 1979), М. Шукуров “Шахнаме Фирдоуси и ранняя иллюстративная традиция” (“Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва анъанаи нигориш) (Москва, 1983), А. Хромов “Аз Рустам то Деваштиҷ” (Душанбе, 1987), А. Раҳмонов “Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ” (Душанбе, 1999), А. Раҳмонов “Заминаҳои асотириву маросимӣ дар адабиёти нимаи аввали садаи ХХ” (Душанбе, 2004), Д. Обидов “Дар бораи суруди “Ғучӣ, ғучӣ баҳор шуд” (Душанбе, 1998), М. Рахимов “Некоторые обычаи и обряды, связанные со скотоводством у таджиков Каратегина и Дарваза” (“Баъзе расму одатҳои тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз вобаста ба чорводорӣ”) (Душанбе, 1960), Р. Раҳмонӣ “Ҳикояҳои асотирӣ” (Душанбе, 2004), С. Наимбоев “Андешаҳо дар хусуси маъниҳои қадима ва навъи устураи Заҳҳок” (Душанбе, 1998), Ҷ. Рабиев “Фолклори Уротеппа” (Душанбе, 1986), Д. Рахимов “Классификация примет таджикского фольклора” (“Таснифи аломатҳои фолклори тоҷик”) (Астерион, 2003) ва М. Мавлонова “Нақши устура ва раванди устурапардозӣ дар насри муосири тоҷикӣ (охири асри ХХ ва ибтидои асри ХХ1)” (Хуҷанд, 2007), таҳқиқ шудааст.

Баҳси мақоми устура дар эҷодиёти халқиро И.С. Брагинский оғоз намудааст. Муҳаққиқ оид ба асотир ва муносибати он бо адабиёт дар асарҳои худ маълумот додааст. Дар ин таҳқиқот хусусияти бадеӣ доштани устураҳо таъкид гардида, ба таркиби асарҳои эпикии адабиёти

тоҷик роҳ ёфтани онҳо махсус ишора шудааст. Вай дар бораи эзадони асотирӣ, устураҳои кайҳонӣ, мабдаи некию бадӣ, қаринанокии образҳои асотирӣ дар миёни мардум ва хусусияти жанрӣ касб намудани асотир низ ишора кардааст[120, 50].

Профессор Воҳидҷон Асрорӣ ба нақши устураҳо дар осори устодон С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ диққат дода, истифодаи қаҳрамонони асотириро дар ашъори С. Айнӣ қайд кардааст. Муҳаққиқ тавассути эҷодиёти даҳонии халқ ба тафаккури нависанда роҳ ёфтани қувваҳои неку бади асотириро ба мисли деву инсон, аждаҳову парӣ ва ғайра ишорат намудаст[11, 50].

Масъалаи дарк ва шинохти устура дар андешаҳои илмии адабиётшинос Холиқ Мирзозода низ ба мушоҳида мерасад. Муҳаққиқ, пеш аз ҳама, устураҳои қадимаи мардумони эронинажодро таҳлил намуда, хусусияти зидди динӣ доштани онҳоро ба таъкид гирифтааст. Чунин таҳлил дар доираи талаботи замон анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ инчунин табиати иҷтимоию таърихӣ ва ҷанбаи бадеӣ доштани устураро низ ошкор кардааст [31, 31–51].

Хуршеда Отахонова, муҳаққиқи тоҷик ба таҳлилу таҳқиқи жанри достон машғул шуда, образҳои асотириро ҳамчун манбаи осори ҳамосӣ донистааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ ишора мекунад, ки “мифология ва ривоятҳо сарчашмаи достонҳои қаҳрамонӣ мебошанд” [46, 10].

Доир ба дигар паҳлӯҳои устура ва таъсири он ба жанрҳои адабӣ олимон М. Шакурӣ, Х. Шарифов, Ю. Бобоев, О. Муродов, Ҷ. Назриев, А. Раҳмонзода, Р. Раҳмонов, Р. Хокироев ва чанде дигарон изҳори ақида намудаанд. Аз ин миён дар масъалаҳои алоқамандии устура бо адабиёти шифоҳӣ Равшан Раҳмонӣ дар як мақола изҳори назар кардааст. Ин донишманд устура ва ҳикояҳои асотириро чун жанри алоҳидаи эҷодиёти шифоҳии мардум муаррифӣ намуда, мавқеи ҳикояти асотириро дар миёни мардуми эронитабор муҳим арзёбӣ намудааст. Вай ташаккули ҳикояти асотириро ҳамчун асари бадеии алоҳида таҳқиқ карда, шакл,

мазмун, ғояи муайян доштани онро шарҳ медиҳад ва бо ҳамин тавофути ин ду намуди асари бадеиро аз афсона нишон медиҳад [68, 54].

Профессор Худой Шарифов дар бораи таҳқиқи осори адибони ҷудогона аз образи хурӯс ва мор дар ашъори Мирсаид Миршакар ёдовар шудааст. Инчунин доир ба мақоми тасвири афсонавӣ дар “Шоҳнома” сухан гуфта, дар бораи устура ва алоқаи он бо ҳамоса маълумот медиҳад. Аз ҷумла, муҳаққиқ менависад: “Муҳити фарҳангӣ ва адабии мардумони эрониро, бахусус то аҳди исломӣ, ҷудо аз иҳотаи таърихии асотирӣ наметавон пеши назар овард. “Шоҳнома” ҳамчун зодаи таърихӣ, асотирӣ ва фарҳангии Эрон саршор аз ривояту нақлу достону ахбори асотирист” [105, 70–73]. Муаллиф ғояву мазмуни достонҳои “Шоҳнома”–ро таҳлил карда, аз устура корбарӣ кардани Абулқосими Фирдавсиро иҷмолан баррасӣ намудааст.

Доир ба мақом ва нақши устура дар адабиёт академик Абдуҷаббор Раҳмонзода низ корҳои шоистаи илмиро ба анҷом расондааст. А. Раҳмонзода назарияи устураро таҳқиқ карда, шеваҳои корбурди персонажҳои асотириро дар адабиёти асри ХХ мавриди омӯзиш қарор додааст. Муҳаққиқ инчунин моҳияти образҳои асотириро дар адабиёти тоҷик шарҳ дода, паҳлӯҳои ахлоқӣ ва равонии симоҳои асотириро ошкор кардааст[63, 10]. Дар масъалаи баҳси устура дар адабиётшиносии муосири тоҷик низ изҳори андеша намуда, ҷанбаҳои назарии онро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар масъалаи баҳси устура дар адабиётшиносии муосири тоҷик низ изҳори андеша намуда, ҷанбаҳои назарии онро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

А. Раҳмонзода ва Р. Раҳмонӣ ҷойгоҳи устураҳои бостонро дар ҷашнҳои Сада, Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон нишон додаанд [66, 4-10]. Бо вуҷуди ин, масъалаи устураҳо оид ба ҳайвоноту парандагон ва тағйири

шакл кардани онҳо дар эҷодиёти даҳонии халқ то ба ҳол пурра таҳқиқ нашудааст.

Дар ин рисола кӯшиш шудааст, ҷанбаҳои гуногуни боварҳои мардумӣ, ки дар ойинҳои мардумони Бадахшон боқӣ мондаанд, мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Ҳамчунон доир ба таҳаввули ин боварҳо изҳори назар карда, шакливазкунии устураҳо бо осори шифоҳиву ҳамосӣ таҳқиқ гардидааст.

Усулҳои таҳқиқот ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот. Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои фолклоршиносону адабиётшиносони варзидаи ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла А. Н. Веселовский, В. П. Аникин, А. Н. Никифоров, В. Пропп, Б. Н. Путилов, Ю. Соколова, Р. Амонов, В. Асрорӣ, Б. Шермуҳаммадов, Д. Обидов, Н. Шакармамадов, Б. Тилавов, А. Раҳмонзода, Р. Раҳмонӣ, Д. Раҳимӣ ташкил медиҳанд.

Барои ҳаллу фасли мавзӯъ таҳлили образу персонажҳои устураҳои аз байни мардуми Бадахшон ҷамъовардашуда истифода гардида, тасвир ва мафҳуми он бо ривояту асотири халқҳои дигар дар муқоиса гузошта шуд. Ягонагиву умумияти устураҳо тариқи муқоиса дар рисола нишон дода шуд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Робитаи мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо самтҳои илмии афзалиятнок, лоиҳаи умдаи илмӣ ё барномаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ барои солҳои 2015- 2020 анҷом дода шудааст.

Ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ. Ҳадафи асосии рисола муайян намудани ҷойгоҳи устураи ҷонварон дар тафаккури эҷодии сокинони Бадахшон ба шумор меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф иҷрои вазифаҳои зерин муҳим ба назар гирифта шуд:

– ба танзим даровардани маводи вобаста ба мавзӯи тадқиқ дар миёни сокинони Бадахшон маъмул аст;

–тасниф ва таҳлили суратмисолҳои асотирӣ, ки ба ҷонварон (ҳайвонот ва парандагон) алоқаманд буда, дар эҷодиёти шифоҳии мардуми Бадахшон маъмул мебошанд;

–ошкор кардани хусусиятҳои ғоявӣ-эстетикии симоҳои ҳайвонот ва парандагон;

–таҳқиқи ивазшавии симоҳои асосӣ дар заминаи тағйирёбии боварҳои асотирӣ ва ақидаҳои мардумӣ;

–равшан сохтани умумият ва тавофути асотир аз навъу намудҳои дигари осори шифоҳӣ;

–муайян намудани заминаҳои пайдоиши образҳои асотирӣ доир ба ҷонварон дар миёни сокинони Бадахшон;

–мушаххас сохтани нақши симоҳои асотирии ҳайвонот дар фарҳанги миллати тоҷик ва осори бостонии қавмҳои эронитабор.

Масъалаҳои таҳқиқот. Асоси тадқиқоти пешниҳодшударо ҳалли масъалаҳои зерин фароҳам овард:

- шарҳи истилоҳи “устура” дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик.
- омилҳои пайдоиши устураэҷодҳо дар бораи ҳайвоноту парандагон дар фолклори тоҷик.
- масъалаҳои тасвири суратмисолҳои асотирӣ дар осори шифоҳии мардуми Бадахшон.
- махсусиятҳои инъикоси табдили инсон ба ҳайвону парандагон дар устураҳои Бадахшон.

Объекти таҳқиқот. Асоси таҳқиқро нақлу ривоятҳои мардумони Бадахшон, ки аз асотир сарчашма гирифтаанд, ташкил додааст. Таҳлил ва тадқиқи асотиру ривоят, инчунин афсонаҳои асотирӣ доир ба ҳайвоноту парандагон дар тасаввуроти мардуми Бадахшон ва муқоисаи онҳо бо асотири дигар халқиятҳо асоси таҳқиқ ба ҳисоб мераванд.

Предмети таҳқиқот. Ба ҳайси предмети таҳқиқот асосан симоҳои асотирии ҳайвонот ва парандагони паҳншудатарин дар эҷодиёти шифоҳии мардуми Бадахшон, ба монанди асп, хар, гӯсфанд, буз, гург, фароштурук, кабк ва ғайра интихоб шуда, тасаввуроти бостонии мардуми Бадахшонро дар бораи ҳайвоноту парандагон баррасӣ менамояд.

Мавзӯи таҳқиқот. Тадқиқот “Манбаъҳои асотирӣ ва маросимӣ дар фолклори Бадахшон (дар мисоли архетипҳои парандагон ва ҳайвонот)” унвон дошта, дар он суратмисолҳои асотирӣ, ки ба ҷонварон (ҳайвонот ва парандагон) алоқаманд ҳастанд ва дар эҷодиёти шифоҳии мардуми Бадахшон маъмул мебошанд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Усулҳои таҳқиқот. Дар рисола аз методҳои таҳлилӣ ва таърихӣ – муқоисавӣ истифода шудааст. Бо ин усул образу персонажҳои асотирие, ки дар байни мардуми Бадахшон маъмуланд, таҳқиқ шуда, хусусиятҳои адабиву бадеии онҳо ошкор карда шудаанд ва онҳо бо ривояту асотири халқҳои дигар муқоиса гаштаанд. Масъалаҳои умумияти устураҳо бо усули типологӣ дар рисола таҳқиқ шудаанд.

Соҳаи таҳқиқот. Эҷодиёти шифоҳии сокинони Бадахшон доир ба ҳайвоноту парандагон ва тасвири суратмисолҳои асотирӣ дар осори шифоҳии мардуми Бадахшон (дар мисоли ҳайвоноту парандагон) таҳти соҳаи фолклоршиносӣ анҷом шуда, масъалаҳои ҷузъии боварҳо ва эътиқодоти мардумро ба ҳайвоноту парандагон баррасӣ намудааст.

Марҳалаҳои таҳқиқот:

- интихоби мавзӯъ;
- ҷӯстуҷӯ, дарёфт, ҷамъоварӣ, шиносоӣ бо сарчашмаҳои адабӣ ва илмии алоқаманд ба мавзӯъ;
- муайян кардани дараҷаи азхудшудаи масъалаҳои таҳқиқот;
- ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлили маводи фолклорӣ;
- натиҷагирӣ ва хулосаи таҳқиқот.

Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, ҳамоиш ва конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ташкил менамояд.

Сарчашмаҳои таҳқиқот . Муаллиф дар давоми солҳои 2000–2020 аз маҳалҳои гуногуни навоҳии Рӯшону Шуғнон, Роштқалъаву Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон ва чанд маҳали вулусволии Шуғнони Афғонистон маводи ин рисоларо гирдоварӣ намуда, онро асоси тадқиқот қарор додааст. Ҳангоми таълифи рисола инчунин аз захираи илмии дастхатҳои Институти илмҳои гуманитарии АМИТ ва бархе аз маҷмӯаҳои фолклорӣ ва асарҳои фолклоршиносону мардумшиносони маъруфи ватаниву хориҷӣ низ истифода кардааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои диссертатсия, ки ба шакли ду монография – “Устураи ҷонварон дар фолклори Бадахшон” ва “Устураҳои ҳайвоноту парандагон дар фолклори мардуми Бадахшон”, брошюра бо номи “Асотир ва ривоятҳо (дар бораи ҳайвонот ва парандагон)” интишор ва ба китобхонаҳои Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандаров, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, китобхонаи вилоятӣ ба номи А. Рӯдакии ВМКБ дастрас гардидаанд, аз тарафи муҳаққиқон ва ихлосмандони соҳаи фолклоршиносӣ истифода мегардад. Инчунин, маводи нашршуда дар ҷараёни дарсҳои лексионию амалӣ аз фанни фолклоршиносӣ дар факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ мавриди истифода қарор дода шудааст. Нуқтаҳои асосӣ ва муҳимтарини диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ ва симпозиумҳо ироа гардида, мавриди баҳогузорӣ қарор гирифтааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Рисолаи мазкур дар фолклоршиносии тоҷик ва омӯзиши фолклори Бадахшон аввалин

таҳқиқоти илмӣ буда, тасаввуроти бостонии мардуми Бадахшонро дар бораи ҳайвоноту парандагон равшан месозад.

Ҳамзамон, дар ин рисола намунаҳои эҷодиёти шифоҳии сокинони Бадахшон таҳқиқ шуда, ҷаҳонбинии бадахшониҳо дар даврахои гуногуни инкишофи ҷамъият мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Рисола дар асоси маълумоту маводи нав таҳқиқ шуда, ақидаҳои таърихии мардумро доир ба ҳайвоноту парандагон дар бар мегирад.

Аз рӯи ин таҳқиқот равшан гардид, ки мардум ба як қисми ҳайвонот ва парандагон муносибати некбинона дошта, онҳоро парастиш мекунанд ва ба қисми дигар назарашон баръакс мебошад.

Маълум шуд, ки бисёре аз эътиқоду боварҳо аз ибтидо хусусияти асотирӣ дошта, ба гузашти замон ба расму одат ва ҳатто ойину маросимҳо табдил ёфта, ба фолклор ва осори хаттӣ ворид шуда, ҷанбаи бадеӣ касб кардаанд.

Аҳаммияти назарии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки хулосаҳои тадқиқот метавонанд дар омӯзиши масъалаҳои умумии фолклори Бадахшон ва фолклоршиносии тоҷик истифода шаванд. Инчунин маводи он барои омӯзиши илмии асотир, ривоят ва афсонаҳои ба ин мавзӯъ бахшидаи манотиқи Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки маводи рисола барои муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фалсафа, антропология, этнология, мардумшиносӣ ҳамчун сарчашмаи илмӣ ва оммавӣ хизмат мекунад.

Таҳқиқоти мазкурро дар дарсҳои фолклори тоҷик, дар навиштани китобу дастурҳои тахассусии методӣ-таълимӣ барои омӯзгорону донишҷӯёни мактабҳои олӣ метавон истифода кард.

Мақсади асосии пажӯҳиш ва ҳалли вазифаҳои диссертатсия талаби пешниҳод ва ҳимояи **нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи зеринро** ба миён овард:

– Суратмисолҳои асотирии ҳайвонот ва парандагон на танҳо намунаи нахустэҷоди бадеӣ мебошанд, балки ҳақиқати ҷамъиятӣ-таърихӣ ва ҷаҳонбинии мардуми Бадахшонро аз даврҳои қадим то ба имрӯз ифода мекунанд.

– Ривоятҳои асотирӣ дар миёни мардуми Бадахшон ҷойгоҳи хос дошта, бештар тавассути образҳои ҳайвонот ва парандагон мавриди шаклгирӣ қарор гирифтаанд.

– Аксари устураҳо бо мурури замон дар масири таърих ба расму оин ва анъана мубаддал шуда, ба маросимҳои мардумӣ низ роҳ ёфтаанд.

– Дар заминаи тасаввуроти ибтидоӣ одамон нисбат ба ин ё он намуди паранда ва ё ҳайвон эътиқоду боварҳо пайдо карда, бархе аз онҳо мавриди парастиш қарор ёфтаанд.

-Ин бовару эътиқодот сабаби ба вуҷуд омадани ақидаҳои тотемистӣ дар тафаккури мардумони тоҷик, аз ҷумла сокинони Бадахшон гардидаанд.

– Асотиру ривоятҳои асотирӣ доир ба ҳайвоноту парандагон аз ҷумлаи қадимтарин намуди афкори бадеии одамон ба ҳисоб рафта, на фақат чун манобеи жанрҳои насри мардумӣ эътироф шудаанд, балки бо иваз кардани шакли худ дар таркиби афсона, нақл, қисса ва дигар осори шифоҳӣ ҷойгоҳи хос пайдо кардаанд.

– Ҳар як халқ вобаста ба шароити иҷтимоӣ-таърихӣ ва муҳити табиӣ тасаввуроту ақидаҳо ва боварҳо нисбат ба ҷонварони табиат доранд. Мардуми тоҷик ва сокинони Бадахшон низ аз ин манфиат бархӯрдор шудаанд.

– Макони пайдоиши ақидаҳои асотирӣ мухталиф буда, мувофиқи шароиту муҳити зисти одамон ташаккул ва паҳн гардидаанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар фароҳам овардани мавод ва таҳлилу таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ дар он аст, ки муаллифи таҳқиқот сарчашмаҳои асотирӣ ва маросимиро вобаста ба мавзӯву мазмун тасниф ва таҳлил намудааст ва ин тарзи пажӯҳиш боис гардидааст, то: 1)

манбаъҳои асотирӣ ва маросимии фолклори тоҷик бо дигар халқҳо муқоиса шаванд; 2) ҷанбаи назарӣ ва таърихии пайдоиш ва ташаккули устураҳо доир ба ҳайвоноту парандагон таҳқиқ шавад; 3) архетипҳои парандагону ҳайвонот, ки дар устураҳо ҷойгир буда, шаклашонро ба расму ойин иваз кардаанд, нишон дода шаванд.

Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он. Рисола дар ҷаласаи васеи шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ (протоколи №1 аз 8.01.2021) муҳокима гардидааст.

Интишороти натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия ва баъзе андешаҳои таҳлилии он дар 2 монография, 1 брошюра, 18 мақола, ки аз онҳо 6 мақола дар нашрияҳои илмии таҳти қайди КОА-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВАК-и Федератсияи Русия ба табъ расидааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ ва андешаҳои таҳлилии диссертатсия дар маърӯзаҳои илмии муҳаққиқ дар симпозиум, конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла: Конференсияи байналмилалии “Наука, образование, инновация: актульные вопросы и современные взгляды” (Таллин, 16-18.12.2020), конференсияи байналмилалии “Становление и развитие нового гуманитарного и экономического знания” (Белгород, 30.03.2019), симпозиуми байналмилалии илмӣ бахшида ба “Наврӯз ва мақоми он дар фарҳангу тамаддуни умумибашарӣ” (Душанбе, 19.03.2016), конференсияи байналмилалии “Гуногунии агробиологӣ ва амнияти ғизо тавассути пойдор намудани озуқа ва василаҳои зиндагӣ дар доираи манзараҳои биофарҳангии манотиқи баландкӯҳи Тоҷикистон” (Хоруғ, 3–4. 08.2016), конференсияи ҷумҳуриявии “Саҳми Н.И. Вавилов дар омӯзиши захираҳои гинетикии Тоҷикистон” (Хоруғ, 2–3.12.2017), симпозиуми ҷумҳуриявии “Иқтисодиёт ва илми ВМКБ дирӯз, имрӯз ва фардо” (Хоруғ, 25–27.05.2005) мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, ду зерфасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯихати гӯяндаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 164 саҳифаи чопиро фаро мегирад.

БОБИ I

САБАБҲО ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ УСТУРАЭҶОДҲО ДОИР БА ҲАЙВОНОТ ДАР ОСОРИ ШИФОҲӢ

Фасли 1. Баҳси шарҳи истилоҳи “устура” дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ

Сарчашмаи бунёдии адабиёти хаттӣ аввал устура, баъдан осори шифоҳӣ мебошад.

Устураэҷодҳо бо пайдоиши эҳсоси дарки ашёшиносӣ кардани одамони ибтидоӣ вобастагӣ доранд. Замоне, ки шуури онҳо ташаккул ёфт ва оламро дарк кардан хостанд, барояшон бисёр ҳодисаву воқеаҳо, ашёҳо норавшан буданд. Аз ин рӯ барои дарки мавҷудоти табиат тасаввуроти аввалини худро ифода мекарданд, ки онҳо хусусияти асотирӣ доштанд ва нахустэҷодҳо ба шумор мерафтанд.

Шарҳи истилоҳи асотир дар фарҳангҳои мухталиф оварда шудааст. Масалан, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” устура ба истилоҳоти “хурофот” ва “афсона” шарҳ ёфтааст [176, 86]. Дар “Луғати русӣ–тоҷикӣ” он ба мафҳумҳои “миф 1. асотир, қисса, ривоят; 2. маънои маҷозӣ, аҷоибот, ғароибот, мӯъҷиза, фасона, лоғ” омадааст [179, 487]. Ин тарзи тафсир, ҳатто дар фарҳангҳои тахассусӣ ҳам ба назар мерасад.

Дар “Фарҳанги истилоҳи адабиётшиносӣ”, ки бо ибтикори чанде аз донишмандони тоҷик ба чоп расидааст, мафҳумҳои ёдшуда, ҳамчун муродифи якдигар фаҳмида шудаанд [177, 13].

Дар фарҳанги шашҷилдаи муҳаққиқи эронӣ Муин истилоҳи устура ба маънии афсона, қисса, сухани парешон тафсир ёфтааст [174, 267]. Яке аз муҳаққиқони рус В. М. Пивоев нисбати масъалаи мазкур ба ин маънӣ изҳори андеша намудаст: “Миф аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маъноҳои зиёдеро, аз қабили калима, мунозира, қисса, гуфтор, афсона ва масалро дар бар мегирад” [150, 3].

Нависандаи рус А. М. Горкий байни афсона ва асотир тафовут гузошта, қайд кардааст: “Асотирро одамон чизи ҳақиқӣ, вале афсонаро чизи хаёлӣ мепиндоштанд” [161, 5].

Фолклоршиноси рус Ю. И. Юдин дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқи афсонаҳои тамсилӣ ба хулоса омадааст, ки дар афсонаҳои тамсилӣ, ки тасаввуроту ақида ва боварҳои асотирӣ акс ёфтааст, онҳо маншаи тотемистӣ дошта, дар онҳо ақидаҳои тотемистӣ дергоҳ нигоҳ дошта шудаанд, “онҳоро мумкин аст, афсонаҳои асотирӣ номбар кард” [173,48].

Вобаста ба гуфтаҳои Ю. Юдин дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик ба ин масъала академик А. Раҳмонзода андешаи Ю. И. Бобоевро зери назар гирифта, таъкид бар он дорад, ки “афсона муродифи устура мебошад, аммо умумияте, ки дар миёни ин жанрҳо дида мешавад, имкон намедиҳад, ки ҳар дуро муродифи якдигар бидонем” [63, 49]. Албатта, байни асотиру афсона тафовут вуҷуд дорад ва онро муҳаққиқ бо далелҳои илмӣ собит намудаст.

Профессор Худоӣ Шарифзода дар хусуси асотир, афсона ва қисса андешаҳои илмӣ баён намуда, ба гузоштани сарҳад байни ин се намуди тафаккури бадеии одамон кӯшиш кардааст. Рушди устураро олим яке “аз марҳалаҳои оғозини фарҳангу адаб” маънидод намуда, то андозае асотирро “сабаби пайдоиши пӯшида” медонад, яъне пайдоиши чизе, ки тафаккур ва чашми бинанда аз фаҳмидани дидани он оҷиз аст [105, 70–71]. Бо такя ба андешаҳои муҳаққиқи эронӣ – Сарромӣ, Х. Шарифзода достони пайдоиши оташ, Заҳҳоки мордӯш, бар осмон рафтани Ковус, Аквондев, Искандар ва Кайди ҳиндӣ, Искандар ва моҳии ғӯлпайкар, кирми ҳафтвод, Талҳан ва Гавро асотирӣ менигорад [105, 70–71].

Номбурда ин се навъро ба таври алоҳида ҷудо намуда, якеро устура, дигареро афсона ва сеюмиро достон номидааст [105, 70–125].

Муҳаққиқ Равшани Раҳмонӣ хусусиятҳои умдаи афсонаҳоро натиҷагирӣ карда, тавзеҳ додааст, ки: “Ҳикояҳои асотирӣ” аз афсона тафовут дошта, ҳам шаклан, ҳам мазмунан ва ҳам услубан ҳар кадом

жанри мустақил аст [67, 99]. Дар адабиёти аврупой устураро миф (Myth) меноманд. Миф, аслан, вожаи юнонӣ буда, нақлҳои бофта ва сохтаи мардум дар бораи худоён ва паҳлавонон аст. Миф ё устураҳо тасаввуроти инсонҳои ҷомеаи ибтидоӣ мебошанд [68, 58–59]. Равшан Раҳмонӣ дар тақвияти мулоҳизаҳояш ба гуфтаҳои Мирчолияда ном пажӯҳишгаре руҷӯъ кардааст, ки ӯ навиштааст: “Инсони ҷомеаи бостонӣ бо тақлид аз кирдорҳои сармашқгунае Худо ё қаҳрамони устуравӣ ё танҳо бо бозгӯии моҷароҷӯиҳои онҳо худро аз замони фонӣ дур мекунад ва ба шакли ҷодуӣ вориди замони бузург, замони муқаддас мешавад” [68, 59]. Дар таълифоти иддае аз фолклоршиносони рус, ба мисли “Мифологические рассказы” [140, 46], “Мифологические рассказы и легенды” ҳамин мулоҳиза баён ёфтааст [141, 47].

Фолклоршиноси рус В. Я. Пропп дар хусуси робитаи ривоятҳои асотирӣ ва афсонаҳои сеҳромез ибрози назар намудааст. Ин ақидаро академик А. Раҳмонзода мавриди таҳлил қарор дода навиштааст: “В. Я. Пропп табиати таркиби устураро ба сифати нахустмабдаи поэтикӣ эътироф менамояд” [62, 8]. А. Раҳмонзода инчунин мафҳуми устура(миф)–ро аз нигоҳи донишманди фавқуззикр чунин шарҳ додааст: “Устура (миф) нақл дар бораи худоён ё мавҷудияти худоёне мебошад, ки дар воқеият одамон ба онҳо бовар доштанд” [62, 8].

Олими рус Ф. Х. Кессиди дар натиҷаи омӯхтани асотир ба чунин хулоса омадааст: “Асотир намуди махсуси ҳиссиёти ба худ хос, образнок ва тасаввуроти синкретӣ (омехта), дар бораи табиати воқеӣ ва рӯзгори умумибашариву шакли қадимии шуури ҷамъиятӣ мебошад” [134, 41].

Дилшод Раҳимов дар китоби дарсии “Фолклори тоҷик” таърифи устураро чунин шарҳ додааст: “Устура – шакли ибтидоии ҷаҳонбинии инсонҳои қадим буда, дар улуми ҷамъиятӣ ва инсонӣ як навъи ҳикояест, дар бораи офариниши оламу одам, худоёну фариштагон, қувваҳо ва ҳодисаҳои табиат ва пайдоиши ин ё он ҷонвару гиёҳ, ҷирмҳои осмониву ашёи заминӣ ва ғайра. Одамони қадим, азбаски қонуну ҳодисаҳо ва

нерӯҳои табиатро дуруст намедонистанд, дар паси ҳар як қувваи табиат худоеро тасаввур мекарданд ва онҳоро ба гунаи худ шарҳ медоданд. Барои ҳамин ҳам баъзе донишмандон устураҳоро шарҳу тафсири ҳаводис ва қувваҳои табиат шумурдаанд, ки баъдан ба шаклҳои дигари насри ҳикоятии шифоҳӣ даромадаанд” [55, 119–120].

Дар хусуси истилоҳи илмии ривоят ҳам ҳануз байни аҳли таҳқиқ баҳс вуҷуд дорад [68, 70–80]. Бо вуҷуди ин, иддае аз муҳаққиқони фарҳанги мардумӣ ба ривоят ҳамаи он чиро маҳсуб медонанд, ки дар он дар бораи кӯҳу теппа, нақшҳои рӯи санг, мазорҳо, зиёратгоҳҳо, ғорҳо, чашмаҳо, олами ҳайвоноту наботот, парандаҳо, хазандаҳо, ашхоси хаёлӣ, Хӯҷаи Хизр, Ҳотами Той, Луқмони Ҳаким, авлиёву анбиё, ашёву ҷинсҳои фавқуттабиӣ ва ғайра нақл мешавад [61, 92–96; 45, 29–52; 119, 66; 102, 56–61].

Академик А. Раҳмонзода қайд менамояд, ки дар адабиётшиносии тоҷик баъзан истилоҳи “ривоят”–ро ба маънои устура корбаст менамоянд. Иддае аз ривоятҳо аз даҳон ба даҳон гузаштаанд ва то замони мо расидаанд. Аз ин рӯ, корбасти он дар ифодаи мафҳуми устура тафовути ҷиддие фароҳам намеоварад [62, 28]. Муҳаққиқ ишора ба он дорад, ки асотир нахустин омили инкишофи адабиёти хаттӣ мебошад. Бисёрии ин ифодаву мафҳумҳо дар пайвастагии асотир ва ривоёт баён мешаванд, аз ин нигоҳ, нисбат ба онҳо истифода бурдани ибораи ривоятҳои асотирӣ ҳам шояд ҷоиз бошад. Зимнан асоси ҳам устураҳо ва ривоятҳо бовар ва эътиқоди одамони давраҳои ибтидоӣ нисбат ба аҷноси олами ҳастӣ ва хаёлӣ мебошанд. Маҳз, ақидаҳои анимистӣ (рӯҳпарастӣ) ва тотемистӣ (ҳайвонпарастӣ), ки хусусияти муҳими устураҳо ва ривоятҳо мебошанд, дар натиҷаи боварҳои одамон ба вуҷуд омада, дар замири онҳо нақш бастаанд.

Устурашинос Б. Малиновский таъкид намудаст, ки устура дар навбати худ нишондиҳандаи маросим ва таҷрибаи ҷамъиятӣ аст [161, 13].

Устурашиносон асотирро таърихи муқаддаси тамаддуни ҷамъияти ибтидоӣ номидаанд. Бо мурури замон устураҳо тавассути навъу намудҳои дигари фолклорӣ, бахусус, жанрҳои дигари насри шифоҳӣ густариш ёфтаанд. Ҳамин густариш ва пайвастагии асотир ва жанрҳои дигари насри мардумӣ боиси ба вуҷуд омадани баҳси зиёде гардидааст. Иддае аз аҳли таҳқиқ асотир ва қиссаро як намуд мешуморанд. Ба ақидаи мардумшиноси рус С. А. Токарев асотир ва қиссаҳоро аз ҳамдигар фарқ кардан душвор аст [161, 150]. Иддаи дигар исбот мекунанд, ки қисса аз навъҳои алоҳидаи эҷодиёти бадеии халқ буда, он дар асоси ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ эҷод шудааст. Бино ёфтани ягон шаҳр ё ба вуҷуд омадани ҷангҳо ва ғайра мавзӯи қиссаҳо мебошанд. Мавзуъ ва мӯҳтавои асотирро бошад, зуҳуроти ҳодисаҳои табиат ташкил медиҳанд.

Устод Худоӣ Шарифзода дар мавриди тафсиру ташреҳи истилоҳи “қисса” нигоштааст: “Тафовути қисса аз достон дар ин аст, ки якумро мепардозанд ва дуюмро месозанд. Мо гуфтем, ки қисса чизе дар асоси воқеияти аёнӣ пардохтааст. Пас, қисса чизе ба каси маълум рӯй дода аст, ки тавсифашро бояд мураттаб кард ва пардохт. Бинобар ин, қисса ва воқеоти зиндагии шахс бо тамоми шебу фароз аст, ки мувофиқи хоҳиши шунаванда ё ба нияти расондан ба ниёзмандон нақл карда мешавад”. Олим аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадааст ки: “Арзиши қисса аз дарёфт, ороиш ва банду баст вобаста аст. Қисса саргузашти ҳақиқии касе аст ва дар шакли эҳтимоли рӯйдоди воқеие ба маъраз оварда мешавад” [104, 295–299].

Академик А. Раҳмонзода дар таҳқиқоташ аз донишманди эронӣ Абулҳасайни Зарринкӯб иқтибос оварда менависад: “Дар ин фарзияи таҳқиқии донишманд ҷолиб он аст, ки устураро “қиссагуна” медонад ва онро ба ҳамин маънӣ маънидод менамояд” [62, 10]. Муҳаққиқ бо ин иктифо накарда, давом медиҳад: “Дар ин сурат назари муҳаққиқ қобили

дастгирӣ мебошад, зеро нақли асотирӣ ё худ шеваи таҳиягарии асотирӣ дар таркиби нақли қиссаҳои омиёна” мушоҳида мешавад. Қиссагӯйҳо ва ровиён дар тафсилоти воқеаҳои қисса ва кушодани саҷийяи персонажҳо аз тарзи нақли асотирӣ истифода мекунанд ва ба амали қаҳрамонон ва симои онҳо тобиши тасвири асотирӣ изофа мекунанд [62, 10].

Фолклоршинос Равшан Раҳмонӣ ин нуқтаро аз муҳаққиқи устурашиноси эронӣ Вусто Сархуш Картисӣ иқтибос карда, менигорад: “Устураҳои эронӣ қиссаҳо ва достонҳои кӯҳан ҳастанд, ки мавҷудоти хориқулода ё моварошабиро шомил мешаванд. Ин устураҳо, ки аз гузаштаи афсонаи Эрон бар ҷой мондаанд, дидгоҳҳои ҷомеаро мунъакис мекунанд, ки дар оғоз ба он тааллуқ доштанд, дидгоҳҳои ин мардум нисбат ба рӯёрӯи хайру шар, аъмоли худоён ва диловариҳои қаҳрамонон ва мавҷудоти афсонавӣ” [68, 90].

Худи Р. Раҳмонӣ, аз як сӯ, ба таъкид гирифтааст, ки “дар байни мардум анвои гуногуни боварҳо мавҷуд аст, ки онҳо дар шаклҳои гуногун: дуо, шугун, фол, афсун, ҳикояҳои асотирӣ ва ҳамчунин дар қолаби маросимҳои мухталиф ифода мегарданд. Бархе аз мардум ба ин гуна боварҳо на фақат эътиқод доранд, балки онро як ҷузъи зиндагии худ меҳисобанд”. Аз сӯи дигар, ин олим нигоштааст: Дар байни мардуми мо истилоҳи ягонае вуҷуд надорад, дар минтақаҳои гуногун ин гуна ҳикояҳоро “ривоят”, “нақл”, “нақли парӣ”, “ҳикояи Хизр”, “саргузашт”, “воқеа” ва амсоли инҳо меноманд [67, 92-93].

Бар замми ин Р. Раҳмонӣ навиштааст, ки ин нақлҳои кӯтоҳ буда, ҳоло низ дар миёни як бахши ҷомеа шӯҳрат доранд [67, 93]. Вобаста ба алоқамандии нақлу ривоят фолклоршиноси тоҷик Д. Обидов чунин изҳори нигаронӣ кардааст: “Нақл бо хусусияти жанрии худ ба ривоят хеле наздик аст. Баъзан ҳам нақл ва ҳам ривоят барои ифодаи як мақсад истифода мешаванд ва баробари ин барои исботи ин ақидааш

мавзӯъҳоеро меорад, ки ҳам заминаи воқеи ҳаётӣ ва ҳам тобиши тасаввуроти қадимӣ доранд” [42, 125].

Адабиётшиноси тоҷик Х. Отахонова устураро замина ва сарчашмаи ташаккули достон арзёбӣ намудааст. Ин ақидаро адабиётшиноси дигари тоҷик Х. Асозода низ тарафдорӣ намуда, таъкид мекунад, ки инсон дар гузашта орзуву омолашро тавассути афсона, латифа, қисса баён мекард, ки заминаи ин жанрҳо маҳсуб меёфт [63, 40–41]. Ҳамаи ин андешаҳо доир ба асотирро муҳаққиқ А. Раҳмонзода зери назар гирифта, чунин хулоса кардааст: “Устура як навъи адабӣ буда, дар шакли схоластикӣ ё ибтидоии он зуҳур ёфта, ормонҳои мардумро ифода кардааст” [63, 32].

Фолклоршиноси тоҷик Дилшод Раҳимов боз як хусусияти муҳими устураҳоро ишора карда, сабаби побарҷо мондани онҳоро чунин шарҳ додааст: “Як хусусияти муҳими устураҳо аз он иборат аст, ки онҳо дар назари мардум ҳақиқату муқаддасу арҷманд мебошанд. Нақл кардани асотир кори ҳар кас нест. Онро одамони салоҳиятдоре ҳикоя мекарданд, ки интихобшудаи ҷамъият буданд ва ё ҳастанд” [55, 120].

Ҳамин гуна ихтилофи назарҳо ё натиҷагириҳои мухталифро доир ба устура ва дигар жанрҳои насри лафзӣ низ дидан мумкин аст. Аз рӯи хулоса ва натиҷагириҳои аҳли адабу илм маълум мегардад, ки устура баробари як навъи махсуси тафаккури бадеии ибтидоии халқҳо буданаш ҳамчунин манбаи жанрҳои насри мардумӣ низ мебошад. Устура дар шаклгирии онҳо нақши муҳим бозида, бо хусусиятҳои худ дар таркиби афсона, нақл, қисса, ривоят ва ғайра мавқеашро нигоҳ доштааст. Ин аст, ки иддае аз муҳаққиқони осори бадеии шифоҳӣ ифодаҳои “афсонаҳои асотирӣ”, “ҳикояҳои асотирӣ”, “қиссаҳои асотир” ва ғайраро корбарӣ менамоянд.

Ривоятҳое, ки мавзӯи баҳси мо қарор гирифтаанд, бо унсурҳои асотирӣ дар сурати синкретӣ дар миёни мардум дар истеъмол мебошанд. Аз ин рӯ, муаллифи рисола баробари корбасти мафҳуми “устураҳо” ё

“асотир” истифодаи “ривоятҳои асотирӣ”–ро низ қобили қабул донистааст. Ин мафҳуму ибораҳо, махсусан, он бовару эътиқод, тасаввуру ақидаҳои қадимии одамон, ки дар нисбати ҳайвоноту паррандаҳо ва дигар ҷинсҳои ғайриинсӣ баён ёфтаанд, сарчашма мегиранд ва аз ҷумлаи қадимтарин намуди афкори бадеии одамон ба ҳисоб мераванд.

Ҳар як халқу миллат вобаста ба шароити иҷтимоӣ–таърихӣ ва муҳити воқеӣ–табиӣ тасаввуру ақидаҳо, ихлосу боварҳои худро нисбат ба ҷонварони табиат бо тарзҳои гуногун баён намуда, дар онҳо орзуву омоли нахустин одамонро тасвир кардаанд. Дар ин тасвирҳои фаровоқеӣ на танҳо офариниши инсону табиат таҷассум меёбанд, балки аввалин боварҳо доир ба набототу ҳайвонот бозтоб гардида, ҷанбаи эътиқодиву парастишии онҳо бозгӯӣ мегарданд. Ҳамин ҷанбаи тасаввуротии одами ибтидоӣ хело ҷолиб буда, пас он дар адабиёти шифоҳии халқ шакли дигар ва хусусиятҳои навро касб намудааст, ки дар бобҳои баъдӣ шарҳи онҳо пешниҳод мегарданд.

Фасли 2. Пайдоиши устураэҷодҳо дар бораи ҳайвоноту парандагон

Бовар ва эътиқод нисбат ба ҳайвоноту парандагон ақидаи тотемистиро ба вуҷуд оварда, дар устураҳо ва ривоятҳои асотирӣ бештар акс ёфтанд. Ақидаҳои тотемистӣ замоне пайдо шудаанд, ки нахустинсон ба табиат ва ҷинсу ашё вобастагӣ дошт. Ӯ эътимод пайдо кард, ки табиат қодирбор, мавҷудоти ҳастӣ тавоно аст, бевосита ба парастиши онҳо пардохтанд. Аз ин рӯ, бинишҳое, дар зеҳни одамҳо пайдо шудаанд, ки ҷанбаи эътиқодӣ доштанд ва онҳоро дар доираи қобилияти зеҳниву эҷодиашон тасаввур ва нақл карда, дар ҷараёни гузашти замон ба устура, афсона ва ривояту нақл табдил меёфтанд.

Баъзе масъалаҳои офаринишро одамони ибтидоӣ ба ҳайвонот алоқаманд дониста, онҳоро парастиш мекунанд ва ақидаҳои аввалини худро низ дар шакли устураҳо эҷод намуда, хислатҳои неку бадро ҳам ба

онҳо нисбат медоданд. Муҳаққиқи рус В. М. Пивоев ишора мекунад, ки мардуми финно – угории Русияи шимолӣ мурғобиро барои он муқаддас ва парастиш мекарданд, ки гӯё замину коинотро ӯ офарида бошад. Аз рӯи устураи ин қавмҳо мурғобӣ болои кӯҳ баромада хост, ки он ҷо тухм гузорад, лекин тухмаш афтида, аз як қисми он замину осмон, аз қисми сафедиаш моҳ ва аз қисми зардиаш офтоб ба вуҷуд омад [150, 20]. Ақидае, ки тухм рамзи ҳаёт аст ва моҳ ранги сафеди онро дорад ва ранги зардаш далолат ба офтоб мекунад, дар устура ва афсонаҳои дигар халқҳо низ ба мушоҳида мерасанд.

Мардуми Амрикои Ҷанубӣ бошанд, исфирудро парастиш намуда, ин парандаро офаринандаи замину коинот ҳисоб мекунанд [130, 250].

Устураҳое, ки хусусияти тотемистӣ доранд, дар давраи исломӣ низ арзи ҳастӣ намуда, мувофиқи фаҳмиши замон мазмуни исломӣ гирифтаанд. Масалан, тоторҳо нақл доранд, ки: Худованд мурғобиро фармуд, ки рафта гилро аз даруни баҳр фурӯ бурда биёрад. Мурғобӣ амри Худовандро ба ҷо овард ва омада гилро берун интиқол дод, ки аз он замин пайдо шуд [130, 250]. Ҳарчанд ки ин устура қаринаҳои гуногун дошта бошад ҳам, вале бо вуҷуди ин қаринанокӣ мурғобӣ ё худ парандаи обиро офаринандаи замин ҳисоб мекунанд. Маҳз парандаи обӣ метавонист хокро аз даруни об берун орад.

Дар қисме аз асотир агар ҷонварон офаринандаи замину коинот ҳисоб нашаванд ҳам, онҳо ба сифати ёрирасони офаринанда хизмат намуданд. Дар байни ҳиндуҳо тасаввуроте вуҷуд дошт, ки худояшон бо унвони Вишна савори сангпушт аз баҳр баромада, заминро офарид ва замин болои пушти сангпушт устувор аст. Тасаввурот оиди устувор будани замин пушти ҳар гуна ҳайвонот низ қариб дар байни тамоми халқияти дунё вуҷуд дорад. Тибқи эътиқоди мардуми Бадахшон замин болои гов устувор аст. Агар он гов ҳаракат кунад, заминҷунбӣ ба амал меояд [196]. Чунин ақида дар байни мардуми славяниасл низ вуҷуд

дорад. Ба ақидаи онҳо замин болои чор сар барзагов устувор аст [126, 204].

Дар тасаввури бархе аз қабилаҳои Сибир бошад, се намуди асп, дар дигараш гов, ҳатто моҳӣ низ заминро дар болояшон нигоҳ медорад [126, 204]. Ҳамин тавр, ҳодисоти табииро низ ба ҷонварон алоқаманд менамуданд.

Дар баробари ин, бархе аз халқият Худояшонро дар сурати ҳайвонот тасаввур мекарданд. Адабиётшинос Ҳ. Муродов дар тадқиқоташ овардааст, ки ба пиндошти зардуштиён Худои об Тиштир дар сурати асп будааст [144, 9]. Ҳамин тарзи тасаввурот бори дигар шакли қадимии асотирро нишон медиҳад. Инсоният бо мурури замон ба гармӣ зарурат пайдо намуда, афрӯхтани оташро кашф карданд. Пайдоиши оташро низ ба олами парандагон нисбат дода, бархе аз онҳо чун намоди гармӣ мавқеъ пайдо карданд. Ин тасаввурот низ дар ҳар халқият мувофиқи шароити иқлимиашон баён гардидааст. Агар бархе аз халқиятҳо уқобро офаринандаи оташ ҳисоб кунанд, қисме аз халқиятҳо хурӯсро намоди оташ ва гурӯҳи дигар харро намоди офтоб ҳисоб карданд [186, 4]. Дар давраҳои то замони насронӣ асп рамзи офтоб ва барзагов рамзи моҳ аст [164, 21]. Дар Мисри қадим ҳам хар намоди офтоб аст ва дар образи он баъзан Худои гармиро тасвир менамуданд [186, 4].

Бар замми ин бархе аз ҳайвонот агар рамзи гармӣ набошанд ҳам, вале онҳо чун мададрасони офтоб тасаввур мешуданд. Ақидае вуҷуд дошт, ки офтоб саҳарӣ савори барзагов, нисфирӯзӣ савори асп ва бегоҳӣ савори харгӯш шуда, дар атрофи олам давр мезанад [130, 251].

Ба гузашти айём одамон тадриҷан ба парвариши бархе аз ҳайвонот шурӯъ карданд. Ҳайвоноте, ки дар рӯзгорашон ба онҳо зарурат пайдо намуданд, онҳоро хонагӣ карданд ва доир ба хислату хосияташон ҳар гуна ақидаҳоро ба вуҷуд оварданд. Дар ниҳояти ин гуна тасаввурот баъзе аз ҳайвоноту парандагонро ба омили парастиш табдил додаанд.

Бархе қавму қабоил ва халқҳо тотемро ҳам чун саромади худ парастиш карда, нисбат ба онҳо ихлоси махсус зоҳир менамуданд. Тибқи тадқиқоти донишмадони таърихи дунёи қадим дар замони пеш хешигарии одамон аз рӯи тотем муайян карда мешуд. Масалан, агар тотеми як қабила уқоб бошад, аз қабилаи дигар зоғ аст. Халқияти зироаткори Мисру Юнон барзагов ва дар Ҳиндустон мору говро муқаддас медонанд ва қабилаи африкоӣ агар яке фил ва гамбускакро парастиш кунанд, дигаре ба тортанак, сангпушт ё саг эътимоди комил доранд. Мардуми манотиқи Шимолии Русия бошанд, гавазнро муқаддас ҳисоб мекунанд [137, 5].

Тотемро аз дигар ҳамҷинсон дар ҷойҳои махсус нигоҳ медоштанд ва ҳатто онҳоро ба занону кӯдакон нишон намедоданд, танҳо мардон ва ё калонсолон иҷозати дидани тотем доштанд. Шикор кардани тотем ва ҳатто бо он рӯбарӯ шудан қотеъона манъ буд, номи онро ба забон намегирифтанд, вайро “падар” ё “бобо” меномиданд. Тотемро танҳо он паранда ва ё ҳайвон интихоб менамуданд, ки вай муқими ҳамон макон бошад. Инчунин одамони ибтидоӣ ба тотемҳояшон ҳар гуна рамзҳоро нисбат медоданд. Масалан, ҳиндуҳо говро рамзи фаровонӣ, серҳосилӣ ҳисобида, соле як бор ба хотири тотемашон маросими қурбониро анҷом медоданд [181, 77]. Илова бар ин ақида доштанд, ки агар нисбати тотем беэътиноӣ зоҳир шавад, бар сари тамоми қабила бадбахтӣ меояд.

Дар иртибот ба андешаҳои тотемистӣ устураҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки дар онҳо ҳайвон ё паранда сурати одамиро гирифта ба инсон ёрӣ мерасондааст. Дар устураи мардуми юрмон омадааст: “Шикорчӣ хост қуро шикор кунад. Қу ба сурати духтари соҳибҷамол даромад. Шикорчӣ аз шикораш боз монда, қуро ба занӣ гирифт. Ин паранда шикорчиро ба як шахси давлатманд табдил дод” [124, 369]. Дар устураи мардуми Бошқирдистон чунин ақида ба гург нисбат дода шудааст [124,369]. Дар ҳар ду устураҳо ҳам ҷонварон ба сурати одамӣ табдил

ёфта, инсон бо онҳо издивоҷ кард ва аз насли онҳо одамизод арзи вуҷуд намуд.

Академик А. Раҳмонзода дар таҳқиқоташ қайд менамояд, ки: “Образи асотириву фолклории “Симурғ” ё мурғи “Ҳумо” ҳамин гуна хусусиятро дар фарҳанги тоҷикӣ доро мебошад. Онҳо ҳамчун суратмисоли устуравӣ падид омадаанд ва тотемҳое (ҷонвароне) мебошанд, ки бо одамон некӣ ва наздикӣ пайдо кардаанд” [63, 60]. Чунин тасаввурот дар байни дигар халқиятҳо низ вуҷуд доранд.

Мардумшиноси англис Робертсон Смит ба қайд гирифтааст, ки “табиат ҳам монанди одамизод ба гурӯҳҳо ҷудо мешавад, ки онҳо низ муносибати хешу таборӣ доранд. Азбаски дар ҷамъияти ибтидоӣ одамон ба қабилаҳо ҷудо шуданд, гумон доштанд, ки ҳамаи ашёи зинда ва беҷон бояд монанди онҳо амал кунанд, чизу чораи табиат чун онҳо низ ҷамъият доранд. Аз ҳамин ҷо, ақидае пайдо шудааст, ки байни инсону ҳайвон ва парандагону дигар ҷинсҳои табиат муносибати хешу таборӣ вуҷуд дорад” [161, 564]. Дар ҷамъияти ибтидоӣ қабилаҳо бо номи тотеми худ аз ҳамдигар фарқ мекарданд, ки дар ин бора, аз ҷумла, муҷассамаҳои ҳайвонотҳо, ки аз гӯрхонаҳои қабилаҳои сакоии Помир ба даст омадаанд ва онҳо дар либоси одамон дӯхта шудаанд, шаҳодат медиҳанд [14, 199]. Илова бар ин сарчашмаҳои адабӣ нишон медиҳанд, ки нахустинсон ҳатто тарзи табобатро аз ҳайвоноту парандагон гирифтааст. Закариёи Розӣ дар таълифоташ нишон додааст: “Уқоб ҳангоми тухм гузоштан ва баровардан бар ӯ мушкилӣ мешавад ба ҳадде, ки ба пои марг мерасад, аз ин рӯ парвоз мекунад ва сангеро ҳозир мекунад, ки қилқил ном дорад. Бештари мардум онро “санги ақоб” низ меноманд. Уқоб онро дар зери худ мегузорад, то кори тухмгузориаш осон шавад ва мардум амали уқобро таҷриба карда, дар замони сахти таваллуди зан аз ин санг истифода мебаранд” [71, 13].

Дар баъзе сарчашмаҳо чунин оварда шудааст: “Уқоб барои сиҳату солим баровардани чӯҷаҳояш донаи гиёҳи қилқил, ки он сиёҳи хушбӯй

аст, истифода мебарад. Инсон низ он донаро аз лонаи уқоб пайдо намуда, ба гардани зани ҳомиладор меовезад, то ки давраи ҳомиладорӣ бе хавфу хатар анҷом пазирад” [71, 13].

Илова ба ин, мор дар зимистон ба зери хок фурӯ меравад ва ҳангоми баҳор аз ҷои хоб берун меояд, ки чашмонашро тирагӣ гирифта, биноияш қаноатбахш нест. Дар ин дам вай гиёҳи навдамидаи розиёнаро пайдо карда чашмонашро ба он мемолад. Дар натиҷа тирагии чашм барҳам хӯрда, биноияш барқарор мешавад. Мардум морро мушоҳида намуда ин гиёҳро истифода мебурданд ва тирагию залилии чашмро бартараф менамуданд [71, 13]. Ҳамин тарз истифода бурдани таҷрибаи олами ҳайвонот вобаста ба дигар парандагон низ вуҷуд дорад. Шояд нишонаи дигари эътиқоди мардум нисбат ба олами ҳайвонот ва дар заминаи он пайдо шудани устураҳо, урфу одатҳо, расму ойинҳо дар ҳамин заминаҳо ташаккул ёфтаанд.

Ба ғайр аз ин, бино бар сабаби он ки нахустинсон дар ҳаёташ таҷрибаи кофӣ надошт, ки мушкилоти табиатро дуруст дарк намекард. Боварҳои худро ба ҷонварон алоқаманд мекард ва ба онҳо бартарӣ медод ва ҳар гуна андешаҳои ибтидоии хаёлиро ба ҳайвоноту парандагон нисбат медоданд. Чунин намуди нигоришро дар аксари кишварҳо мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар заминаи боварию эътиқод ба ҷонварон гоҳо пайомадҳо низ пешгӯӣ мегардид. Ҳамзамон онҳо барои пайдо шудани расму маросимҳо низ замина гузоштанд. Дар ин бора академик А. Раҳмонзода изҳори назар карда, менависад: “Устураҳо аз замони пайдоишашон ба рамзҳое рӯбарӯ шуданд, ки дар онҳо муроди мардум ба таври мавҳум ифода меёфт ва устурапардозон низ кӯшиш мекарданд, ки хусусият ва табиати мардумро бо тотемҳо наздик намоянд ва ҳастии рӯҳиашонро ба онҳо пайванд намоянд. Дар чунин ҳолатҳо тотемҳои бадеӣ арзиши бузург дар маросимҳои оиниву қавмӣ пайдо карда, аз тарафи оммаи мардум ситуда мешавад” [62, 22].

Аз ин рӯ, ба андешаи муҳаққиқ устура ҳамчун зуҳуроти ибтидоиву архаистӣ дар тасаввуроти инсонӣ боқӣ мемонад ва онро ҳамчун намунаи маърифат пазируфтан дуруст аст [62, 27]. Бо мурури замон инсон маҳбубияти худро нисбати олами ҳайвонот дар ҳаёти маишиашон низ нишон медод. Дар асоси ин эътимод рақсҳое ҳам ба вуҷуд омаданд. Дар ин лаҳза инсон дар иҷрои рақс ба олами ҳайвонот тақлид намуда, баъзан ҳатто меҳнати одамон дар он таҷассум мегардид. Ин рақсро Низом Нурҷонов низ дар тадқиқоташ нишон дода, қайд менамояд: “Ин гуна рақсҳо имрӯз ҳам дар деҳаҳои дурдаст иҷро мегарданд, шояд дертар пайдо шуда бошанд, вале онҳо дар заминаи суннатҳои хеле қадим тавлид ёфтаанд” [39, 100].

Дар пояи чунин арзишҳо устураҳо вобаста ба ҳайвоноту парандагон ба вуҷуд омада, сарчашмаи пайдоишашонро эътиқоду боварҳои бостонии мардум ҳисобидан ба назари мо хато нест. Аз назари А. Раҳмонзода низ ин тасвирҳо нишонаи фарҳанги қадима мебошанд [63,60].

Дар чунин ҳолат сарчашмаи пайдо шудани устураҳо вобаста ба ҳайвоноту парандагон аввалан, агар тасаввурот оиди офариниши олам ва наслу авлод бошад, дувум ин саҳми ҷонварон дар беҳбуди рӯзгорашон аст. Савум, нахустинсон амалу рафтори ҳайвонотро таҷриба карда, дар зиндагиаш аз он фаровон истифода менамояд. Ҳатто инсон аз рӯи нақлҳои асотирӣ тарзи табобатро аз ҳайвонот омӯхтааст. Чорум, инсон ҳодисоту воқеоти дар пеш истодаро аз рӯи амалу рафтори ҳайвоноту парандагон пешгӯӣ кардааст. Ин навъ ихлос нисбати бархе аз ҳайвоноту парандагон омили дигари пайдо шудани устураҳо гардидаанд. Дар маҷмуъ афсона, дигар осори шифоҳӣ, расму одат, ойину маросимҳо, эътиқоду боварҳо нисбати олами ҳайвонот сарчашмаи пайдоиши асотир гардидааст.

Фасли 3. Парастиши ҳайвонот ва инъикоси онҳо дар нақлҳо ва ривоятҳои асотирӣ дар миёни мардуми Бадахшон

Зерфасли 1. Мавқеи устураэҷодҳои бостонӣ доир ба ҷонварони некхосият дар миёни сокинони Бадахшон

Дар миёни халқиятҳои қадимаи эронитабор, аз ҷумла тоҷикону сокинони муқими Бадахшон мувофиқи хислату саҷия ҳайвонот ба гуруҳҳо ҷудо шуда, ҳайвоноте, ки дар рӯзгорашон нақши муҳим доштанд, ба онҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, нисбат ба онҳо ҳар гуна эътиқоду боварҳоро ба вуҷуд меовардaнд. Дар ин замина баробари ақидаи асотирӣ ҳар гуна расму маросимро кашф карда, ҳайвонҳоро парастиш менамуданд.

Муқаддас донистани қисме аз онҳо ба фаҳму идроки одамони қадим ва тарзи зисту зиндагониашон вобастагии зич дошт. Тахмин мешавад, ки парастиши ҳайвон замоне пайдо шуд, ки нахустинсон ба чорводорию зироатпарварӣ машғул шуда буд. Устураҳои алоқаманд ба парастиши ҳайвонот аз як сӯ, агар нишондиҳандаи алоқамандии тарзи зисту зиндагонии инсони ибтидоӣ бошанд, аз тарафи дигар, баёнгари ақидаҳои маърифатии нахустодамҳо ба шумор мераванд. Бо гузашти замон як қисм нақлҳои асотирӣ хусусияти панду андарзиро касб карда, эътимоди мардум нисбат ба бархе аз онҳо то кунун боқӣ мондааст. Ҳайвоноте, ки мувофиқи мӯҳтавои асотиру ривоятҳо ва эътиқоду боварҳо дар байни мардуми тоҷик роиҷ мебошанд, дар миёни қавмҳои ҳамнажод ба мушоҳида мерасанд. Ин гуна монандӣ аз як сӯ, агар ягонагии тасаввуроти асотириро нишон диҳад, аз тарафи дигар, дар равобити маънавӣ қарор доштани қавмҳои ба ҳам наздикро равшан месозанд. Ҳамин хусусиятро дар образи асп дидан мумкин аст.

Доир ба асп аз замонҳои қадим халқияти гуногун аз ҷумла тоҷикон асотиру ривоятҳои зиёдеро гуфтаанд, ки бархе аз онҳо имрӯз ҳам вирди забони мардум мебошанд. Масалан, дар ривояте омадааст, қабл аз он ки бо амри Офаридгори оламу одам пайкари одамӣ аз хок сиришта шуд, асп мавҷуд будаст [88, 47– 48]. Асп аз замони хеле қадим ба инсон ром

шудааст. Ба ин устухони аспҳои ромшуда, ки дар натиҷаи ковишҳои ҳафриёт пайдо шудаанд, шаҳодат медиҳад.

Ҳиндуҳои қадим ақида доштанд, ки худояшон дар сурати аспи сафед буд. Инчунин, онҳо худое бо номи Митра доштанд, ки вайро гӯё аспони сафед ба осмон бурданд [127, 34]. Митра дар забони тоҷикӣ меҳр, яъне офтоб буда, дар тасаввури қадимии мардум чун як инсоне аст, ки савори асп мебошад ва осмонро давр зада, ба инсону табиат нуру зиё мебахшад. Чунин маҳбубият нисбати асп баёнгари он буд, ки ҳатто зардуштиён эзадеро бо номи Дрвасп мегуфтанд, яъне дорандаи аспи дуруст, ки чорпоёну сутуронро тандуруст нигоҳ медошт [4, 677]. Ҳамин гуна тасаввурот дар миёни мардуми ориётабор, аз ҷумла тоҷикон низ ба назар мерасад, ки маҳз эзадон ва ашхоси бузург соҳиби асп буданд.

Дар Шуғнон ва Бартанг аспи нарро “ворҷ”, дар забони рӯшонӣ “вурҷ”, дар Вахон “яш” ва дар Язгулом “варағ” мегӯянд. Модаи он дар Шуғнону Рӯшон “верз” номида мешавад.

Муҳаққиқи рус В. А. Часникова дар тадқиқоташ қайд кардааст, ки “Муҳаммад пайғамбарро аспи сафеди қанотдор бо номи Буроқ ба назди Худо бурд. Аспи қанотдор дар миёни мардуми Юнон низ хеле маъмул аст” [186, 8]. Дар кишвари Япония дар назди ибодатгоҳ аспи сафедро нигоҳ медоштанд ва ҳангоми ба ҷо овардани баъзе маросимҳои динӣ онро истифода мебурданд. Мардуми славяниасл низ нисбати аспи сафед ихлос дошта, ақида доранд, ки аспи сафед ба Худояшон Святовит тааллуқ дошт [184, 10]. Дар иртиботи ин андеша Умари Хаём шояд ба эътиқоди мардумӣ такя намуда, дар “Наврӯзнома” ишора ба он дорад, ки савори аспи сафед ҳама вақт дар муҳорибаҳо ғолиб мебарояд [144, 23]. Мардуми Бадахшон ҳам нисбат ба аспи сафед таваҷҷуҳи зиёд доранд. Ба ақидаи онҳо низ аспи сафед хосияти нек дорад.

Ба амали соҳирии туркҳои Сибир осори тасаввуроти қадим дар бораи аспи сеҳрнок алоқаманд аст. Аз рӯи ин тасаввурот гӯё шаман (сеҳргар) дар мавриди азоимхонӣ дар олами “боло” сайёҳат мекардааст

[116, 108]. Мувофиқи ақидаи мардуми славяниасл асп ҳам ба олами кайҳонӣ, ҳам ба олами заминӣ ва ҳам ба олами зери заминӣ алоқамандӣ дорад [186, 5]. Дар тасаввуроти мардумӣ аспи олами болоӣ аспи муқаррарӣ набуда, балки мисли паранда қанот дорад. Ин намуди асп ҳама вақт саворашро аз душман наҷот дода, вайро ба муроду мақсад мерасонад. Ҳатто авлиёву анбиёро чуноне ки ишора рафт, савори аспи қанотдор тасаввур мекарданд. Дар бисёр афсонаҳои халқи тоҷик низ аз хусуси аспи қанотдор сухан рафтааст, ки аспи қанотдор қаҳрамони афсонаро ба муроду мақсад расондааст. Дар як афсона агар, тибқи тахайюлоти ормонбахш, шоҳзода савори аспи қанотдор шуда, дар муддати кутоҳ барои шоҳдухтар себи ҳаётро оварда, ӯро аз марг наҷот дода буд, дар афсонаи дигар, баҳодурро аспи қанотдор аз марг наҷот додааст [15, 211].

Асп бисёр ҳассос ва тезбин буда, аз қувваҳои бадӣ зуд огоҳ мешавад ва соҳибаш (савораш)–ро ба манзил безарар мерасонад. Шояд аз ин рӯ, дар замони пеш дар Самарқанд арӯсро бегоҳӣ савори асп ба хонаи домод меоварданд, боварӣ доштанд, ки асп арӯсро аз қувваи бадӣ муҳофизат менамояд [143, 43].

Дар тасаввуроти қадимии мардуми Олмон ҳам чунин ақида вуҷуд дошт, ки асп қувваи бадиро меронад. Ба ақидаи онҳо асп намояндаи Эзад дар замин аст [184, 11]. Дар хусуси дар назди ашхоси бузург мунис будани аспро муҳаққиқ М. Мирбобоев низ зери назар гирифтааст [30,102]. Дар олами поён (зери заминӣ) асп сурати ҷонварони зеризаминиро доро аст. Ҳар се намуди асп ҳама вақт мададгори инсонанд.

Мувофиқи ишораи солномаҳои хитоии “Таншу” ва “Суйшу” беҳтарин аспҳои хушзот дар Хуталон парвариш меёфтанд. Ин зоти аспҳо аз дигар намуди аспҳо бартарӣ дошта, онҳо гӯё аз насли аспҳои “осмонӣ”, ки дар яке аз ғорҳои Тахористон зиндагӣ мекунанд, пайдо шудаанд [69, 61]. Ин гуфтаҳо ишора ба он аст, ки мардуми тоҷик ҳанӯз аз

замонҳои хеле қадим аспро парвариш карда, нисбати он эътиқоди махсусро зоҳир мекарданд.

Муҳаққиқ Ҳ. Муродов дар тадқиқоташ образи аспро дар адабиёти бадеӣ мавриди таҳлил қарор дода, дар асоси устураҳои дар “Авасто” дарҷ гардида, нишон додааст, ки тамоми корнамоии қаҳрамонони замони Зардушт ба асп алоқаманд будааст [144, 9]. Қаҳрамононашон ё дар сурати асп буданд, ё ин ки тавассути аспашон бар қувваи бадӣ ҳама вақт ғолиб мебаромаданд.

Дар байни мардуми Бадахшон расме барқарор будааст, ки баробари аз хона баровардани майити шахси соҳибмақом аспро низ оро дода аз ҳавлӣ берун мебаровардaнд. Дар Балҷувон бошад, вақте ки мурдаро қабр карданд, аспро мекушанд ва гӯшташро дар маросими мотам истифода мебурданд [114, 48]. Мардумшиноси осетин Б. А. Калоев таълифоти М. М. Ковалевский ном таърихшиносро зери назар гирифта, байни мардуми Осетин ривоҷ доштани одатеро бозгӯй мекунад, ки мувофиқи он агар шахсе вафот мекард, аспашро бо зину лаҷомаш низ қабр мекарданд. Ин расм ҳозир ҳам вуҷуд дорад, вале акнун аспро қабр накарда, балки як нӯги гӯш ё мӯи вайро бурида ҳамроҳи марҳум дар қабр мегузоранд, гӯё ба нияти он ки асп инсонро аз ҷаҳаннам наҷот медиҳад [132, 73]. Шоир ва адабиётшиноси тоҷик Тилло Пулодӣ як одати ҳокимони Шуғнонро ба қайд гирифтааст, ки он ба ин одати мардумони гуногунаслу нажод алоқаи зич дорад. Тилло Пулодӣ нигоштааст: “Дар замони шоҳон дар Шуғнон чунин одате ҳукмфармо буд, вақте ки сардори давлат (шоҳ, ҳоким, султон) вафот мекард, аспи ӯро бо зину лаҷоми заррин оро дода, бо ҷанозаи ӯ аз ҳавлӣ ё дарбор берун мебаровардaнд ва ба гадое тақдим мекарданд. Аспи Муҳаббатхонро ҳам (ҳокими Шуғнон), ки Марворигул ном дошт, пешопеши ҷанозаи ӯ аз дарбор бароварда, ба сӯи қабристон мебаранд. Баъд аз гӯр кардани шоҳ аспи ӯро ба қаландаре медиҳанд” [53, 55].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих” боби махсусро бо унвони “Қаноти мард ва сутуни пойдори давлат” таълиф намуда, дар тӯли қарнҳо таваҷҷуҳи мардуми тоҷикро нисбати асп нишон додааст. Мавсуф аз нигоҳи ровиёну муаррихон ба зоти аспҳои хатлонӣ ва бохтарӣ баҳои баланд додааст [69, 62]. Ин гуфтаҳо бори дигар гувоҳӣ медиҳанд, ки беҳтарин зоти аспҳоро дар тӯли таърих тоҷикон парвариданд ва онҳоро ҳатто аз Юнону Руму Чин харидорӣ менамуданд. Дар сарчашмаҳо ишора шудааст, ки Искандари Мақдунӣ шаҳре бунёд карда, онро бо номи аспаш Бутсефал гузоштааст [80, 31].

Қариб дар тамоми сарчашмаҳои адабиву таърихӣ аз боби хислати неки асп сухан рафтааст. Достони “Гӯрғулӣ” нишондиҳандаи қадимтарин намунаи фарҳангу маънавиёти мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар ин достон саропо сифатҳои хуби асп акс ёфта, эътибори мардуми тоҷик бори дигар нисбати ин ҳайвон нишон дода шудааст. Аспҳои достони “Гӯрғулӣ” баробари қаҳрамонони ватандӯсти достон на танҳо ҳимоятгари Ватан, балки мисли инсони хуб дар тамоми кирдорҳои нек амал мекунанд. Ҳатто дар душвортарин лаҳзаҳо қаҳрамони достон Аваз ба асп чун инсон дарду аламашро баён мекардааст [19, 65]. Вақте ки Аваз барои духтари Қаҳқаҳа–Зулхумор меояд, мардумро аспи асрорангезаш дар ҳайрат мегузорад. Дар ин лаҳза Аваз чунин гуфтааст:

Аспи маро нархаш,
Ҳафтшаҳри бабозор.
Зулхумор дар болояш,
Ҳар кас бошад, харидор [83, 318].

Дилшод Раҳимӣ дар мавриди иртиботи Гӯрғулӣ бо аспаш чунин навиштааст: “Нишонаи дигари мансубияти Гӯрғулӣ ба як қаҳрамони асотирӣ ин аст, ки ӯ бо асп пайвастагии ғайриодӣ дорад. Ҷолиб ин аст, ки худи Гӯрғулӣ бо шири асп калон мешавад ва дар навбати худ ба аспаш шири инсон медиҳад. Ӯ ба курраи аспаш шири инсон мехӯронад,

то ки ақли инсонро гирад, шири рӯбоҳ медиҳад, то ки зирак шавад, шири харгӯш медиҳад, то ҳушёр бошад. Аспи Гӯрғулӣ аспи донову боақл буда, суханони соҳибашро гӯш мекунад, мефаҳмад ва баъзан механдад. Иртиботи Гӯрғулӣ бо асп таърихи тӯлонӣ дошта, ба ақидаҳои қадимтарини тотемистӣ реша меандозад” [57, 121–122].

Ҳамин гуна хислат ба аспи Рустами достон Рахш, ки дар достонҳои “Шоҳнома” тасвир ва васф мешавад, хос аст. Асп мувофиқи қиссаву ривоятҳои “Шоҳнома” ҷонвари бовафо, дӯсту ҳамсафари паҳлавонон аст. Вай ба Рустам аз аввали корнамоиҳояш, то лаҳзаҳои охирини ҳаёти соҳибаш бовафову содиқ буд. Дар “Ҳафт хон”–и Рустам корнамоии аввалин кушта шудани шери ба зарби суми Рахш оварда шудааст. Вақте ки Рустамро ШаҒод ва шоҳи Кобул қасди куштан намуданд, ба шикор даъват карданд ва дар сари роҳи вай чоҳҳо канданд. Рахш бо қувваи ниҳонӣ огоҳ гардид ва пеш рафтан намехост. Рустам аз ин ба хашм омада, зӯран вайро пеш ронд ва ҳар ду ба чоҳе афтида нобуд шуданд [22,235].

Фирдавсӣ хислатҳои инсониро аз қабили ҷасур, чолок, бофаҳму ҳушро дар образи аспҳои достонаш акс намудааст. Корнамоиҳое, ки дар достон ба вуқӯъ пайвастанд, ҳамаи онҳо бо шарофати аспон ба вуҷуд омаданд. Дар лаҳзаи охири ҳаёт Сиёвуш сарнавишти минбаъдаи писараш Кайхусравро ба аспи бовафояш супорида буд [144, 22]. Дар ин гуна тасвирҳо, ки устураҳо шакли ҳамосӣ гирифтанд ва ба таркиби достон ворид шудаанд, биниши бостонии мардуми ориёӣ ва боварҳои онҳоро доир ба асп бозтоб менамоянд. Эътиқод нисбат ба асп дар даврахои минбаъда низ мушоҳида шуда, ҳамчун ҷонвари содиқ нисбат ба соҳибаш тавсиф шудааст.

Дар Кӯҳистони Бадахшон асп наҷотдиҳандаи соҳибаш аз хатари даҳшатноктарин тасвир шудааст [215].

Мардуми Бадахшон бовар доштаанд, ки агар кӯдак ба дарди кабудсулфа гирифтор мешуд, аз савори аспи кабуд мепурсиданд: “Эй

савори аспи кабуд, бигӯ, ки ба дарди кабудсулфа чӣ даво мешавад?”. Кадом тарзи табобате, ки он шахс мефармуд, ҳамон гуфтааш давои дард мешуд. Ин гуна боварӣ бори дигар эътимоди мардумиро нисбати асп исбот мекард.

Дар қисме аз рустоҳо то даҳсолаҳои охир расме барқарор буд, ки барои хосияту сифати нек доштани асп дар субҳи аввали ҷашни Наврӯз вайро дохили хона мекарданд, ба он хотир, ки он сол хушхосият бошад.

Дар қарнҳои гузашта, мардум орзу доштанд, ки соҳиби асп бошанд. Шояд аз ин сабаб ҳам Унсурулмаолии Кайковус дар “Қобуснома” қайд кардааст, ки нигоҳ доштани асп дар хона кори хайр ва олиҳиммат аст [79, 79].

Бо таҳвият ба гуфтаҳои боло Умари Хаём дар “Наврӯзнома” тавсифи аспро аз забони Хусрави Парвиз чунин васф менамояд: “Хусрави Парвизро аспи Шабдиз пеш оварданд, то барнишинад. Гуфт: Агар бартар аз одамӣ Яздонро банда будӣ, ҷаҳон ба мо надодӣ ва агар бартар аз асп чаҳорпое будӣ, аспро бар нишасти мо накардӣ”. Ва ҳам ӯ гӯяд, ки подшоҳ солори мардон асту асп солори чаҳорпоён” [77, 53].

Бо такя ба ин гуфтаҳо Пешвои миллат, асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон менависад: “Асп зеби хонадони ҳар марди тоҷик буд. Воқеан зиндагии мардуми тоҷик тарзе сурат гирифтааст, ки онро бе асп тасаввур кардан мушкил аст. Дар баробари ин афзудааст, “аспи хубу зани хуб қаноти мард аст” [69, 55].

Эътимоди мардумӣ нисбат ба асп боз аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Бадахшон дар мавзеъҳои гуногун остонҳо бо унвони “асппой”, “асп остон” ёд мешаванд. Бунёди номгузории сангҳо дар иртибот ба олами ҳайвонот ба замони хеле қадим, яъне асри санг реша давондааст. Ин гуна ихлос бо гузашти замон шаклу тобиши навро гирифтааст. Ба гуфти фолклоршиноси тоҷик Н. Шакармамадов аз рӯи як ривоят асп қабл аз офарида шудани одам вуҷуд дошта, аз ҷумлаи аввалин ҳайвонест, ки муниси инсон гардидааст [89, 83]. Ин гуна боварҳо дар афсонаҳо хеле

равшан инъикос ёфта, бори дигар таваҷҷуҳи мардумро нисбат ба асп бозгӯй менамоянд. Дар афсонаи тоҷикони минтақаи Бадахшон подшоҳ ҳар бор Баҳодурро ба ҷойҳои хавфнок равона мекард, то ки вай нобуд шавад. Азбаски Баҳодур соҳиби аспи қанотдор буд, бо шарофати он ҳама вақт зиндаву саломат аз ҳама гуна хатарҳо баромад [157, 163]. Дар афсонаҳо одатан деви ҳафтсар соҳиби аспи Бод ва шамол аст. Биниши асотирӣ нисбати асп ба фолклори бачагона низ роҳ ёфта, бачагон сурудҳои гуногунро дар васфи асп мегуфтанд ва муносибати некашонро нисбат ба он баён менамуданд:

Давидему давидем,
Сари бозор расидем.
Аспи ало харидем,
Аспи ало зин гӯяд.
Қамчини нақшин гӯяд.
Савори лочин гӯяд [13, 184].

Ба ин тарз сурудҳои зиёде дар фолклори бачагона вуҷуд доранд, ки муносибати некбинонаи инсонро нисбат ба ин ҳайвон баён менамояд.

Мувофиқи мазмуну муҳтавои асотиру ривоёти фавқуззикр бори дигар равшан мегардад, ки асп на танҳо дар байни мардуми тоҷик, балки дар байни халқияти дигари дунё низ соҳиби эҳтиромӣ хос мебошад, ки якчанд далел дорад:

Якум: Дар муҳити вазнини зиндагӣ, табиати кӯҳсор эҳтиёҷи сокинони минтақаҳо ба асп бештар буд.

Дуюм: Асп аз нахустин рӯзи пайдоиши инсон ба ӯ ром гардид ва дар хидматаш қарор дошт. Дар чанд ишораи боло ҳамчун ба тартиби расму ойин, суннатҳои маҳалӣ табдил ёфтани нақлҳои асотирӣ мушоҳида мешавад. Чунин ҷойивазкунӣ бори дигар аз қаринавии устураҳо дарак дода, маълум мегардад, ки халқи тоҷик, аз ҷумла сокинони Бадахшон баъзе расму ойинҳоро аз устураҳо гирифта, ба онҳо

шаклҳои нав ҳамроҳ карда, ба дараҷаи одату расму ойин онҳоро табдил додаанд. Аз ин рӯ, дар биниши асотирӣ ва нақлҳои асотирӣ ҷойгоҳи асп назаррас мебошад.

Сеюм: Асп бовафотарин ҷонвар буда, ҳамчун ҷонвари содиқ ба инсон ром шуда, дар хизмати вай будааст. Барои ҳамин дар нақлҳои асотирӣ, афсонаҳо ва ривоятҳои мансухӣ асп аз қаҳрамони асосӣ ҷудо нест ва на танҳо бо қаҳрамононаш дар муҳорибаҳо иштирок карда, пирӯз гашт, балки пас аз марги соҳибонаш дар сӯг нишаста, мисли одамон мотамдорӣ менамуд.

Чорум: Асп яке аз ҷонварони зирак буда, ҳодисаву воқеаҳоро тез ҳис мекунад. Аз ин ҷиҳат, одамон ба асп бовар ва эътимод пайдо намуда, ин ҷонварро ситоиш кардаанд.

Ҳайвони дигаре, ки ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим мардум ба он таваҷҷуҳ доштанд, хар мебошад. Ин ҳайвон барои бисёрии мардуми дунё маълум буда, дар устураву афсонаҳо, ривоятҳои асотирӣ низ тасвир ёфтааст. Дар Шуғнон онро “маркаб”, дар Рӯшон нари онро “шур” ва модаи онро “шар”, дар забони язгуломӣ “хур” мегӯянд. Харро бо таъбири халқӣ маҷозан “бародари беминнат” меноманд.

Ин ҷонварро бархе аз мардумон ҳайвони муқаддас дониста, ба сифати эзад парастишаш мекарданд. Дар миёни мардуми ориётабор эзади хар маҳбубияти хос доштааст. Бо таъсири ҳамин пасон дар нақлҳои асотирӣ, афсонаҳо хар ҳамчун образи мусбат роҳ ёфта, бо шаклҳои мухталиф васф гардидааст. Муҳаққиқи рус О. М. Фрейденберг дар байни яҳудиён ҷавҳари эътиқодӣ доштани харро таъкид кардааст [165, 491].

Тибқи ривояте хар ба яҳудиён роҳ нишон дода, онҳоро ба назди баҳр бурдааст ва онҳо аз ташнагӣ раҳо ёфтаанд [165, 491]. Дар ривояти дигари ин мардум Исо барои ба Байтулмуқаддас сафар кардан савори хар будааст [165, 491]. Боз ривоят мекунанд, ки роҳзанон духтари шоҳро дуздида, вайро болои хар савор карданд. Хар духтарро гирифта

гурехтаст. Духтар ба хар аҳд баст ва савганд хӯрд, ки агар вайро ба хонааш барад, бо тилло ороишаш медиҳад. Хар духтарро ба хона бурд ва вай харро бо тилло ороиш дод [165, 516]. Шояд ҳамин гуна хислатҳои неки хар боис шуда бошанд, ки дар ибодатхонаи Байтулмуқаддас дар ҷои намоён сари харро аз тилло тарошида гузоштаанд ва яҳудиён дар назди он намоз мегузоранду ба он саҷда мекунанд [165, 516].

Дар ривояти дигаре, ки дар байни яҳудиён паҳн шудааст, нақл мешавад: Антониои муқаддас як одами яҳудиро ба дини насронӣ даъват намуд, вале ӯ рад кард. Антонио қаҳр карда, гуфта будааст: “Харро барои саҷда маҷбур кардан осонтар аст”. Яҳудӣ талаб кард, ки бигузор харро маҷбур созад. Воқеан, хар ба зону нишаста, саҷдаро ба ҷо овардаст. Бархе аз яҳудиҳо ин ҳолатро дида, дини насрониро қабул карданд [164, 22].

Хар ҳама вақт ба соҳибаш итоат мекунад ва дар тамоми корҳои хоҷагидорӣ ҳатто имрӯз ҳам аз он васеъ истифода мебаранд. Мардумшиноси рус А. С. Токарев дар тадқиқоташ нишон медиҳад, ки нахустинсон аз аввал харро шикор кардаст, баъдтар онро чун худои гармӣ мавриди парастиш қарор додааст [161, 500].

Эътиқоду эътимод нисбат ба хар решаи амиқи бостониву таърихӣ дорад. Дар бисёр боварҳои амиқе ин умумият мушоҳида мешавад. Бобулиён ақида доштанд, ки агар хар аввали баҳор хушаи ангурро хӯрад, он сол ангур ҳосили фаровон медиҳад [165, 501]. Аз рӯи ривояти асотирии аҳолии Азроил: Шахсе харашро гум кард. Писараш ба ҷустуҷӯи хар рафт, муддати мадид вайро кофтаст. Оқибат хар ногаҳон пайдо шуд. Дар ин давра хабар расид, ки соҳиби хар шоҳ интихоб шудаст [165, 508].

Чунин нақлвораҳои асотирӣ бовари мардумро зиёд ва эътимодашонро бештар менамуд. Дар байни мардуми ориёитабор ҳам доир ба хар асотиру ривоятҳо ва афсонаҳои зиёде офарида шудаанд, ки

дар онҳо хислатҳои гуногуни хар ва ихлосу эътиқоди мардум нисбат ба вай бозтоб мешавад.

Тибқи ривоятҳои Авасто “хари сепоя” се таркиби оламро инъикос менамояд. Мувофиқи ақидаи зардуштиён хари сепоя дар маркази баҳри Воурукашӣ меистад ва олам болои он устувор аст [109, 171]. Шояд ҳамин гуна ақидаҳо боис шуда бошанд, ки мардум нисбати хар эътимод пайдо кардаанд.

Дар захираи илмии Институти илмҳои гуманитарӣ ривояте маҳфуз аст, ки онро муҳаққиқи фолклори Бадахшон Н. Шакармамадов соли 1981 аз сокини деҳаи Сипонҷи ноҳияи Рӯшон Ғуломшоев Гулзор (соли таваллуд 1923) шунидааст. Дар он ривоят омадаст, ки: “Подшоҳе буд, умраш ба охир расид. Фарзандонашро гирд оварда гуфтаст, ки дар як макон замоне боигариаш – зару тиллоро пинҳон карда буд, лекин ҷояшро гум кард. Шахси доно пурсид: “Он зару зеварро ба чӣ бурдед”?. Гуфт: “Бо хар”. Он шахс гуфт: “Он харро пайдо карда, ба он сӯ пешандоз кунед”. Онҳо аз рӯи ин гуфта амал карданд ва хар рафта дар ҷое истод. Он ҷоро кофта, тиллою нуқраро пайдо намуданд” [193].

Дар тасаввури мардумӣ, аз ҷумла сокинони Бадахшон хар нишонаи давлат ва файзу баракат аст. Дар ҷо–ҷо ҳанӯз ҳам дар мавриди вориди бошишгоҳи чарогоҳи тобистона шудан, ҳатман, харро пеш меандозанд. Дар баъзе маҳалҳо, аз ҷумла, дар деҳаи Равноб (Дарвоз), агар касе барояш хонаи нав созад, қабл аз бурёкӯбӣ аввал харро дохили хона мекунанд. Дар байни мардум мақоле вуҷуд дорад, ки мегӯянд: “Хар ҳаром, кораш ҳалол”.

Дилшод Раҳимӣ низ дар мақолааш “Боварҳои халқӣ ва тасаввуроти асотирии сокинони Бадахшон” ба образи хар дар бовару ривоятҳои сокинони Бадахшон таваҷҷуҳ намуда, навиштааст, ки: “Дар деҳоти Бадахшон ҷонвари аҳлии хидматрасон буда, дар тасаввури мардум нишонаи давлат ва файзу баракат ба шумор меравад.

Он мисли хурӯс ҳар саҳар бедор шуда, ҳангос мезанад ва соҳибашро бедор мекунад, ки вақти ба кори деҳқонӣ рафтан шуд. Инчунин харро рамзи давлат шуморида, дар иди Наврӯз болои он палоси тоза партофта, ба хона медаровардaнд, то ки файзу баракат ба хона ворид шавад” [58,30]. Вобаста ба боварҳо ишораҳо зиёданд, аммо худи ҳамин ривояти асотирӣ, мақолҳои мардумӣ исбот мекунанд, ки нақлҳои асотирӣ пояи арзи ҳастӣ гардидани афсона, одату расму ойинҳо шудаанд.

Дар бисёр афсона, ривоят ва ҳатто нақлҳои воқеии халқияти кишварҳои гуногун хар ҳамчун воситаи ҷазо додану маҳкум кардани гунаҳкорон истифода мешудааст. Дар байни мардуми лезгин расме вуҷуд дорад, ки агар марде бо зани бегона ишқварзӣ кунад, мардро сангсор ва занро бо пишак дар халта андохта азоб медиҳанд ё ин ки мардро рӯяш сиёҳ карда, ба хар савор мекарданду гирди шаҳр мегардонданд [125, 14]. Парфиянҳо ҳам одами бадкору беобрӯйро болои хар савор мекарданд [165, 501]. Дар давлати Ким ҳам агар зан гуноҳ мекард, вайро болои хар савор мекарданд ва гирди шаҳр давр мезанонданд [165, 511]. Дар миёни ориётаборон, баъзе маҳаллаҳои тоҷикнишин низ ин амалро нисбати шахси гунаҳкор раво медиданд. Дар байни мардум боз нақле аст, ки агар одам аз болои уштур афтад, осеб намебинад, вале агар аз болои хар афтад, сахт лат мехӯраду андомаш мешиканад. Чунин муносибат ва тасаввурот нисбат ба хар решаи амиқи таърихӣ дошта, он хоси бисёр халқҳои олам мебошад.

Дар фолклори бачагона ҳам нисбати хар сурудҳо офарида шуда, дар онҳо хислатҳои хар тавсиф шудаанд:

Хари сиёҳ шоҳи харон,
Аз маллаи мо ҳам калон.
Охурчааш дегчаи мис,
Хӯрокаш мағзу мавиз.
Ҳангии ҳанг аст, хари мо,
Ҳай, дакаданг аст, хари мо.

Ҳар шом надиҳам ними ҷав,
Сер нашавад аз каҳи нав.
Бисёр баланд ҳанг мезанад,
Ба гӯши мо санг мезанад.
Ҳангии ҳанг аст, хари мо,
Ҳай, дакаданг аст, хари мо [13, 196].

Хар дар афсонаҳое, ки дар фолклори тоҷик дучор мешаванд, ҳамчунин ҳайвони боҳушу доно ва зирак тасвир мешавад. Масалан, дар афсонаҳои “Хари ҳиллагар” [75, 139], “Хари зирак” [76, 142], “Хари фиребгар” [27, 250] аз хусуси зиракии хар сухан рафта, ин ҳайвон дар мавридҳои душвор худ ва ё шариконашро аз қабили хурӯс, гов, гӯсфанд аз гург ё ҳайвони дигар наҷот медод. Дар қиссае оварда шудааст, ки дар пои хар хор мехалад, гург хорро аз пои хар мегирад, вале хар, ки аз нияти зишти гург огоҳ буд, бо пои дигараш вайро зада роҳи гурезро пеш мегирад [82, 33]. Қариб дар тамоми афсонаҳои халқи тоҷик аз хусуси зиракии хар сухан меравад. Хар ҳарчанд нисбат ба дигар ҳайвонот заифтар бошад ҳам, вале дилбастагӣ ва саҳми вай дар ҳаёти инсон дар устураву дигар жанрҳо онро хеле қавӣ нишон додааст.

Устураву ривоятҳои асотирие, ки доир ба хар таҳия шудаанд, исбот мекунанд, ки он тавассути боварҳои мардумӣ, аввал ба одатҳову ойинҳои мардумӣ роҳ ёфта, пасон дар эҷодиёти шифоҳии халқ, ҷой гирифта, тариқи нақлҳои гӯяндагон ва таҳқиқгарон оҳанги фолклорӣ касб кардаанд ва шакли асотириашонро ба боварҳои мардумӣ табдил додаанд.

Мардум дар давраҳои қадим, дар тасаввуроти ибтидоии худ аксари ҳайвоноти хонагиро муқаддас меҳисобанд. Ҳамин таъсир пас он тағйир хӯрда, дар ривояту нақлҳои асотирӣ ворид шудаанд ва шаклашонро тағйир додаанд. Масалан “гов” дар ибтидо ҳамчун эзад парастиш мешудааст. Аммо баъдтар дар ривоятҳо, афсонаҳо тасвирашон роҳ ёфта,

баъзе ҷанбаҳои асотирии он оҳанги мардумӣ, нақлӣ ва афсонавиро касб кардаанд.

Дар яке омадааст, вақте ки худованд инсонро офарид, ҳамроҳи вай гӯё барзагов, хар ва саг буданд [214]. Мувофиқи ақидаи насрониён барзагов ҳарчанд нишонаи қувваи даҒал бошад ҳам, вале дар расмҳо вай дар пеши Силвестри муқаддас ба саҷда истодааст. Ин мардум бути биринҷӣ доранд, ки дар расмҳо он нишонаи Евстахияи шаҳид аст. Евстахияро бо аҳли оилааш дар даруни бути барзагов даровардaнд ва онро оташ заданду онҳо шаҳид шуданд. Аз ин рӯ, ин мардум расми барзаговро нишонаи Евстахияи муқаддас меҳисобанд [164, 11]. Мардуми Миср ҳам нисбати барзагов эътиқод дошта, мувофиқи ақидаашон Худои офтоби онҳо бо номи Ра аз уқёнус савори барзагов ба осмон баромадааст [182, 3]. Инчунин дар афсонаву ривоятҳои ин мардум аз хусуси наҷот додани гов ҷавони ятимро сухан рафтааст [135, 144].

Ба ақидаи халқияти лезгин дар ҷисми барзагов нишонаи мардӣ вуҷуд дорад ва онҳо барзаговро ҳайвони муқаддас ҳисоб мекунанд [125, 4]. Яҳудиён низ ин ҳайвонро муқаддас дониста онро қурбонӣ мекунанд. Дар расм вай таҷассумгари халқияти Яҳудӣ аст. Ба ғайр аз ин, вай рамзи сабру матонат ва тавоноӣ аст [164, 12]. Мардумшиноси рус В. А. Бурнаков дар тадқиқоташ қайд намудааст, ки мардуми туркнажод саравлоди худро дар сурати барзагов тасаввур менамуданд [122, 65]. Эътиқоду эътимод нисбати гов дар байни мардуми тоҷик, махсусан, Бадахшон хеле қавӣ аст.

Мардуми Бадахшон нисбати барзагов ихлосу эътиқоди зиёд дошта, ризқу рӯзии ҳар хонаводаро ба барзагов нисбат медиҳанд. Ҳамин буд, ки дар дохили хонаи аҷдодии истиқоматӣ (сохти қадимӣ) ҷоеро аз тарафи рости дари даромад “говхона” ва дар тарафи чап “варгухт” – ҷои баррача мегӯянд. Дар қадим гов ва барзаговро дар ҳамон ҷо махсус обу алаф медоданд. Қабл аз шурӯъ ба кишту кор дар давоми чил рӯз барзаговҳоро бо алафи сафеди бо ордоба омехтаи махсус парвариш

мекарданд. Дар рӯзи “Ҷуфтбаророн” дар қисми зиёди маҳалҳои Бадахшон барзаговҳоро ба хона дароварда, ба онҳо нони махсус, ки онро “хиҷзивак” (забонаки барзагов) мегуфтанд, хӯронда ба шоху гардани онҳо равған молида сари замини кишт мебурданд [100, 16].

Сокини маҳаллаи Дашти болои шаҳри Хоруғ Товус Назаршоева (соли таваллуд 1948) соли 2001 нақл кард, ки дар деҳаи Даржомчи ноҳияи Рӯшон дар айёми хурдсолиаш дар рӯзи аввали маросими “ҷуфтбаророн” барзагови ҷуфтро баъди аз обу алаф сер кардан, “хоҷзивак”–ро хӯронданд. Ба гардану шохаш равған молиданд ва халифаи маҳал дуову такбир хонда, аз хона то сари замини кишт вайро бо созу суруд бурданд [232]. Дар аксари деҳаҳои навоҳии Кӯҳистони Бадахшон ҳангоми “Ҷуфтбаророн” мардони ҳар деҳа бо хӯрокҳои гуногун ба идгоҳ мерафтанд. Дар иди Наврӯз ба пешонӣ, гардан ва пушти барзагов орд мепошиданду асбоби шудгорро ба хона дароварда, вайро мисли инсон табрик мекарданд. Дар ин ид барои барзагов хӯроки махсус бо коҳи сафед ордобаро омехта карда мехӯронданд, ки онро “молия” мегуфтанд. Дар баъзе мавзеъҳо, аз ҷумла дар деҳаи Қалъаи ноҳияи Роштқалъа вақти “Ҷуфтбаророн” чор дона нонро дар шакли забони барзагов (хиҷзивак) ва чор дона кулчаро дар шакли чашмони барзагов (хиҷцемен) пухта, ба рӯи онҳо кочӣ молида, ба барзагов мехӯронданд, ба нияте, ки ҳосилашон фаровон шавад. Ба ақидаи мардуми деҳа агар барзагов аз соҳибаш розӣ бошад, хизмати вай ҳалол аст [145, 76]. Пас аз он барзаговро дохили хонае намуданд, ки дари даромадаш ба тарафи қибла буд. Мардон барзаговонро бароварда, ба сари замин бурданд ва дуои

Фотеҳаи кор, фотеҳаи рӯзгор,
Муборакатии шогуни баҳор.
Як донаи мо ҳазор,
Ҳазори мо бешумор.
Ба ҳаққи Ҳайдари Каррор.

Соли нав, моҳи нав,

Ҷамъият ҷамъ, дилҳо беғам,

Оллоҳу Акбар [100, 17].

хонда ба кишту кор оғоз намуданд. Занон бошанд, як навъ таоми миллӣ бо номи “кочӣ”, ки онро аз орд, шир ва равған тайёр намуданд, ба сари замин мебурданд. Дар деҳаи Сежди ноҳияи Роштқалъа бошад, дар мавсими баҳор барои барзагов ид барпо мекарданд. Баъди гузарондани ид минбаъд ба барзагов хӯроки зиёдтар медоданд ва бо вай муомилаи хуб зоҳир мекарданд. Ба ақидаи онҳо агар нисбат ба барзагов беэътиноӣ зоҳир шавад, дар хонадонашон бадбахтӣ рӯй медиҳад. Дар арафаи кишти аввал барзаговро хуб поку тоза мекарданд, сару гардани вайро шона зада, ҳатто оғили вайро мунтазам тоза нигоҳ медоштанд. “Ай барзагов, ба ғайр аз ту заминро касе кашидан наметавонад, ҳамин хӯрок, ки ба ту омода шуд, ҳалол бошад”–гӯён хоки аз замин гирифтаро ба даруни гӯшҳои барзагов мегузоштанд. Агар он хок даррав аз гӯшҳояш афтад, мардум бовар доштанд, ки он барзагов қобилияти тез кор карданро дорад ва агар даррав намеафтид, баръакс, мепиндоштанд, ки он барзагов қобилияти шудгор кардан надорад [100, 18].

Дар Бадахшон дар тамоми корҳои деҳқонӣ барзаговро истифода мебурданд ва бо вай чун бо инсон сухан мекарданд.

Дар деҳаи Сипонҷи водии Бартанг баъди ба охир расидани кишту кор қабл аз сар додани об ба ҷӯйҳо ба нияти серобии ҷӯйҳо занони ҳар хонавода чор донаӣ нон пухта, бо шир онҳоро ба зиёратгоҳ (остон) мебурданд. Ба ақидаи онҳо агар касе шири зиёдтарро ба остон барад, ба заминаш оби зиёдтар меояд. Ба ғайр аз ин, дар ҳангоми ба ҷо овардани ин оин дар сари ҷӯйҳо говро қурбон карданд ва баъди қурбонӣ дуо хонда, ба ҷӯйҳо об сар медоданд. Чунин ақидаву боварҳое, ки аз асотир – тасаввуроти қадимии одамон бар меоянд ва хусусияти суннатӣ пайдо карданд, дар байни тамоми халқҳои олам вуҷуд доранд. Азбаски дар гузашта дар корҳои деҳқонӣ ба барзагов зарурат доштанд, нисбати он

ҳар гуна боварҳоро низ ба вуҷуд оварданд. Мувофиқи ақидаи лезгинҳо соле ҳамон шахс ҳосили фаровон мегирад, агар қабл аз кишти зироат барзаговро қурбонӣ кунаду хуни онро ба замин резонад [125,4]. Халқияти дунё барзаговро натанҳо барои алоқамандиаш дар кишту кор мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд, балки дигар амалҳои некро ба он зам намуда, нисбаташ эътибор пайдо намуданд. Дар биниши мардуми Бадахшон ҳам аз хусуси он сухан меравад, ки барзагов як манбаи даромади ризқу рӯзии инсон аст. Дар афсонаҳои ин мардум вай ҳатто сурати одамиро гирифта, духтари подшоҳро ба занӣ мегирад ва соҳибашро, ки кампири камбағал буд, сарватманд мегардонад [157, 241].

Ба гуфти сокини деҳаи Басиди ноҳияи Рӯшон Зибудҷин Назариев (соли таваллудаш 1927) ва сокини деҳаи Хиҷези ҳамин ноҳия Султонмамад Таваккалов (соли таваллуд 1939) то нимаи дуйуми садаи бист дар қисме аз рустоҳои водии Бартанг расме роиҷ буд, ки мувофиқи он, вақте ки вабо деҳаҳоро фаро мегирифт ва муромурии одамон зиёд мегашт, барои рафъи ин ҳодисаи фалокатбор гови сурхрангро пайдо карда, тамоми деҳаро давр зананда, аз ҳар хонавода бо нияте ба пушташ даст расонида, пас вайро қурбон карда, оини “Даъвати бақо”–ро ба ҷо меовардаанд. Ба гуфти фолклоршинос Н. Шакармамадов ин расм то даҳсолаи аввали асри бист дар бархе аз деҳаҳои дигари Рушон ва чанде аз деҳоти ноҳияи Шуғнон низ маъмул будаст [221].

Дар Бадахшон дар рӯи сангҳо аз ҳайвоноти дигари хонагӣ танҳо расми говро кашиданд. Аз ин бар меояд, ки мардуми кӯҳистон аз қадимулайём нисбат ба гов таваҷҷуҳи зиёдтаре доштанд. Гов барои бисёр халқҳои дунё аз давраҳои қадим ҳайвони муқаддас ҳисоб меёфт. Зардуштиён ақида доштанд, ки агар ягон ҳайвон ё ҷонвар ҳаром мешуд, онро бо пешоби гов пок ва ҳалол мекарданд [133, 359]. Инчунин ба ақидаи онҳо дар ибтидо ду мавҷуд халқ шудаанд: яке Каюмарс ва дигаре як гови нар. Ин ду мавҷуд муддати шаш ҳазор сол зистанд [72, 37]. Дар тасаввуроти мардумони қадим Говмард аз ду вуҷуд, яъне аз Гов ва Одам

иборат будааст ва тамоми мавҷудот аз он пайдо шудаанд [72, 102]. Эҳтимол меравад, ки Умари Хайём ба ин ривоят такя намуда, гуфтааст:

Говесет дар осмон, номаш Парвин.

Гови дигаре нуҳуфта дар зери замин.

Чашми хирадат кушо аз баҳри яқин,

Зеру забари ду гов пушти хар бин [31, 207].

Шояд аз ин лиҳоз бошад, ки аҷдодони гузаштаи халқи тоҷик замину осмонро дар шакли Говмард тасаввур кардаанд [72, 105]. Инчунин баъзан говро ба осмон ва гоҳе ба абр низ нисбат доданд.

Дар фасли баҳор, вақте ки борони аввал меборид, дар зери борон коса монданд ва мегуфтанд: “Шир бибору нон бибор”. Сабаб ин буд, ки дар гузашта асоси зиндагии мардуми ин сарзамин чорвояшон буд. Онҳо говро ба абр нисбат дода, дар баробари шир боронро низ муқаддас меҳисобиданд, чунки ҳосилхезии замин ба боришот вобаста буд. Дар як суруди бачагона ин оҳанг низ акс ёфтааст:

Борон борад Ёвон–ба,

Алаф шавад говон–ба.

Говон хуранд шир тиянд,

Шира ба кампир тиянд.

Кампир хурад кор кунад,

Ҳосила бисёр кунад [29, 53].

Дар ин гуна сурудҳо мардум барои беҳбудии рӯзгорашон борон металабиданд. Мардуми Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба шир ихлоси махсус доштанд. Агар гов зояд, онро то се рӯз дар хонаи истиқоматӣ нигоҳ медоштанд. Шире, ки дар муддати ин се рӯз мегирифтанд, фақат аъзои он хонавода онро мехӯрданд ва ҳатто ба хешони наздикашон ширро намедоданд. Ин расм то ба ҳол ҳам, барқарор аст. Танҳо баъди ҳафт ё даҳ рӯз ширро ба ҳамсояҳо медоданд. Шабонгаҳ ҳеҷ гоҳ ширро ба касе намедоданд ва агар медоданд, онро бо рӯмол мепӯшонданд. Ба ақидаи онҳо гӯё, агар ситорагон ширро бинанд, гов бемор мешудаст.

Баъзан, дар даруни шир лахчаи сиёҳ партофтанд, ки сиёҳ муқобили сафед аст ва гӯё говро аз қувваи бадӣ муҳофизат мекард.

Инчунин мардуми Бадахшон одате доранд, ки агар гов ё гӯсфандро ба касе доданӣ шаванд, ё худ онҳоро ба айлоқ бурданӣ шаванд, якчанд торро аз мӯинаи онҳо гирифта, дар даруни оғил мемонанд. Ин амалро ба умеди он анҷом медоданд, то ки шумораи чорвояшон кам нагардад. Ин расм дар байни дигар халқиятҳо ҳам роиҷ аст. Масалан, муҳаққиқи рус Дурасов Г. П. дар тадқиқоташ нишон медиҳад, ки дар Русияи шимолӣ агар гов зояд, аз пой ва гӯши гӯсола мӯйро гирифта, ба воситаи китфи чап онро ба ақиб мепартофтанд, ба нияте, ки гӯсола намурад [129, 99].

Дар афсонаҳои мардуми Бадахшон гов ҳама вақт ба инсон ёрӣ расонда, онро ба муроду мақсадашон мерасонд. Масалан, дар афсонаи “Гули қаҳқаҳа” гов духтарчаро, ки дар зери шиканҷаи модарандараш қарор дошт, парасторӣ намуд. Вақте ки моиндар аз мадади гов ба духтарак огоҳ гардида, говро нобуд кард. Духтарак устухонҳои говро ҷамъ карда, пинҳон кард. Ҳангоме, ки ба духтар ягон чиз лозим меомад, вай аз ҷои пинҳонкардаи устухонҳо чизҳои дилхоҳашро меёфт. Ҳамин тавр, оқибат духтар зани шоҳзода гардида, аз азобу шиканҷаи модарандараш раҳо ёфт [233]. Дар ин афсона гов чун модари мушфиқ духтаракро парасторӣ мекард.

Таваҷҷуҳи мардуми кӯҳистон нисбати гов боз дар он зоҳир мегардид, ки ҳатто вақти мурдани он занон гиря мекарданду дар ҳаққаш суханони нек мегуфтанд. Бояд хотирнишон кард, ки занон танҳо барои гов гиря мекарданд, барои ҳайвони дигар ин амалро раво намедиданд. Решаи навҳаи соҳиб дар марги гов ба умқи таърих рафта мерасад. Дар Яснои 29–и Авесто Готи махсус ба ҳамин оини зардуштиҳо бахшида шудааст [120, 113]. Аз намунаи бархе аз шеърҳои халқӣ ҳам бармеояд, ки одамон аз қадим нисбат ба гов таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекарданд.

Ҳамин гуна муносибати мардум нисбат ба говро ин се банди як нусхаи суруди “Вой алами говум” барҷаста акс намудааст:

Говум рафтай Уялӣ,
Ҷонвар меояд ҳолӣ.
Оғилон мондай холӣ,
Вой алами говум!

Гови сиёҳи холдор,
Дар шохат доштӣ тумор.
Замин мондай бешудгор,
Вой алами говум!
Говум рафтай суни ҷар,
Гургора шидай ҳашар.
Пусташ шидай дарди сар,
Вой алами говум [13, 168].

Дар фолклори тоҷик дар заминаи таронаҳои ишқӣ таронаҳои иҷтимоӣ низ ба вуҷуд омада, ҳодисаи таърихӣ– мубориза бо вабои ҳайвонот тасвир шудааст:

Ғумор омад Данғара,
Гови хуба мебара.
Ҳамаи говдор меҳара,
Вой алами говум [74, 207].

Дар пояи ин сурудҳо воқеаҳои иҷтимоӣ инъикос ёфта, аз як тараф агар баёнгари ҳаёти иҷтимоӣ бошанд, аз тарафи дигар маҳбубияти инсонро нисбати гов инъикос менамоянд. Чӣ дар нақлвораҳои асотирӣ ва чӣ дар жанрҳои дигари фолклорӣ ҳаёти иҷтимоиву мадании халқ дар робита бо ин ҳайвон ва нақши он дар рӯзгори инсон инъикос ёфтааст. Дар ҳама гуна жанрҳои фолклорӣ дар хусуси муниси инсон будани гов сухан рафтааст. Тамоми расму маросимҳое, ки дар иртибот бо ин ҳайвон ба ҷо оварда мешуданд, аввал маҳз дар устураҳо акс меёфтанд ва баъдан

ба жанрҳои дигари фолклорӣ низ роҳ ёфта будаанд. Пас ин тасвирҳо баёнгари он буданд, ки дар гузаштаи дур асоси зисту зиндагонии инсон ба ин ҳайвон вобастагии зич дошт.

Образи гӯсфанд низ дар афсона, шеърҳои халқӣ зиёд инъикос ёфтаанд. Дар забони шуғнонӣ гӯсфанди нарро “миғъиҷ”, гӯсфанди модаро “мағъ”, дар Рӯшон “мавуҷ” ва модаро “мев”, дар Вахон ва Язгулом гӯсфанди модаро “май” ва нари онро “вар” мегӯянд.

Мардумшиноси рус Г. П. Сенесарев исбот мекунад, ки ӯзбекҳои Хоразм як вақтҳо гӯсфандро муқаддас ҳисобида, вайро тотемашон интихоб намудаанд ва барои ҳамин онҳо имрӯз ҳам ин суннатро ба ҷо меоранд. Нисбат ба гӯсфанд эътимод доштан натанҳо дар байни мардуми туркнажод, балки дар байни тамоми мардуми Осиёи Миёна роиҷ аст. Масалан, ковишҳои ҳафриёте, ки дар Афғонистон гузаронда шудааст, аз даруни қабрҳо устухони гӯсфанд ёфта шудааст, ки ба давраи биринҷӣ тааллуқ дорад [160, 159].

Муҳаққиқи ҳафриёт А. Д. Бобоев ҳангоми ковишҳо дар яке аз гӯристони Ҷавшангоз (воқеъ дар саргаҳи Шоҳдара), ки ба давраи биринҷии баъдинаи таърихи антиқа алоқа дошт, гӯреро кашф кардааст, ки дар он дар баробари ду дона зарфи сафолӣ устухони андоме аз гӯсфанд пайдо шудааст [115, 75–77].

Чунин қабрҳои бо устухони гӯсфанди дар давраи ёдшударо ҳафриётшиноси дигар М. А. Бубнова дар дараи Апхарви Ғорон (Ишкошим) ва дар водии дарёи Шорой (аз шохоби дарёи Танамас воқеъ дар байни Помири Шарқӣ ва Ғарбӣ) ва дар водии дарёи Қарадемур (дар саргаҳи дарёи Ғунд) ба мушоҳида гирифтааст [121, 265]. Ба замми ҳамаи ин кашфиёт, Мира Бубнова мушоҳидаеро ба қайд гирифтааст, ки ба парастиши ҳайвоноти хонагӣ ва эътиқоду боварҳои мардум нисбат ба онҳо, бахусус, гӯсфанд нишон медиҳанд. Ӯ менависад: “Аз маҷмӯи хоктеппаҳои Шороли II возеҳ аст, ки онҳо аз қабристони муқаррарӣ нестанд. Ин хоктеппаҳо рамзеро ифода мекунад ва дар қабрҳо ашхоси

муқаррарӣ дафн нашудаанд. Аз эҳтимол дур нест, ки дар онҳо шахсони обрӯманд дафн шудаанд, ки аз ягон ҷиҳат дар зиндагӣ ба амале, ки вобаста ба чарондани чорпо анҷом медоданд, робитае доштаанд” [121, 274]. Ин амали одамон, ки ба ақидаву тасаввуроти қадимии онҳо зич алоқаманд мебошад, асосан, нияту орзуҳои онҳоро ифода мекунад.

Гӯсфанд ҳамчун тамсил, суратмисоли дар осори шифоҳӣ зиёд корбарӣ шудааст.

Ашхоси солхӯрда ҳанӯз ҳам дар нисбати гӯсфанд калимаи “бузург” ё “бузургмол”–ро истифода мебаранд. Чунки дар аҳди бостон гӯсфанд ҳамчун эзид эҳтиром мегардид. Пас он хусусияти парастишии гӯсфанд дар ривоятҳои динӣ низ ворид шуда, нисбат ба он ривоятҳои нав пайдо шудаанд.

Дар Бадахшон ривояти қадимае маъмул аст. Гӯсфандон дар ибтидо соҳиби забон буда, бо одамон гап мезаданд. Ин тасвирҳо дар нақлҳои асотирӣ ва афсонаҳо то имрӯз боқӣ мондаанд.

Сокинони деҳаи Рошорви ноҳияи Рӯшон расме доштанд, ки вақти ба айлоқ расидан одамони деҳа гирд менишастанд ва яке аз занони калонсол дар даруни тағора об мегирифт ва химчаро ба он тар карда, ба китфу сари гирдомадагон мепошид ва оқибат оби боқимондаро ба касе пошид, ки дар тан либоси нав дошт. Онҳо ин суннатро барои он анҷом доданд, ки гӯё шир фаровон шавад [133, 188]. Унсурулмаолии Кайковус бо такя ба устураву дигар жанрҳои адабиёти даҳанакӣ дар “Насиҳатнома” оид ба ҷо овардани амали нораво дар иртибот бо шир чунин овардааст: “Марде соҳиби гӯсфандони зиёд буд. Ширашонро фурӯхта, аз ҳисоби он зиндагии худро пеш мебурд. Ҳирсу тамаъ вуҷуди мардро фаро гирифту вай ба даруни шир об андохтан гирифт. Рӯзе сел омада, тамоми гӯсфандонро бурда нест кард. Марди доно ба соҳиби гӯсфандон гуфт, ки оби дар шир андохтаат ҷамъ шуда, гӯсфандонатро нест кард” [78, 103]. Дар ин ҳикоя аз як тараф, агар муқаддас будани шир ифода ёфта бошад, аз тарафи дигар, он хусусияти андарзиро ба худ касб

намуда, парҳезкориро нишон додааст. Дар иртиботи асотир доир ба гӯсфанд ва шир, ки шакли ривоятро гирифта, вориди адабиёти шифоҳӣ шудаанд, аз сокини деҳаи Нимофи ноҳияи Роштқалъа, Раҳматшоев Асадшо ривояте таҳти унвони “Баракати шир” низ дастрас гардид. Мазмуни он ривоят чунин аст: Кампире гӯсфандони зиёд доштааст. Рӯзе дар назди хонааш марде омада, ба сохтани кишти оғоз кард. Кампир ҳаррӯз ба вай шири гӯсфанд меовард ва ба чи кор машғул буданашро пурсид. Мард хабари дар зери об мондани оламро ба кампир гуфта дода буд. Ниҳоят он рӯз расид, тамоми оламро об зер кард. Чанд муддат гузашт ва кампир ба хотири мард омад. Мард омада дид, ки кампир зиндаву саломат ресмон ресида истодааст. Кампир мардро дида, чанд рӯз дар куҷо буданашро пурсид. Мард дар зери об мондани дунёро ба кампир хабар дод. Кампир ҳайрон монд, ки аз ин ҳодиса хабар надорад. Мард сабаби зинда монданашро дар баракати шири гӯсфандонаш гуфта дода буд [213]. Дар ривояти фавқ аз як сӯ, саховатмандии кампир нишон дода шуда бошад, аз сӯи дигар ихлоси мардум нисбати гӯсфанду шир акс ёфтааст. Аён гардид, ки дар гузаштаи басо дур асоси зиндагии мардуми кӯҳистон шир будааст. Маҳз аз ин рӯ устураҳои қадим тавассути ниёзи мардум ба худ шакли адабиро гирифтаанд. Дар баробари ин дигар расму одатҳоро низ вобаста ба гӯсфанд ба ҷо меоварданд, ки он низ дар устураву дигар жанрҳо инъикос меёфт.

Дар баъзе маҳалҳои Бадахшон чунин одате буд: Ҳангоми чорпоро ба айлоқ овардан дар пеши дари он оташ дар мегиронданд ва чӯпонон аз болои он меҷаҳиданд, то ки аз гуноҳ пок шаванд, зеро он ҷо макони покон аст. Ба ақидаи мардум, бузу гӯсфанд ниҳоят покизаанд, бинобар ин онҳоро бояд шахси ифлос бонӣ накунад. Аз рӯи тадқиқоти мардумшиноси рус М. С. Андреев суннати ниҳоят муҳимме, ки дар вақти айлоқравӣ байни мардуми водии Хуф роиҷ буд, дар муддати ҳафт рӯз занони дар айлоқбуда, ба ягон кор, аз ҷумла, шустушӯ ва мӯй бофтан

машғул намешуданд, зеро ба ақидаи онҳо агар ба ин корҳо даст мезаданд, чорпояшон осеб медид [112, 31].

Вақте ки ба айлоқ мерафтанд, то ҳафт рӯз ба он ҷо касе намерафт ва ба деҳа бар намегашт. Ин қойда ниҳоят ҷиддӣ риоя мешуд, ҳатто агар касе дар деҳа ё айлоқ реҳлат мекард, ба шахсони наздики дар айлоқ ва деҳот буда, то паси сар шудани ин муддат хабар намерасонданд. Дар мавриди риоя накардани ин амр гӯё ё гургон чорворо талаф медоданд ва ё бо касофати дигаре чорво несту нобуд мешуд [112, 31].

Мардуми навоҳии Кӯҳистони Бадахшон боз расме доранд, ки агар сарвари хонадон реҳлат кунад, гӯё баракати хонадон ҳам ҳамроҳаш меравад. Аз ин рӯ, вақти бемор будан дасташро ба рӯи гӯсфанд мегузоранду онро чун садақа ба ягон кас медиҳанд. Агар баъди фавти шахсе шумораи чорво кам шудан гирад, ба ақидаи мардум арвоҳи он кас норозӣ будааст. Дар ин маврид гӯсфандро кушта, хайрот медоданд [136, 90]. Дар байни мардуми ӯзбек ҳам чунин суннат вуҷуд дорад, ки агар касе фавтад, онҳо гӯсфандро қурбон мекунанд ва аз ҳафт андоми вай гирифта, хӯрок мепухтанд ва он хӯрок бояд ба тамом хӯрда шавад. Мардуми Хоразм баробари аз хона баровардани майит гӯсфандро қурбонӣ мекунанд, то ки рӯҳи онҳо бо ҳам ҳамроҳ шавад. Ба ақидаи туркманҳо ҷони гӯсфанд ба қабри шахс ворид мешудаст [160, 159].

Тибқи мазмуни баъзе ривоятҳо гӯсфанд ҳамроҳи инсон арзи ҳастӣ намудааст [110, 8]. Дар ноҳияи Ишкошим мазоре бо номи кӯдакон вуҷуд дорад. Ривоят мекунанд, ки замоне ҳафт кӯдакро оварда хостанд, сар зананд, ба ногоҳ ҳафт гӯсфандоне пайдо шуда, ба ҷои кӯдакон гӯсфандонро сар буриданд ва хуни онҳо то ҳоло ҳам гӯё дар рӯи як санги сафед боқӣ мондааст [89, 84]. Ин ривоят ба ривояти қурбонии Иброҳим хеле монанд буда, аз як тараф агар, дар гузаштаи дур ба сифати қурбонӣ истифода бурдани инсонро нишон диҳад. Аз тарафи дигар мавриди парастиш қарор ёфтани санг ва ба вуҷуд омадани ривоят оид ба он возеҳ

мегардад. Чунин ривоятҳо нисбати гӯсфанд мазмуни рамзӣ гирифта, барои истифода дар расму маросим замина гузоштааст.

Дар фолклори бачагон сурудҳо низ дар васфи гӯсфанд вуҷуд дорад:

Ҳотами Той,

Гӯспанда пой.

Пойда натонӣ,

Гӯшташа хой [106, 137].

Маълум гардид, ки мардум нисбат ба гӯсфанд таваҷҷуҳи зиёд доштаанд ва ҳатто нисбат ба оғилу порӯи гӯсфанд ҳам аз замони хеле қадим эътимоди комил доштаанд. Масалан, тифли навзодро болои саргини гӯсфанд мехобонданд, ки вай аз як тараф, агар тифлро аз хунукӣ муҳофизат мекард, аз тарафи дигар вай гӯё тифлро аз офату бало низ эмин медошт. Ба ғайр аз ин, дар иди Қурбон мардуми Бадахшон 15 дона шохчаи растаниро даргиронда, дар оғили гӯсфандон равшан мекарданд, то ки шумораи гӯсфандон зиёд шавад. Ҳамин таомул имрӯз ҳам роиҷ аст, вале на понздаҳ дона, балки ҳар як хонадон мувофиқи хости худашон шумораи шохчаҳоро интихоб мекунанд.

Мардум боз ақида доранд, ки агар касе ба чаридани рамма халал расонад, он шахс ба бемории устухон гирифтор мешавад. Ё ин ки агар каси бегона ба оғил дарояд, шумораи чорво кам мешавад.

Насрониён дар расмҳо барраро ба Исо (а) нисбат медиҳанд ва дар баъзе мавридҳо расми барраро мекашанд, ки вай бар гург ғолиб баромадааст. Ба ақидаи онҳо гӯё ин нишонаи он аст, ки Исо (а) дар муборизa бар Иблис ғолиб баромадааст [164, 11].

Д. Раҳимов дар мақолааш таъкид кардааст, ки гӯсфанд қабл аз дини ислом дар фарҳанг ва асотири эрониён низ муқаддас шуморида мешуд. Номи гӯсфанд дар забони авестоӣ дар шакли “гао–спента” омада, маънои гови муқаддасро дорад. Гӯсфандро таҷассуми фарри эзадӣ (хварна) низ хондаанд [58, 21].

Ба ғайр аз ин, дар афсонаи мардуми Бадахшон бо номи “Май – Зман” аз хусуси он сухан меравад, ки кампире як меш ва як набераи ятим дошт. Меш ҳар рӯз баррача мекард. Рӯзе писарча ба бибаиш маслиҳат дод, ки мешро кушанд. Меш аз нияти соҳибонаш огоҳ гардида, бо ёрии гурба гурехта, ба куҳи Қоф рафт. Дар он ҷо ҳар рӯз барра мекард ва рӯзе ба ҷои барра писарчаеро таваллуд кард. Писарча дар андак муддат як ҷавони тануманд гардид. Меш вайро фиристонд, то ки рафта, дар байни одамон зиндагӣ кунад. Ҳамин тавр, Май–Зман чандин мушкилиҳоро аз сар гузаронд. Дар ҳалли мушкилот модараш ба вай ёрӣ мерасонд. Оқибат вай шоҳдухтарро ба занӣ гирифта, боқимондаи умрашро бо шодиву хурсандӣ мегузаронд [157, 153]. Ихлосу эътиқоди мардум нисбат ба гӯсфанд дар баъзе халқҳо имрӯз ҳам вуҷуд дорад. Пас ин баёнгари он аст, ки биниши асотирӣ имрӯз ҳам барқарор аст ва ҳатто хусусияти парастиширо ба худ гирифта, дар расму маросимҳои мардумӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Буз низ дар ривояту афсонаҳои асотирӣ роҳ ёфта хусусияти парастишии худро гум кардааст. Дар забонҳои шуғнонӣ, рӯшонӣ ва язгуломӣ онро “ваз” ва дар забони вахонӣ “вуз” мегӯянд. Дар бархе аз ин забонҳо нарашро “буч” гӯянд. Қариб дар тамоми афсонаҳои тамсилии халқҳои гуногун, аз ҷумла сокинони Бадахшон низ ҳилагар будани образи буз вуҷуд дорад. Дар байни мардуми Тува афсонаҳои зиёде интишори васеъ ёфтаанд, ки дар он аз боби зиракию ҳушёрии буз сухан рафтааст [159, 224]. Иконографияи мардуми насронӣ ҳам нишон медиҳад, ки шайтон бештар дар сурати буз тасвир меёбад. Инчунин алмастӣ савори буз ба осмон парвоз мекунад [185, 7]. Ғайр аз ин ба ақидаи ин мардум вай дар худ хусусиятҳои фиребгарӣ, аҳмақиро таҷассум менамояд. Дар баробари ин вай боз рамзи таҳаммул ва бойгариро низ ифода мекунад. Биниши асотирӣ оид ба буз низ тағйири шакл карда, дар афсонаҳо ҳам мавқеашро ишғол намуд. Дар афсонаи машҳури халқи тоҷик “Бузаки ҷингилапо” нотарсиву чолокии буз нишон

дода шудааст. Буз далерона ба назди гург рафта, гургро зада шикамашро чок карду бузғолачаҳояшро гирифта ба хона овард [76, 112].

Азбаски буз ҳайвони якрав аст, доир ба ин хислаташ низ афсонае дар фолклори мардуми тоҷик вуҷуд дорад. Дар афсонаи “Ду бузича” якравии бузичаҳо нишон дода шуда, барои гузашт накарданашон ба якдигар ба дарё афтида, базӯр худро ба канор кашиданд [16, 23].

Ба ғайр аз ин, дар фолклори тоҷик, намунаи зиёди шеърҳое дучор меоянд, ки таваҷҷуҳи мардумро нисбат ба ҳайвонот, хусусан, нисбат ба буз ифода менамоянд.

Гуфт холаи Гулнигор,
Бузта дар лави шудгор,
Гурго кардиян бозор,
Вой алами бебузим!

Рафтум кофтум ҷоҳоша,
Ёфтум ҷои поҳоша.
Зоғҳо кофтанд чашмонша,
Вой алами бебузим!

Пусти бузма овардум,
Дар хона фуровардум.
Камтарак нола кардум,
Вой алами бебузим!

Пусти бузма доира кардум,
Дар адирҳо нола кардум,
Ҷигарма садпора кардум
Вой алами бебузим [84, 83].

Дар ин қабил сурудҳои мардумӣ тасвиру тавсифи фазилати ҳайвоноти хонагӣ, ба мисли гӯсфанд, гову хар, мурғу уштур ба чашм

мерасад. Ин сурудҳо бо сабку услуби хоси худ аз сурудҳои дигари ҳаҷвӣ ва ҳазломез фарқ мекунанд. Онҳо дар шакли сурудҳои мотам–марсияҳо гуфта шуда, гӯянда ба воситаи онҳо дар бораи сифату фазилати ҳайвони аз дастдодааш ҳаяҷону ташвишу изтиробашро бо чунон сӯзу гудози муболиғаомез изҳор мекунад, ки гӯё аз як шахси наздиктарин ва ё аз давлати калонаш маҳрум шуда бошад. “Вой алами бебузам”, “Сад меҳнато кашида”, “Вой алами говум”, “Шомурғи мо”, “Хараки ман”, “Хараме” ва ғайра аз ҳамин гурӯҳ сурудҳо мебошанд. Албатта, чунин ҳодиса ва ё муносибати инсонҳо ба ҳайвонот, ба рӯзгор, ба ҳаёти моддӣ–маишии мардум ҳамбастагии зич дошт.

Фолклоршиноси тоҷик Раҷаб Амонов ба таъкид гуфтааст: “Барои камбағалони деҳаҳо дар замони гузашта як буз ва ё як хар ҳам давлати калон буд ва талаф шудани он боиси андӯҳ нашуда наметавонист. Дар ин гурӯҳ сурудҳо пеш аз ҳама, ҳақиқат ифода шудааст” [9, 297]. Аз тарафи дигар, мавзӯи ин қабил сурудҳо, ба назари мо, аз давраҳои хеле қадим, аз давраи ҳайвонпарастии одамон ё худ, аз тасаввуроти тотемистии онҳо маншаъ мегирад. Чунин намуди сурудҳо қариб дар ҳар минтақаи Тоҷикистон бо тасвиру оҳанги хоси он маҳал вуҷуд доранд.

Як бузаки қоқ буд,
Дар бисотам тоқ буд.
Ҳалқи бачем қоқ буд,
Рӯят сиёҳ гурги кабуд.
Бузаки ман кӯр буд,
Пешонимон шӯр буд.
Рӯзиамон гӯр буд,
Рӯят сиёҳ гурги кабуд.
Чашми калон кушодӣ,
Бузи боён надидӣ.
Бузи маро ту дидӣ,
Рӯят сиёҳ гурги кабуд.

Донам туро душмани худ,
Чун бою мири Киштут.
Дар бисотам як буз буд,
Рӯз набинӣ, гурги кабуд [35, 210].

Дар Бадахшон дар бораи ба вуҷуд омадани кулҳои табиии Сарез (дар саргаҳи Бартанг), Дурум (дар Шохдара), Йорх (дар Рӯшон) ва ҳамчунин Шеваи тарафи Бадахшони Афғонистон ба ҳар мазмун ривоятҳо нақл мешаванд, лекин дар онҳо ҳадафи нақли ҳамаи гӯяндаҳо як аст. Масалан, ривояте аст, ки муйсафед ба хонаи кампир медарояд, вай даррав шири бузу нони арзаниро дар пеши муйсафед мегузорад. Дар ин ҷо "шири бузу нони арзанӣ" маънии камбағалиро ифода карда, ҳамзамон саховатмандии занаки кампир нишон дода шудааст.

Таҳлили ин ривояти асотирӣ нишон медиҳад, ки буз дар ҳаёти инсон хусусияти рамзӣ низ пайдо кардааст. Вай аз замони қадим ҳамроҳи инсон буд ва инсон новобаста аз бою камбағал буданаш, ҳатман дар хонааш бузро нигоҳ медоштаст ва аз шираш истифода мекардаст.

Яке аз ёдгориҳои адабии давраи парфиянҳо асари "Дарахти Асурик" мебошад. Дар ин асар мунозира байни дарахти Осурӣ ва буз сурат гирифтааст, ки ҳар кадом барои таърифи худ далелҳои зиёдеро меоранд. Дарахт ҳарчанд сифатҳои хуби худро меорад, вале буз бо манфиаташ ғолиб мебарояд. Дар образи буз шахси оддии меҳнаткаш тасвир ёфтааст, ки бо меҳнати худ тамоми халқро таъмин менамояд. Дар ин асари тамсилӣ бартарияти буз нишон дода шуда, ҳусни таваҷҷуҳи мардум нисбати буз–халқи меҳнаткаш нишон дода шудааст [31, 77]. Буз ифодаи образи шахси одӣ аст, ки аз меҳнати худ қаноатманд аст ва ба атрофиёнаш новобаста аз табақаашон манфиат меорад. Мулоҳизаҳое, ки перомуни нақл, афсона, ривоят, суруд доир ба буз оварда шудаанд, баёнгари онанд, ки буз низ дар қатори дигар ҳайвоноти хонагӣ дар рӯзгори инсон нақши муҳим дошт. Аз ин нигоҳ дар нақлвораҳои асотириву жанрҳои фолклорӣ он бо хислати некаш инъикос ёфтааст.

Инчунин дар фолклор ва фарҳанги мардуми Бадахшон нахчир низ мавриди таваҷҷуҳи хос қарор гирифтааст. Ин ҳайвони ёбой дорои даст ва пои баланди борик ва чашмони зебо аст ва дар давидан маъруф мебошад. Нахчирон дар кӯҳу дашт гала–гала шуда ҳаракат мекунанд, аз гиёҳҳои саҳрой мехӯранд ва онҳоро барои гӯшту пӯсташ шикор мекунанд. Дар аксари забонҳои помирӣ онро низ “нахчир” мегӯянд. Дар тасаввури мардуми ориёнажод нахчир дар қатори ҳайвоноти поку муқаддас аст. Ақидае боз вуҷуд дорад, ки чун нахчир биниши тез дорад ва ҳарифашро аз масофаи дур мебинад ё ҳис мекунад, вай рамзи офаринандаро ифода мекунад. Худованд низ ҳама чизро аз масофаи дур мебинад ва ҳис мекунад [180, 5].

Дар Бадахшон барои арҷгузорӣ ва эҳтиром нисбат ба ин ҳайвон номашро кам ба забон мегирифтанд. Онро ба мафҳуми умумии “ҷонвар” ё “ҷондор” ёд мекунанд. Дар деҳоти болооби Бартанг нахчирро танҳо “сафед” ва мешро “тор” (сиёҳ) ном мебаранд.

Дар бораи ин ки нахчир (оҳу) ҳайвон моли бузургон дониста мешавад, дар бораи вай байни мардум асотиру ривояти зиёди шифоҳӣ ва хаттӣ паҳн гаштаанд. Аз ҷумла, дар бораи дар саргаҳо сукунат доштани нахчир ва эътиқоди мардуми қирғиз нисбати ин ҳайвонро Т. Д. Боялиева дар тадқиқоташ нишон дода, тавассути чунин ривоят изҳори назар намудааст: “Марде бо номи Қорунбой нахчири зиёд доштааст ва ҳеҷ гоҳ нахчиронашро қурбонӣ намекардаст, ҳатто гӯшти онҳоро барои худаш истифода намекардаст. Бинобар ин, ӯ ба қаҳри худовандӣ гирифтор шуда, Худо ӯро дар замин ғарқ кард ва рамааш ба кӯҳу биёбон гурехта рафтаанд” [117, 16]. Қаринаи ин ривоят аз сокини деҳаи Шазуди ноҳияи Шуғнон Деҳқонов Назархудо (соли таваллуд 1930), ки соли 2001 сабт шудааст. Вай мегӯяд: Нахчир моли Шаддод аст. Шаддод марди сарватманде буд. Шаддод дар вақти беҳурматӣ кардан ба меҳмонаш аз молу гӯсфандонаш маҳрум мемонад [195]. Ҳамин ривоят оҳанги мазҳабӣ гирифта баъдҳо дар қиссаҳои динӣ роҳ ёфтаанд. Масалан, сокини шаҳри

Хоруғ Сайёраи Султон (соли таваллуд 1966, сабти соли 2000) ин қиссаро чунин нақл кард: Замоне сайёде, ҳангоми дӯшидани нахчирон, ба сӯи онҳо тир холӣ карданӣ шуд, ки Ҳазрати Иброҳим Халилуллоҳ монеаш шуда гуфтааст: “Сайёд бояд дар ин маврид аз сайд кардан парҳез кунад”. Аммо сайёд ба гапи ӯ аҳамият надода, тир ба сӯи онҳо холӣ кардаст, ки боиси кушта шудани як сар нахчир гардидаст. Иброҳим ба ғазаб омада, дар ҳаққи сайёд дуои бад намуда, гуфтааст: “Илоҳо, насли ту аз маззаи рӯзгор маҳрум гардад” ва оқибат чунин шуд. Барои ҳамин мегӯянд, ки Ҳазрати Иброҳим чӯпони ин мол аст ва Ҳазрати Хотуни Қиёмат–дӯғдораш (дӯшандааш) [216]. Дар достони “Шоҳнома” образи нахчир оҳанги ҳамосӣ гирифта ҷо–ҷо сифатҳои он тасвир шудааст. Ин пеш аз ҳама ифодагари ҳамаи биниши қадимаи асотирӣ нисбат ба ҷонварон мебошад, ки шаклан тағйир хурдааст.

Қариб дар ҳамаи ривоятҳо нишон дода шудааст, ки нахчир моли бузургон аст. Пас ин ақидаҳо боис гардиданд, ки мардум нисбати он эътиқоди махсус доранд.

Муҳаққиқи соҳаи мардумшиносии қирғиз Т. Д. Боялиева дар тадқиқоташ бори дигар ба таъкид гирифтааст, ки мардуми қирғиз низ нисбат ба ин ҳайвон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Онҳо ҳатто, пӯсту шохи нахчирро муқаддас меҳисобанд. Масалан, агар фарзандони касе дар овони тифлӣ вафот кунанд, онҳо ба умеди минбаъд зинда мондани фарзандаш аз пӯсти нахчир либос медӯхтанд ва ба фарзандаш мепӯшонданд [117, 16–17].

Муҳаққиқи тоҷик Д. Раҳимов дар мақолааш ба меъёри шикори нахчир дар фарҳанги мардуми Бадахшон ишора карда, “дар гузашта ҳар як шикорчӣ аз 100 адад нахчир зиёд шикор намекард. Вақте ки шикорчӣ бузи кӯҳии садумро шикор кард, пилтаашро сӯзонида, тӯфангашро шикаста, дар замин гӯр мекард. Боз чунин меъёр буд, ки дар як рӯз аз 2 нахчир бештар шикор намекарданд. Агар ин қоидаҳоро шикорчие вайрон кунад, тибқи боварҳо, ӯ ба бадбахтие гирифтор мешудааст. Дар

гузашта халифаҳо барои мардум ин меъёрҳоро ба хотири ҳифзи ҷонварони сайдшаванда муқаррар карда будаанд.

Шохи бузҳои кӯҳиро бо мақсади дифоъ кардан аз офатҳо ва чашми бад дар даруни хона, остонаи дар ва ҳатто дар оғилҳо мечаспонанд. Тибқи иттилои сокинони Вахон шохи бузи кӯҳиро инчунин тарошида, мисли сипанд дуд мекунанд, ки он барои дафъи тарс, чашми бад ва зиёни махлуқоти дигар чораи хуб будааст” [58, 27].

Дар хонаи суннатии мардуми Бадахшон дар мобайни ду сутун чӯбе устувор аст, ки онро “бучкиғъиҷ”, яъне ҷои “нахчиркушӣ” мегӯянд. Ин ҳам гувоҳи гиромӣ доштани нахчир аст. Дар хонаи шикорчӣ шохҳои нахчири шикоршударо дар “бучкиғъиҷ” овехта мемонанд ва эътиқоди мардум нисбат ба вай чунин буд, ки барои шикорчӣ дар як маврид аз се сар зиёд шикор кардани нахчир манъ буд ва агар ӯ ин қоидаро риоя намекард, ягон ҳодисаи нохуш ба сайёд ва аҳли хонавода ва ё хешони наздикаш рӯй медод.

Сокинони ноҳияи Роштқалъа нақл карданд, ки замоне шикорчие аз ин водӣ нахчири зиёдро шикор кард ва “санги клӯх”, яъне ба хоросанг мубаддал шуд. Ба ҳамин монанд ривоят дар Ёргӯми вулусволии Шуғнони Афғонистон низ вуҷуд дорад: Дар деҳаи Шивуди (Хъивуд) вулусволии Шуғнон Сардор ном шикорчии моҳире будаст. Ӯ бо маҳорати шикорчигиаш дар тамоми Шуғнонзамин ном бароварда буд. Рӯзе вай ба шикор рафта, дар ҷои мувофиқе рамаи нахчиронро пайдо мекунад ва ба парондани онҳо оғоз менамояд. Нӯҳ сар ҷондори калон ҷо ба ҷо ба замин меафтанд. Вале ҳамаи ин Сардорро қонеъ намекунад ва ӯ боз милтиқашро омода карда, сайди дигареро аз по афтондан мехоҳад. Аз қазо милтиқ аз дасти вай кашида гирифта шуда, милаш ба тарафи худди вай равона мешавад. Сардор ҳайрон шуд, кӣ ин корро кард?–. Ҳарчанд нигоҳ кард, касеро надид. Вале вай эҳсос мекунад, ки агар аз ҷо ҷунбад, милтиқаш вайро мепаронад.

Сардор нӯҳ ҷасади афкандаи оҳувонро фаромӯш карда, рӯ ба гурез мешавад. Вақте ба қишлоқ меояд, ӯро васваса ва тарс пурра фаро мегирад ва баъди чанд вақт девона гардид. Ба замми ин, чашмонаш нобино шуданд ва умри боқимондаи худро бо сахтиву дуруштии бисёр ба сар мебарад [6, 188]. Ба ин мазмун ривоятҳои асотирӣ қариб дар тамоми деҳаҳои Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон ва инчунин Бадахшони Афғонистон интишори васеъ доранд.

Дар Бадахшон роиҷ аст, ки инсон бояд соле як бор гӯшти нахчирро хӯрад, то ки ҷисмаш аз гуноҳ пок шавад. Ҳамин бовар буд, ки агар сайёд аз шикор бо сайди нахчир омад, тамоми аҳли деҳа омада, аз ӯ барои худ пораи гӯшт мебурданд. Азбаски одамон ин ҳайвонро муқаддас меҳисобанд, устухони онро ҷамъ карда, ба дарё мепартофтанд ва агар дарё наздик набошад, онро болои бом, гӯё тозатарин ҷой аст, мепартофтанд. Ба саг додани гӯшту устухони нахчирро гуноҳи азим ҳисоб мекарданд.

Дар ноҳияи Роштқалъа дар иди Наврӯз ва дар баъзе деҳаҳои Бартанг дар мавриди “Бат” ё “Боҷайём” (аз идҳои шогунӣ) рӯйи девор баробари нақши гӯсфанд, кашидани нақши нахчир ҳам расм аст. Ин одат мувофиқи таълифоти мардумшиноси тоҷик Х. Давлатназаров дар вулусволии Шуғнони Афғонистон дар мавриди таҷлили иди Наврӯз низ барқарор аст [20, 8]. Х. Давлатназаров, дар баробари тафсири ин таомули мардумӣ, менависад: “Маросиме, ки он аз давраи қадим ба ҷо оварда мешуд, мумкин аз маросими мазҳабӣ буда ва тасвири бӯзи кӯҳӣ дар он замон ба рӯи девор низ ҷанбаи мазҳабӣ дошта, ба гузашти замон ин маросим ранг бохта ва ҷанбаи мазҳабӣ будани он аз байн рафтааст” [20, 8].

Аз сокини деҳаи Шивози ноҳияи Роштқалъа Зикраков Бекмурод (соли таваллуд 1943) соли 2001 ривояте навишта шудааст, ки он низ ҳамин мазмун дорад. Рӯзе Ҳазрати Муҳаммад (с) ва Ҳазрати Алӣ (а) аз биёбоне мегузаштанд ва нахчирро диданд, ки он бисёр зебо буд. Ҳазрати

Алӣ хизматгорашро фармудааст, то он нахчирро гирифта, ба назди Ҳасану Ҳусейн барад. Хизматгор аз паи нахчир давид, вале онро дошта наметавонист. Вақте ки нахчир ба хиёбоне наздик мешавад, зане аз пешаш баромадааст ва камандро аз гарданаш халос карда, ду мактубро мегирад, ки якеро хонда, ба гиря медарояд ва дигареро хонда, хурсанд мешавад. Вақте ки аз ӯ сабабашро мепурсанд, гуфтааст, ки “дар мактуби аввал шавҳарам навиштааст, ки ҳангоми ба Макка рафтанаш Алиро наёфтааст ва дар мактуби дуйум навиштааст, ки акнун хизматгори вайро асир гирифта, наздат баргашта меоям”. Нахчирро барои ҳамин қосид ҳам мегӯянд [199]. Ин нақл дар бораи нахчир ҷанбаи мазҳабиро касб кардааст.

Дар Рӯшон, хусусан, дар баъзе деҳаҳои Бартанг, дар рӯзи “Бат айём”, ки ин маросим ҳам, чунон ки ишора шуд, ба иди Наврӯз иртибот дорад, ҳамчунин аз хамир дар шакли ҳайвонҳо, аз ҷумла нахчир месохтанд ва рӯи онро бат (таоми маросимӣ) молида, бо донаҳои зардолу ва чормағз оро медоданд.

Ривояте, ки соли 2001 аз омӯзгори деҳаи Рошорви ноҳияи Рӯшон Ошурмамадов Пайшанбе (соли таваллуд 1951) навишта шуд, маҳз, он тасаввурот ва ақидаҳои қадимии аҳолии маҳаллиро инъикос намудааст. Мазмуни мухтасари ривоят чунин аст: “Марде аз деҳаи Рошорв аз роҳе мегузарад, ки ногоҳ як паридухтарро дар байни девон дидааст. Парӣ аз ӯ хоҳиш кардааст, ки ӯро аз дасти девон халос кунаду ба назди модараш барад. Мард хоҳишашро бо шарофат, ҷасорату зиракиаш ба ҷо овард ва дид, ки дар он ҷо нахчирони зиёде ҷамъ шудаанд ва модари он духтар онҳоро медӯшад. Модараш, ки соҳиби он нахчирон буд, аз ҳамон рӯз сар карда, ҳангоми ба шикор омадани он мард яктоӣ нахчирро ба ӯ дод” [212].

Дар бораи моли париҳо будани оҳувон (нахчирон) аз байни сокинони навоҳии дигари Кӯҳистони Бадахшон низ ривоят, афсонаҳо дастрас гардидаанд. Дар яке аз он ривоятҳо омадааст, ки рӯзе чанд тан аз

духтарон барои молбонӣ ба айлоқ мераванд. Аз байни онҳо духтараке ғайб зад. Ҳарчанд ӯро ҷустуҷӯ карданд, наёфтанд. Як рӯз амакаш ба шикор рафтааст ва ӯро байни париҳо дидаст. Ӯ болои тахти заррин савор ва пешопеши он оҳувон мерафтанд. Амаки духтар бори дигар ба шикор рафта, ба чарогоҳе расид, ки дар он ҷо оҳувони зиёде ҷамъ омада, онҳоро париҳо дӯшида истодаанд. Марди шикорӣ наздиктар рафт, ки оҳувон вайро дида гурехтанду тамоми ширро ба замин резонданд. Париҳо ба хашм омада, дар як лаҳза ғайб заданд. Аз ин баъд ба сайёд дигар баракат даст надодааст. Ин хатоии ӯ ба авлодонаш низ бетаъсир намондааст. Хоҳ нохоҳ чашмашон нуқс пайдо мекунад [227, 34]. Дар ин ривоят се нуқта ба таъкид гирифта шудаанд: аз як сӯ, париҳо соҳиби нахчирҳо бошанд, аз ҷониби дигар шикорчиҳо бояд дар шикор кардани онҳо боэҳтиёт бошанд, зеро шикори ҷонварҳо на дар ҳама мавридҳо раво аст ва сейум, париҳо бо инсон дар муносибати наздик қарор доштаанд.

Дар ривояту боварҳои сокинони Бадахшон нахчир таҷассуми парӣ тасаввур шудааст. Инчунин Д. Раҳимов аз сокини деҳаи Ямги ноҳияи Ишкошим, А. Маликмамадов ҳикояе сабт намудааст, ки ӯ нахчирро “фариштаи ҷонварон” хондааст: “Дар гузашта баъзан мардон ё духтарону писарон дар кӯҳистон гум мешуданд. Онҳо пас аз гузаштани чанд муддат бармегаштанд ва нақл мекарданд, ки чизеро дар ёд надоранд, гузаштани вақтро нафаҳмидаанд. Ҳамин қадараш дар ёдашон будааст, ки бузи кӯҳӣ, яъне “фариштаи ҷонварон” ба онҳо шир додааст” [58, 26–27].

Дар сурудҳои халқӣ ҳам образи нахчир ба ҳар тарзе, ки тасвир шавад, дар он пеш аз ҳама, ҳисси шафқату тараҳҳум, дӯстдории одам нисбат ба ин ҳайвон баён меёбад.

Дар яке аз нусхабайтҳои даргилик омадааст,

–Оҳубарра сари теппа аст,

Тири камон сӯзи ҷигар аст.

Нахчиргиҷик тапалак–тир,

Цаник тир пур ҷигарак–тир [21, 18].

Гӯяндаи байт ҳаяҷону изтироби беқиёсеро фаро гирифтааст, ки оҳубарраи мода аз фитнаи сайёди дар камин қароргирифта бехабар ба болои теппа мебарояд ва аз тири ӯ ҷигараш лахт мешавад. Албатта, матлаби гӯянда ба воситаи тасвири ҳолати риққатовари нахчир авзои ногувори ба таъкид гирифтани хеш аст. Дар абёти даргилик бештар оҳубарраи мода тасвир ёфтааст ва ин бесабаб нест. Бунёди даргиликҳо мавзӯи фироқу ҷудоӣ буда, дар он бештар дар бораи ҷудоии модар аз духтар сухан меравад [97, 45–49]. Ин нуқтаро қаринаи дигари даргилики иқтибосшуда возеҳ нишон медиҳад.

Оҳубарра теппаро маскан гирифт,

Аз дарди сӯзон сарашро дошта гирифт.

Нахчиргиҷик тапал анҷувд,

Аз зарахик ху кал анҷувд [21, 27].

Мазмуни “даргилик” (байти дар боло овардашуда), аз як сӯ, ба бегуноҳии ҳадафи тири сайёд қарор гирифтани оҳубарра далолат кунад, аз сӯи дигар, дар назди одамон як ҳайвони азизу муқаддас будани оҳубарраи кӯҳӣ боиси ба тасвир гирифта шудани алоқамандии зичи ҳолатҳои рӯҳии одамон ба ин образ мегардад. Мавриди зикр аст, ки ин матни даргилик байти зеринро, ки яке аз аввалин намунаи назми адабиёти форсу тоҷик ҳисоб мешавад ва он ба Абӯҳафси Суғдии Самарқандӣ нисбат дода шудааст, ёдрас мекунад,

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,

Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо [12, 155].

Аввлан, рӯшан ба назар мерасад, ки дар байни байти Абӯҳафси Суғдии Самарқандӣ ҳам аз нигоҳи мазмун ва ҳам аз бобати санъати бадеӣ алоқаи зич вуҷуд дорад ва “Агар макону муҳити тасвири байту

даргиликро истисно кунем, вазъи қаҳрамони лирикӣ дар онҳо қариб ба як тарз баён ёфтааст ” [97, 27].

Сониян, ин байт нишон медиҳад, ки образи нахчир (оҳуи кӯҳӣ) дар адабиёти форсу тоҷик ҳам таърихи қадима доштааст. Дар даргилики поён гӯянда нозукиву зебоии мавсуф, чеҳраи зебояшро ба нахчиру муҳити тозаи зисташ тасвир намудааст.

Оҳубарра дар сари теғаҳои кӯҳ,
Лабони маҳин дориву бинии борик.
Нахчиргуҷик тезик ба тез,
Буцик та ғев, борик та нез [97, 65].

Образи нахчир дар назми халқӣ низ мавқеи калон пайдо кардааст, ки дар ин бора мақолаи махсус аз тарафи муҳаққиқи соҳаи фолклор ва адабиёти тоҷик В. Охониёзов таълиф ёфтааст. Вай доир ба нахчир иброзн назар намуда нишон додааст, ки ҳатто аз як пораи шеъри яке аз асосгузорони шеъри муаллифӣ ба забонҳои помирӣ – Нодир Шанбезода ҳувайдост, ки образи нахчир дар ашъори таълифии помирзабонон низ мавқеъ доштааст. Чунончи;

Сармои Шохдара, туӣ имрӯз бало барин,
Дар пешат паҳлавони гармӣ кунун бенаво барин.
Нахчири тезу чобуку зебоқадам нигар,
Аз ҳайбатат ба кӯҳ часпида рудапо барин [49, 26].

–Ай Хохдара шитойэ, туйат нур бало миғунд,
Нур палаwуни гарми ту хез бенаwо миғунд.
Нахчири тези чобуки хушгаззайен чис,
Заpwин пи тах ас айбати ту рудапо миғунд [103, 26].

Ҳадафи шоир дар эҷоди шеър дигар чиз бошад ҳам, вале тасвири нахчир бо як самимияти хосса ва хеле дилчасп сурат гирифтааст.

Нақл аст, ки нахчир ҳайвони ниҳоят покиза аст, агар шахси ифлос ба вай наздик шавад, вай нобино мегардад ва агар ба макони ифлосӣ афтида монад, ба ҳалокат мерасад. Дар даруни мағзи сари нахчир гӯё ду

кирм мавҷуданд ва агар душман ба вай наздик шавад, он кирмҳо ба ҷунбиш омада, нахчир аз хавф эмин мегардад.

Аз матни ривоятҳои ба қайд гирифта шуда, бори дигар рӯшан ба назар мерасид, ки ҳар чанд нақлвораҳои қадим шаклашонро иваз карда бошанд ҳам, вале хусусияти эътиқодиашонро ҳамоно нигоҳ доштаанд. Маҳбубият пайдо кардани ҳайвоноти хонагӣ дар сурудҳои мардумӣ, афсонаҳо ва расму ойинҳо ҳама аз асотир сарчашма мегиранд.

Асотиру ривоятҳо мавҷудияти инсону табиатро тасдиқ намуда, пайдоиши онҳоро баррасӣ менамоянд. Ақидаҳои тотемистӣ нисбати нахчир аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки инсон бо муҳити табиат дар ҳамбастагӣ ва алоқамандии зич қарор дорад.

Ба ғайр аз инҳо, мардум нисбати як ҳайвони дигар – уштур низ ихлоси махсус дошта, вобаста ба он ҳар гуна эътиқоду боварҳоро ба вуҷуд овардаанд, ки дар аввал ҷанбаи асотирӣ доштанд. Ин ҳайвон низ ба гурӯҳи ҳайвоноти муқаддас дохил гардидааст. Уштур ҳайвони калонҷуссаи куҳондор аз аҳли боркаш буда, дар забони шуғнонӣ онро “хъитур”, дар Рӯшон “ахътур”, дар Вахон “уштҳр” ва дар Язгулом онро “штур” мегӯянд. Асли пайдоиши ин калима як аст, зеро мувофиқи таърихи забон, ҳамсадои қадимаи забонҳои шарқи эронӣ “хъ” дар забони тоҷикӣ ба “ш” табдил ёфтааст.

Устураҳои ориёӣ шакли худро тағйир дода, ба ривоятҳои динӣ табдил гардидаанд.

Дар китоби “Қасас–ул–анбиё” омадааст, ки қавме бо номи Самуд бутпараст буданд. Дар миёни эшон Солеҳ бут намепарастид. Қавми Самуд аз Солеҳ хоҳиш намуданд, ки аз даруни кӯҳ уштури модаро бо бачаи сурхмӯй ва гурбачашм берун оварад, то ки онҳоро шир диҳад ва онҳо ба динаш мегараванд. Бо қудрати Худои таъоло он гуна уштуре, ки онҳо хостанд, аз миёни санг берун омад. Онҳо чун ин манзараро диданд, онро ҷодуӣ пиндоштанд. Уштур ба назди чашма омада ва оби он

чашмаро ба тамом хӯрд. Солеҳ аз онҳо дархост намудаст, ки як рӯз онҳо ва як рӯз уштур об хӯрад, ҳамин тавр карданд ва тамоми қавми Самуд шири он уштурро хӯрданд. Сӣ сол уштур дар байни он қавм буд. Рӯзе онро куштанд ва бо қаҳри худовандӣ гирифтор шуда, батамом он қавм несту нобуд гардид [26, 48]. Ин ривояти мазҳабӣ қадимтар буда, аз биниши асотирӣ ба ин ҳайвон рабт дорад. Сарчашмаҳои таърихӣ Зардуштро “дорандаи уштури зард” арзёбӣ мекарданд. Дар ин хусус “Готҳо” гувоҳӣ медиҳанд: “Ай Аҳуро! Аз ту мепурсам, ба ман баргӯ: Чи гуна он музд, ки ба ман навид дода шудааст–даҳ модиёну даҳ асбу як шутур–ба сони расоиву ҷовидонагӣ дар бахшиши ту ба дастёрии Урдубиҳишт ба ман арзонӣ хоҳад шуд”.

Дар ин хусус Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китобаш қайд намудааст:

“Чун сухан аз боби аспу уштур рафт, беихтиёр қазияе пеш меояд. Дар Осиёи Миёна ба дастомузу ром намудани уштурон маҳз бохтариёни қадим камар бастаанд. Аз ин ҷост, ки ушутурони дукӯҳона дар илм бо номи аввалин ромкунандагони хеш уштури бухтӣ ё бохтарӣ ворид шуда, аз маҳорати баланди чорводорӣ ва парвариши улавҳои ҷангиву боркашонии ниёгони тоҷикон шаҳодат медиҳад. Уштурони дукӯҳонаи бохтарӣ, баръакси уштурони яккӯҳонаи паҳноҳои Арабистон ва Африқои Шимолӣ имкониятҳои хеле мувофиқи боркашонӣ дошта, бештар барои сафарҳои дарози тиҷоратӣ кор медоданд. Ва шояд ҳамин ушутурҳои биёбонгарди бохтарӣ буданд, ки давлати Бохтари қадимӣ дар чорсуи роҳҳои тиҷоратии билодҳои дуру наздик, аз ҷумла ҷодаи корвонгузари давлатҳои муқтадиру тавонои Мисри қадим, Бобулистону Ошур қарордоштаро бо якдигар мепайваст ва барои густариши тамаддуни мухталиф мусоидат менамуд. Беҳуда нест, ки Ҷавоҳирлаъл Неҳру бадавиҳоро бошандагони пуртоқати биёбон ва уштуронро “киштиҳои биёбонгард” номида таъкид мекунад, ки аспҳои бидаву

уштурҳои чобуку маркабҳои пуртоқат ҳамсафарони доимии биёбонгардҳо мебошанд. Аз ин лиҳоз уштурони бухтии дукуҳона, чун аспҳои бидави бохтарӣ дар бисёр мамолики Осиё ва Шарқи Наздик шӯҳрати тамом ёфта буданд, то ҷое, ки бар ивази як аспу уштури бохтарӣ то даҳ ғуломи ҷавону танумандро медоданд.

Дар бораи ошноии Ошуриён бо уштурҳои дукуҳонаи бохтарӣ тасвироти барҷастаи мансуби аҳди подшоҳии Саламонсар асрҳои X то милод гувоҳӣ медиҳад, ки дар он уштурҳои дукуҳонаи ба сифати подош барои шоҳ оварда шуда инъикос ёфтаанд. Ошуриён то ин дам ин гуна уштурро намедонистанд. Он дертар бо номи “уштури ду пушта” дар байни онҳо шуҳрат ёфтааст. Уштурро барои боркашонӣ дар роҳҳои дур истифода мебурданд. Дар ҳар сурат, соҳиби уштури бохтарӣ ва аспу тойҳо будани Зардушт далолате ба макони зиндагии ӯ намуда, қазияеро пеш меорад, ки ин марди паямабар ниҳод бошандаи Бохтар ё марзҳои канори он бошад [69, 46].

Дар тасаввуроти мардуми Бадахшон уштур то ислом муқаддас буда, дар баъзе бозёфтҳои бостоншиносӣ пайдо гардидаанд, ки дар онҳо расми ҳайвоноту ҷонварон, аз ҷумла уштурро тасвир намудаанд. Ин нишон медиҳад, ки дар замони бостон, дар тасаввуроти одамони ибтидоӣ ба ин ҳайвон эҳтиром мегузоштанд ва парастиш менамуданд.

Масалан, дар айлоқи Ямги ноҳияи Ишкошим як санги сафеди калон аст, ки онро санги уштур мегӯянд. Ривоят мекунанд, ки марде савори уштур ба айлоқ рафтааст ва бо уштураш ба санг мубаддал гардидааст [98, 163]. Дар деҳаи Баҷуви ноҳияи Рӯшон низ остоне бо номи шутурмазор вуҷуд дорад [89, 32]. Ин нишонаҳо таваҷҷуҳи мардумро нисбати ин ҳайвон ва сарчашмаи асотирии ин бинишро нишон медиҳанд. Ҳамин гуна биниши асотирӣ дар байни мардуми ӯзбек низ вуҷуд дорад. Онҳо бар ин ақида буданд, ки уштури сафед дар роҳ ба санг табдил ёфта, душманонро гузаштан намондааст, ки рафта мардумро несту нобуд кунанд. Вай мардумро аз душман муҳофизат мекард. Дар ривояти дигар

оварда шудааст, ки уштури сафед ба мардум роҳ нишон дода онҳоро ба сӯи об бурд [163, 16]. Сарчашмаи чунин биниши асотирӣ ба давраи хеле қадим рафта мерасад.

Баъдтар ин тарзи эҳтиром ба паҳн шудани ислом идома ёфт ва тарзи парастишу оҳанги тасвирашро тағйир дод. Дар ривояти исломие, ки ҷанбаи асотирӣ касб кардааст, ҳолати мазкурро дидан мумкин аст. Дар нақл омадааст: “Ҳазрати Бибӣ Фотимаи Заҳро ба уштур савор гаштааст”.

Дар Бадахшон агар ҳамли зан тӯл мекашид, мегуфтанд, ин гӯшти уштурро хӯрдааст, он гоҳ мӯинаи уштурро ба рӯи зан дуд мекарданд ва он замон вай фарзанд таваллуд мекард. Дар дигар минтақаи Тоҷикистон ҳамин хусусият ба “асп” нисбат дода мешавад. Бинобар он ки асп низ биниши асотирӣ дорад ва нақлвораҳои асотирӣ дар бораи асп низ зиёд аст. Дар афсонаҳои халқи тоҷик уштур як ҳайвони зираку ҳушёр тасвир мешавад. Дар як афсона вай ҳатто гургро бо зиракиаш зада нест мекунад [27, 135]. Дар афсонаи дигар, харро барои фиребгариаш аз пушташ ба қаҳри дарё партофтааст [75, 136], дар афсонаи сейум бошад, байни гургу рӯбоҳ барои пораи нон муноқиша мерафт ва ҳар кадом худро қадимтарин офаридаи эзадӣ мегуфтанд. Уштур бепарво таваҷҷуи онҳоро ба худ ҷалб карда иброз дошт, ки ҳаҷми ҷисмаш нишонаи аввалин офаридаи Эзад аст [76, 103]. Баъзе устураҳое, ки шакли жанри афсонаро гирифтаанд, нишонгари онанд, ки уштур як ҳайвони зираку доно дар фолклор мавқеъ дорад. Ҳарчанд, ки гургу рӯбоҳ ҳайвонҳои даранда ва рӯбоҳ ҳатто бо ҳиллагариаш машҳур бошад, ҳам уштур бар онҳо ҳама вақт ғолиб нишон дода мешуд. Ё ин ки хар ҳам бо зиракӣ ва ҳиллагариаш машҳур аст, аммо дар афсонаҳо уштур аз он зирактар нишон дода шудааст. Ин гуна тасвир таваҷҷуҳ доштан нисбати ин ҳайвонро возеҳ нишон медиҳад. Дар сурудҳои халқӣ ҳам образи уштур хеле барҷаста нишон дода шудааст:

Шутури қазоқӣ,

Полони ироқӣ.
Хӯрҷин тароқӣ,
Зону ямоқӣ.
Чашмаш оинача,
Пояш лаълича.
Думаш ҷорубча,
Пусташ чоруқча.
Лабаш тавора,
Шикам наґора [13, 182].

Баъзан бачаҳо дар кӯча уштурро дида, раҳгардии вайро тақлид мекарданд ва суруди

Иштираки данги дагон,
Қамчин бизан, бидавон.
Бидавону бидавон,
Сини сагон Балҷувон,
Иштираки данги лолазор.
Қурбони зарди бемадор [106, 70].

Сурудҳое, ки дар фолклори тоҷик доир ба уштур гуфта шудаанд, самимияти гӯяндагонро нисбати ин ҳайвон ифода намудаанд. Дар як суруди машҳури мардумӣ уштур хеле самимона, ки аз қабили “каллаи уштур каллақандӣ, чашмонаш оинабандӣ, гӯшҳояш буччакорӣ, дандонаш мехчабандӣ, лабонаш аф–афандӣ, гарданаш каҷқуландӣ, шикамаш табли ҷангӣ, рӯдааш саллабандӣ, пойҳояш рафидабандӣ, миёнаш камарбандӣ, рафтораш раҳравандӣ” васф гардидааст [81, 35]. Заминаи ин тасвир устура буда, гӯянда онро дар шакли суруд гуфтааст ва маҳбубияти худро нисбати уштур васф намудааст. Чунин намуди сурудҳо баёнгари розу ниёз, нияту маром ва шодию нишот буда, таваҷҷуҳи мардумро нисбат ба ин ҳайвон нишон медиҳанд.

Ҳайвони дигаре, ки дар устураҳои қадим тасвир шудаанд ва пасон дар афсонаву сурудҳои халқӣ сифатҳои онро васф кардаанд, саг аст.

Дар забонҳои шуғнонию рӯшонӣ саги модаро “кид” ва саги нарро “куд” дар Язгулом онро “код” дар забони вахонӣ “шач” мегӯянд. Саг аз азал ҳимоятгари манофеи одамон, посбони содиқи молу ҷони онҳо тавсиф ва тасвир мешавад. Чи дар эҷодиёти бадеии лафзӣ ва чи дар адабиёти хаттӣ доир ба хислату хосияти саг ва мақоми ӯ дар байни инсонҳо сухани зиёд гуфта шудааст. Агар қисме аз он суханон маншаи асотирӣ дошта бошанд, бархе аз онҳо бунёди воқеӣ доранд.

Дар як афсонаи машҳури мардуми Бадахшон бо номи “Санавбар” оиди вафодории саг сухан рафта, оварда шудааст: Санавбар ном подшоҳ бо номи Гул зани нозанин ва як саге доштааст. Занаш дилдодаи Абаш будааст. Рӯзе Абаш ва Гул қасди куштани Санавбар карданд. Дар ин асно саг огоҳ гардида, Санавбарро наҷот дод. Баъд аз ин воқеа, Санавбар сагро ба ҷои занаш дар паҳлӯи худ шинонду занро ба ҷои саг ба занҷир баста буд [18, 20]. Ба ҳамин монанд афсонае аз сокини деҳаи Хуфи ноҳияи Рӯшон Абдулназаров Ғоибназар (соли таваллуд 1932) соли 2002 сабт гардидааст, ки он низ аз боби вафодории саг дарак медиҳад: Зане бо шавҳараш зиндагӣ мекард. Шавҳараш вайро аз таҳти дил дӯст медошт ва вайро ниҳоят ҳурмат менамуд, вале зан ин муҳаббати шавҳарро поймол карда, ба шахси дигар дил баста буд. Шавҳараш аз ин рафтори вай огоҳ гардида, аз паи вай меафтад. Рӯзе мебинад, ки ошиқаш вайро бо чӯб лату кӯб менамояд. Шавҳар занашро халос карданӣ мешавад, вале зан тарафи ошиқашро мегираду дар қасди куштанаш мешаванд, дар ҳамин асно саг омада, он мардро аз марг наҷот медиҳад [187]. Ба ҳамин мазмун афсонаҳои зиёде дучор мегарданд, ки дар ҳамаи онҳо саг ба инсон ёрӣ расондааст. Дар афсонаи “Шоҳдухтари чилгазамуй” бошад, подшоҳ барои келинаш шуда, чашмони писарашро канда гирифт. Саг ба соҳибаш мадад расонд ва вай аз сари нав бино гардид [157, 113]. Мӯҳтавои ҳамаи афсонаҳо хислати неки сагро арзёбӣ менамоянд.

Дар сурудҳои бачагона низ таваҷҷуҳи кӯдакон нисбати саг зиёд аст:

Саги сиёҳи малла,
Гурбая сур мекунад.
Гурбачаи думҳалқа,
Мушака дур мекунад [13, 189] .

Тибқи боварӣ нисбат ба саг дар Кӯҳистони Бадахшон, минҷумла, дар Шуғнонзамин, баъди тавлиди кӯдак дар равзани хона шохчаи хор мегузоранд ва дар он ҳавлӣ то ҳафт рӯз сагро нигоҳ медоранд. Дар деҳаи Рошорви ноҳияи Рӯшон, агар зан кӯдакро таваллуд кунад, ба умеди сиҳатии кӯдак дар рӯзи якум ширро ба кӯдак надода, балки ба саг медиҳанд. Дар дигар мавзеъҳои Бадахшон бошад, агар фарзандони касе паи ҳам реҳлат кунанд, ба умеди сиҳатии фарзандони минбаъдаашон, пеш аз он ки кӯдакро дар бистар хобонанд, сагчаро дар бистар мемонанд.

Чунин боварҳо дар байни тоҷикони дигар ноҳияву вилоятҳои кишвар низ мушоҳида шудааст. Масалан, фолклоршинос Дилшод Раҳимов навиштааст, ки “дар водии Ҳисор бо нияти шифоёбӣ пораи нонро ба болои сари кӯдаки бемор се бор давр занонида, ба назди саг мепартофтанд. Интиқоли беморӣ ва зиёни арвоҳу махлуқоти фавқуттабиӣ ба саг решаҳои қадимтарин дар тасаввуроти анимистию тотемистӣ дошта, боиси эҳтироми саг дар тӯли асрҳо шудааст” [58, 25].

Ба ҳамин монанд, расму амалҳои суннатӣ дар байни мардуми қирғиз ҳам вуҷуд доштааст [117, 20].

Дар қарнҳои пеш кӯдакон аз ҳад зиёд мефавтиданд. Дар байни яке аз қабилаҳои ӯзбек – қарамуртҳо одате роиҷ буд, ки ба тифлҳо шири саг медоданд, ба он хотир, ки кӯдакон монанди саг сахтҷон шаванд. Ба он кӯдаке, ки шири саг мехӯронданд, вайро Талиганбой ё Итэмар (шири сагхӯрда) мегуфтанд. Агар кӯдак бемори вазнин мешуд, гӯшҳои сагро мебуриданд ва хунашро ба тани кӯдак мемолиданд. Ба ақидаи мардум агар хун аз бадани кӯдак тоза шавад, кӯдак сиҳат мешавад ва баръакс агар хун дар бадани кӯдак монад, он кӯдак гӯё мемурад [160, 134]. Ба

ақидаи халқияти лезгин ва муғулҳо падари одам гӯё саг ва модараш дарахт будааст. Онҳо сагро ба инсон наздик ва монанд ҳисоб мекунанд. Ба ақидаи мардуми лезгин куштани саг гуноҳи азим аст. Ин халқ ақида доранд, ки устухон ва косахонаи саг инсонро аз чашми бад нигоҳ медорад. Онҳо аз рӯи чунин ақида амал карда, дар либоси кӯдак устухони сагро медӯхтаанд [125, 5].

Дар китоби Авесто дарҷ гардидааст, ки аз Аҳуро Маздо пурсидаанд, ки агар касе сагро кушад, ба вай кадом ҷазо раво аст. Аҳуро Маздо гуфтааст: “Ҳазор бор бо қамчин ва агар касе саги шикориро азоб диҳад, ҳафтод қамчин задан лозим аст” [133, 161].

Дар замони зардуштиён агар саг мемурд, вайро монанди инсон қабр мекарданд. Ба ақидаи онҳо саг пули сиротро посбонӣ мекунад. Ба пиндошти дигар, шахсе ки рӯҳро пешвоз мегирифт, ҳамроҳаш саг будааст.

Муаррих А. Мирбобоев дар як мақолааш ба таълифоти Ю. А. Рапопорт истинод карда, навиштааст: “Зардуштиён ҳангоми вафоти шахс пеш аз ҳама, марҳумро аз назари саг мегузарондаанд. Ин амал, чун одати сагдид маълум буд ва ин суннат то вақтҳои наздик дар намудҳои гуногун дар бархе аз деҳоти кӯҳсори Сурхандарё ба ҷо оварда мешуд” [138, 215–216]. Ӯ, ҳамчунин, ба таъкид гирифтааст, ки дар ҳафриёти Осиёи Миёна оини дафни саг дар паҳлӯи ҷасади одам зиёд ба чашм мерасад. Ҳамин гуна дафн дар қабристонҳои Ширинсой, дахмаҳои Куркатта ва дар қалъаи Чилҳуҷра ба мушоҳида расидааст. Саг чун ҳамдами бовафои одам дар рӯзгораш ҳисоб меёфт, вай баъди вафоташ ҳам рӯҳи соҳибашро ба дунёи охират мегуселонидааст [138, 216].

Дар бисёр афсонаҳо низ аз замонҳои қадим дӯсти инсон ва ҳайвони бовафо будани саг сухан меравад. Мардуми эвенки Русия ривояте доранд, ки тибқи он шахсе се саг дошт. Рӯзе онҳо байни худ муноқиша карда, яке гуфтааст, ки соҳибам маро бештар эҳтиром мекунад, ба ман хӯроки зиёдтар медиҳад. Дуи дигар изҳор кардаанд, ки соҳибашон

онҳоро бештар дӯст медорад. Соҳибашон ҷанҷоли онҳоро шунида, гуфтааст, ки ҳар сеи онҳоро як хел дӯст медорад. Онҳо ранҷида мегурезанд. Чанд рӯз дар ҷангал гашта гушна мемонанд ва боз баргашта, ба назди соҳибашон омада, дигар аз назди ӯ дур намешуданд ва аз он замон ин ҷониб дӯсти одаманд [158, 399].

Дар байни мардуми тоҷик низ афсонае вуҷуд дорад, ки аз рӯи мазмун ба ин ривоят хеле монанд аст. Танҳо дар ин афсона ба ғайри саг мубоҳисаи ду ҳайвони дигари хонагӣ, аз қабили гову гӯсфанд инъикос ёфтааст. Гов, гӯсфанд ва саг доимо худро таъриф мекарданд. Рӯзе саг ба гӯсфанд таъна зада, гуфтааст: “Аз ҳамаи шумо дида соҳибам маро бештар дӯст медорад”. Гӯсфанд гуфтааст: “Ман барои соҳибам бештар аҳамият дорам, чунки меҳмоне ояд, гӯшти маро ба вай сарф мекунанд”. Гов инро шунида худро таъриф карда гуфтааст: “Ман барои соҳибам бештар нафъ расонам, чунки ширу қаймок, дуғу ҷурғот, гӯшту пӯсти ман барои соҳибам муфид аст”. Аз ҳама бисёртар саг худро таъриф карда, гуфтааст: “Аз ҳамаи шумо дида соҳибам маро бештар дӯст медорад, чунки дару деворро ман бонӣ мекунам”.

Дар ҳамин асно соҳибашон омада, ҷанҷоли онҳоро хомӯш карда гуфтааст: Ҳар кадоматон барои ман дар вазифаи худ лозим ҳастед [27, 262].

Аз сокини шаҳри Хоруғ Меҳрубон Ақдодов (соли таваллуд 1935) соли 2001 ду ривоят навишта гирифта шуд, ки ҳар ду ҷолиби таваҷҷуҳанд. Тибқи яке аз онҳо дар замони хеле қадим саг ва гург бо ҳам дӯстони наздик буданд. Рӯзе гург аз саг хоҳиш намуд, ки вайро тарзи бӯй кардан ёд диҳад ва вай сагро давидан омӯзад. Саг дар навбати худ хоҳиш кард, ки аввал гург ҳунарашро ба вай ёд диҳад. Гург ҳунарашро ба вай ёд дод, саг бошад, аз хаёл гузаронд, ки агар гург тарзи бӯй карданро ёд гирад, вай рамаи одамонро ба тамом нест мекунад. Бинобар ин, аз наздаш гурехта меравад. Аз ҳамон замон гӯё саг тарзи дав–давон роҳ

рафтанро одат кардааст ва байни вай ва гург душманӣ ба амал меояд [189].

Дар ривояти дигар омадааст, ки шахсе саг доштааст. Он саг солиёни зиёде дар ҳама вақт ва дар ҳама ҷо ҳамроҳи соҳибаш буда, ҳатто борҳо ҷонашро аз хатару молу ҳолашро аз нобудӣ эмин доштааст. Рӯзе он шахс вафот кард ва саг ба сари қабраш рафта, то мурданаш онро тарк накардааст [189]. Пайдост, ки дар ривояти аввал хайрандешии саг дар нисбати одамон ба таври барҷаста ба таъкид гирифта шуда бошад, дар ривояти дигар аз вафодории бемисли саг ба инсон бозтоб шудааст. Ин ривоятро нақли сокини шаҳри Хоруғ Моёнов Шариф (51–сола), соли 2013 боз ҳам тақвият бахшид, ӯ нақл кард: Чанде пеш бародараш вафот кард ва онҳо ба мушоҳида гирифтанд, ки ҳар саҳарӣ сагашон ба сари қабри соҳибаш рафта мешинад [208].

Қисме аз чунин ривоёт бо гузашти айём тавассути аҳли қалам ба адабиёти хаттӣ ворид гардида, бо обуранги тозаи бадеӣ мавриди назари хонандагон қарор гирифтаанд. Дар китоби “Чор дарвеш”, ки асрҳо боз бо мазмуни мӯҳтавои пурлатофати ҳусни калому бадеиёти пурназокат дили хонандагонро тасхир кардааст, бо унвони “Дар баёни хоҷаи сагпараст” афсонае дарҷ ёфтааст. Дар ин афсона низ аз боби вафодории саг сухан дар миён аст. Дар байни се бародар бародари хурдӣ ақли расо ва моли бештару рӯзгори хушу осуда доштааст. Бародарони калонӣ аз ҳасад борҳо бар қасди ҷонаш шуда, ӯро дучори фалокат мекунанд, вале ҳар бор бо шарофати саги содиқу бовафояш бародари хурдӣ аз он фалокатҳо халос мешудааст [95, 75]. Чунин тарзи тасвир бори дигар аз биниши асотирии мардумӣ хабар дода, дар шакли афсонаву ривоят инъикоси он аён мегардад.

Бо вуҷуди ҳамин, мардум ақида доранд, ки саги зардранг нисбат ба соҳибаш бовафо нест. Масалан, сокини деҳаи Барчидифи болооби Бартанги ноҳияи Рӯшон Мамадамонов Ғуломасейн (соли таваллуд 1927) соли 2001 чунин нақл карда буд: “Марде аз деҳаи мо дуто саг дошт,

якеро рангаш сафед буду дуйумӣ ранги зард дошт. Рӯзе он мард ба шикор рафт ва ба хирс дучор гардид, хирс ба мард дармеафтад. Саги сафед то халос кардани соҳибаш бо хирс ҷангид, вале саги зард аз онҳо дуртар рафта, ин манзараро тамошо кард”. Барои ҳамин, дар байни мардум мақоли “Саги зард ҳамнишини гург аст” (“Зирд куд вурҷ амро”) дар истеъмол мебошад [204].

Дар бораи саги зард Д. Раҳимов низ ривоятеро аз сокини куҳансоли водии Вахон, А. Маликмамадов сабт кардааст: Мардум саги сиёҳро дӯст медоранд, махсусан, саги сиёҳи “чорчашм”–ро. Саги сиёҳе, ки болои чашмонаш дуто холи сафед дошта бошад. Онҳо чунин мепиндоранд, ки саги чорчашм зираку чолок ва ҳушёр мебошад.

Саги зардчатоб дар ақоиди мардуми Вахон бехосият мебошад. Онро ҳамроҳи дев мешуморанд. Нақл мекунанд, ки агар дар кӯҳистон марди чӯпон ё шикорчӣ бо деву албастӣ ё ғул тан ба тан биҷангад, саги сиёҳ тарафи соҳибашро гирифта, аз ӯ ҳимоят мекунад. Аммо саги зард дар ин гуна ҳолат зуд таслим шуда, ба тарафи ғул мегузаштааст.

Ин ақидаи мардуми кӯҳистон бори дигар зарбулмасали халқии “Саги зард – додари шаҒол”–ро тасдиқ мекунад [58, 26].

Қисме аз нақлу ривоёт ва афсонаҳои тамсилӣ ба адабиёти хаттӣ ворид гардидаанд. Гузаштагони халқи тоҷик образу мафҳумҳои асотириро барои эҳёи фарҳангу маънавиёташон тавассути тамсилу маҷоз низ нишон медоданд. Масалан, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ҳикоятеро бо номи “Саги аъробӣ” нақл мекунад, ки дар он образи саг тавсиф шудааст:

Он саге мемурду гирён он араб,
Ашк мебориду мегуфт “ай караб,
Ман чи созам мар – маро тадбир чист?
З – ин сипас ман чун тавонам бе ту зист”.
Соҳиле бигзашту гуфт: “Ин гиря чист,
Навҳаву зории ту аз баҳри чист? ” –

Гуфт: “Дар мулкам саге буд некхӯ,

Нек ҳаме мирад, миёни роҳ ӯ.

Рӯз сайёдам буду шаб посбон,

Шери нар буд ӯ, на саг, эй паҳлавон.

Тезчашму сайдгиру дуздрон,

Некхоҳву бовафову меҳрубон.

Сайд мекардиву посам доштӣ,

Дуздро наздики ман нагзоштӣ” [96, 843].

Дар ин андешаи Ҷалолиддин Балхӣ саг хеле воқеӣ тавсиф шудааст, ки он аз адабиёти шифоҳӣ сарчашма гирифтааст. Азбаски устураҳо ба адабиёти хаттӣ роҳ ёфтаанд, шоирони зиёд барои оммафаҳм гардидани тарзи тасвирашон аз он васеъ истифода мебурданд. Бо такя ба муниси инсон будани саг Низомии Ганҷавӣ низ аз он баҳрабардорӣ намуда, ба тарзи зайл гуфтааст:

Саг сулҳ кунад ба устухоне.

Нокас накунад вафо ба ҷоне [37, 40].

Дар тасвири Низомии Ганҷавӣ низ вафодории саг нисбати инсон нишон дода шудааст.

Дар адабиёти шифоҳии мардуми Бадахшон ҳам образи саг таҷассум ёфтааст. Чунончӣ, дар болои деҳаи Ширгин кӯле будааст пур аз садаф ва агар он садафро одамон бо худ бурданӣ мешуданд, садаф дар роҳ ғайб мезадааст. Бинобар ин, онҳо барои он ки садафро аз даст надиҳанд, ҳамроҳи худ сагеро ба кӯл мебурданд ва садафро чинда дар гардани вай меовехтанду ба деҳа меоварданд. Ҳамин амалро нисбати каҳи кимё, ки ба чандин дардҳо даво аст, ба ҷо меоварданд [24, 29]. Ин амал ба хотири он анҷом дода мешуд, ки саг ҳама вақт ҳамроҳи соҳибаш аст ва маҳз саг метавонад, соҳибашро аз хатар наҷот диҳад. Аз тарафи дигар, ин амал боз нишондиҳандаи эътиқоди мардумӣ нисбати ин ҳайвон мебошад.

Мардум нисбат ба саг эътиқоду боварҳо дошта, бар он ақидаанд, ки агар саг ба пушт хобида, ин сӯ ва он сӯ паҳлӯ бизанад, дар хонаи соҳибаш нохушие рӯй хоҳад дод. Ё ин ки, агар саг дуру дароз уллос кашад, дар хонаи соҳибаш нохушӣ рӯй медиҳад. Агар саг, ба ногоҳ, аз пеши инсони сафарӣ пайдо шавад, кораш барор хоҳад гирифт [219]. Ин аст, ки дар эҷодиёти бадеии мардумӣ, ба вижа, дар ривояту нақлҳо аз боби вафодорӣ ва накӯкории саг сухан тасвир ёфтаанд.

Дар асоси мисолҳои фавқуззикр дар миёни мардуми Бадахшон устураҳои қадима, ки дар онҳо ҳайвоноту ҷонварҳо парастиш мешуданд ва дар нақлвораҳои асотирӣ зикрашон омадааст, бо иваз кардани шакл, тавассути ҷойивазкунӣ ба ривояту афсонаҳои асотирӣ, сурудҳои халқӣ, шеърҳои халқӣ ворид шуда, васфи онҳо боқӣ мондаанд ва маҳбубияташон дар миёни халқи тоҷик, аз ҷумла мардуми Бадахшон то имрӯз побарҷо аст. Маҳз ҳамин шакли тасвир буд, ки дар асоси он як қатор суннату марсимҳо пайдо гардиданд. Ҳамаи ин шакли тасвир ягонагии одамон ва дар заминаи он ба вуҷуд омадани жанрҳои гуногуни адабӣ оварда расонд. Ҳамин тариқ, назар ва биниши нахустинсон доир ба олами ҳайвонот боис шуд, ки минбаъд низ он ташаккул ёфта, мувофиқи тарзи зисту зиндагонӣ татбиқ мешуд. Ҳайвонот чун рамз дар биниши нахустинсон дарк мешуд. Баъзан ҳатто воқеаҳои реалӣ аввал дар шакли устура, баъдан ба шакли суруду афсона дохил гардида, то имрӯз боқӣ монда, маърифатнокии халқро нишон додаанд. Ҳамин гуна воситаи тасвир дар фолклор аз худшиносии гузаштагонамон дарак медиҳад.

Зерфасли 2. Бозтоби хислатҳои бадӣ дар осори шифоҳии мардуми Бадахшон

Суратмисолҳои асотирӣ дар бораи ҳайвонот бо ҷойивазкунӣ ба адабиёти шифоҳӣ, ворид шуда, баъзе хислату хосияти бадро маҷозӣ ва тамсилӣ ифода менамоянд. Дар тасаввуроти одамони ибтидоӣ, аз ҷумла қавму халқиятҳои эронитабор баъзе ҳайвонот тимсоли бадиро таҷассум

карда, амалҳои худро ба одамон таҳмил мекарданд. Дар ин замина маросимҳо, одату ойин расм ва урфҳоро пайдо шуда, пеши роҳи бадиро мегирифтанд. Ҳамин тасаввуроти асотирӣ ба осори шифоҳӣ роҳ ёфта, хусусияти хос касб кардаанд.

Дар боби мазкур ҷанбаҳои манфии баъзе эзадони асотирие, ки ҳамин хислатҳоро дар эҷоди шифоҳӣ ҳифз кардаанд, мавриди арзёбӣ қарор дода мешаванд. Ин суратмисолҳои асотирӣ аввал ба маросиму ойинҳои мардумиву маҳаллӣ роҳ ёфтаанд. Пасон дар фолклор, аз ҷумла, афсона, ривоятҳои тоисломии асотирӣ, баъдан дар суруду шеърҳои давраи исломӣ ворид шуда, сифату хусусиятҳои нав касб кардаанд ва ифодагари ормонҳои халқиро фарогир мебошанд.

Ҳолати мазкурро дар мисоли баъзе образҳои ҳайвонот дидан мумкин аст. Яке аз чунин ҳайвон, ки хислатҳои бадиву зиштиро дар осори шифоҳӣ талқин мекунад гург мебошад.

Гург ҳайвони ваҳшӣ буда, қавию дарранда аст. Дар забони шуғнонӣ онро “въурҷ”, дар забони рӯшонӣ “въӯрҷ”, дар забони вахонӣ “шабт” ва дар Язгулом “вараґ” мегӯянд. Баъзе халқиятҳо нажодашонро ба насли гург алоқаманд медонанд. Масалан, чанде аз халқияти Сибир, аз ҷумла, якут, хакас, бурят, ҳамчунин баъзе қабилаҳои муғул ва турк худро аз насли гург ҳисобида, онро парастиш мекунанд. Дар як устура чунин нақл омадааст: Дар замони қадим як қабиларо нест карда, аз наслашон танҳо як писарбачаи даҳсола зинда монда будааст. Модагурге омада, вайро ба кӯҳи Олтой бурда, ба воя мерасонад. Пасон, аз ин писар фарзандони зиёд таваллуд мешаванд [117, 21]. Як сабаби ному насабро ба гург алоқаманд кардан низ аз урфу одатҳои ин халқиятҳо сарчашма мегирад [117, 21]. Бояд зикр намуд, ки гург гарчанде ҳайвони даранда бошад ҳам, дар бисёр нақлвораҳои асотирӣ инсонро парасторӣ менамудааст. Аз рӯи асотири римӣ ҳам, Ромул аввалин подшоҳ будааст. Ромул ва бародари ӯ Рем аз коҳина Рея Силвия ва Худо Марс таваллуд шуданд ва онҳоро модагург маконида, чӯпон тарбия намудааст [36, 399].

Эътимоди комили қирғизҳо нисбат ба ин ҳайвон чунон буд, ки дар вақти кофтани дузд рагҳои гургро дар оташ андохта, дуо мехонданд. Дузд аз тарс чизи дуздидаро даррав ба соҳибаш бармегардонд [117, 23].

Дар Калифорния бошад, қабилае вуҷуд доштааст, ки онҳо гургро парастиш карда, ҳатто ба вай саҷда мекарданд. Онҳо аз он метарсиданд, ки агар гургро озор диҳанд, ягон ҳодисаи нохуш рӯй хоҳад дод [161, 80].

Дар байни сокинони Кӯҳистони Бадахшон низ нақлҳои асотирӣ ва ривоят афсонаҳое, вуҷуд доранд, ки дар онҳо нисбат ба гург муносибати нек доштани одамон акс ёфтааст. Ба замми ин, дар баъзе осори бостонӣ фаҳмишу тасаввуроти одамон доир ба пайдоиши олам ва дигар рӯйдодҳои нахустин нақл карда мешаванд. Ҳатто вай аз одам донотар нишон дода шудааст. Яке аз ин ривоятҳо ба ин мазмун сабт шудааст: “Гург бо чӯпоне во мехӯрад, ки рамаи бисёре дошт. Аз чӯпон илтимос мекунад, ки як гӯсфандро ба ӯ диҳад. Чӯпон мегӯяд: Не, дода наметавонам. Ин рама аз они бой аст, маро ҷазо медиҳад”. Гург боз мегӯяд: “Ту рафта аз бой пурсида, баъд якто гӯсфандро ба ман деҳ”. “Оҳ, гуфт чӯпон, – ту гург бошӣ, ки ман чи хел рамаи гӯсфандро бо ту монда равам? ”. “Аз нутфаи охирзамон бошам, агар то омадани ту ба ин гӯсфандонат даст расонам”, – қавл медиҳад гург ва фукашро болои дастонаш монда, пеши рама дароз мекашад.

Чӯпон рафта аз соҳиби мол рухсат гирифт ва гашта як гӯсфанди фарбеҳро ба гург дод. Чун гург он барраро хӯрда тамом кард, чӯпон пурсид: “Ту дар хусуси охирзамон чизе гуфтӣ, кани гӯй, охирзамон чӣ маънӣ дорад?”. Гург гуфт: “Ҳамин пасмондаи гӯсфанди хурдагиамро дуруст мушоҳида кунед, баъд мефаҳмед”.

Чӯпон ҳар рӯз ҳамон пасмондаро тамошо мекард ва медид, ки ба тадриҷ кирмҳо пайдо шуда, онро аввал хӯрда – хӯрда тамом мекунанд ва оқибат ба хӯрдани якдигар сар мекунанд. Дар охир як кирм ҳамаи кирмҳои дигарро хӯрда, танҳо мемонад. Чун дигар чизи хӯрданӣ

надошт, он кирм худашро низ хӯрда нобуд мекунад. Ана, кори охирзамон ҳамин хел аст [228, 1990].

Дар ривояти фавқ назари тотемистии гӯянда барҷаста инъикос ёфта, тасаввуроти халқӣ ба таври маҷозӣ бозгӯй шудааст [147, 141–151; 52, 46–52]. Мазмуни ин ривоят равшан месозад, ки пайдоиши он нисбат ба афсонаҳои тамсилӣ қадимтар аст.

Дар афсонаҳои тамсилии мардуми тоҷик гург як ҳайвони ваҳшии зиёнкор, беақлу нодон тасвир мешавад. Ҳатто афсонае бо номи “Гурги нодон” ҳамин андешаро тасдиқ менамояд [27, 162].

Дар байни сокинони Тоҷикистон нисбат ба гург дигар гуна боварҳо ва эътиқодот низ вуҷуд доранд. Баъзе бовару эътиқодот бештар ба зан ва кӯдаки навзод алоқаманд мебошанд.

Дар Сарихосор тифлро баъди се рӯзи таваллудаш аз даҳони пӯсти хушкшудаи гург гузаронида, “ҳар дарде бошад, ба сари гург гузарад, гург барин зӯр шаваду намурад”, – мегуфтанд ва онҳоро “Гургак” меномиданд. Ин расму оин дар байни тоҷикони Рашт, Дарвоз ва Варзоб низ роиҷ будааст [40, 6].

Ин таомул дар Шуғнон низ ба назар мерасад ва варианти дигар дорад “ба даҳони зани зоида ва тифлаки ӯ як ангуштпона шири харро бо “мишк” – буҷулаки пои гург ва ё бо гӯшт ё равғани ягон ҳайвони ҳаром омехта карда мерехтанд. Бо ин роҳ рӯҳҳои баде, ки нияти ба тифлак зиён расондан дошта бошанд, рафъ мешуданд”. Маълум мегардад, ки дар иртибот бо гург миёни мардум ақидаҳои гуногун вуҷуд дошта, матлаби онҳо ба ҳам робита ва наздикӣ доранд.

Дар баъзе устураҳо эзадон ва фариштагон гургро аз инсон наҷот медиҳанд. Ин гуна тасаввурот рамзиву маҷозӣ буда, таъсири образи гургро дар осори шифоҳӣ нишон медиҳанд.

Мардуми Бадахшон инчунин ривоят мекунанд, ки одам дар замони қадим ниҳоят тезпо будаанд ва гӯё зону надоштаанд. Гург ҳар боре, ки гӯсфандеро дуздида бурданӣ мешавад, одам ба вай расида, молашро

кашида мегирифтааст. Аз ҳамин сабаб, гург ҳамеша гурусна мегаштааст. Дар ривояте омадааст: “Рӯзе гурге ба Эзад зорӣ карда гуфтааст: “Чаро вайро офаридасту ризқу рӯзӣ насибаш накардаст”. Эзад ба вай ду дона кулча дода гуфтааст: “Вақте ки гӯсфандро дуздида гурехтӣ ва одам аз қафоят давад, даррав ин кулчаҳоро ба қафоят парто”. Рӯзи дигар гург рафта, аз рамаи чӯпон гӯсфандеро дуздида мегурезад. Чӯпон аз қафояш давида, чун ба гург наздик шудааст, гург даррав кулчаҳоро ба қафо партофта, кулчаҳо омада рост ба зонуи чӯпон мечаспанд. Аз ҳамон вақт одам соҳиби кулчаи зону гаштаасту дигар қадами калон гузошта натавонистааст [214]. Ақидаи мазҳабии мардум бо ин роҳ ифода меёфтааст.

Симои гург дар байни мардумони эрону славян ба гурӯҳи ҳайвоноти хислати баддошта маҳсуб дониста мешавад [172, 15–19].

Д. Раҳимов қайд мекунад, ки гург дар назари мардуми тоҷик ҷонвари хатарнок аст. Гург ҳам дар дандонаш заҳр дорад ва ҳам бо нигоҳаш афсун мекунад. Дар айлоққо занҳо номи гургро ба забон намегиранд, зеро номашро ба забон гирӣ, гӯё, пайдо мешудааст, ё худ шайтон гургро гирифта меовардааст. Гургро занҳо “бобо” ё “ҷонвар” мегуфтаанд. Аъзои бадани гург барои доруворӣ ва амалҳои эътиқодӣ ба кор меравад. Пӯсташро як порча бурида, тӯмор мекунанд, ки он касро, гӯё, чусту чолок мекардааст [58, 31].

Дар байни мардуми тоҷик дар бораи гург ривояту афсонаҳои зиёде офарида шудаанд, ки ҷанбаҳои асотирӣ дошта, дар онҳо хислатҳои гуногуни ин ҳайвони дарранда тасвир мешаванд. Дар Бадахшон ақидае вуҷуд доштааст, ки агар дар бораи гург чизе нақл кунанд, вай шунида меомадааст. Ҳамин ақида дар як афсонае, ки дар байни мардуми тоҷик маъмул аст, низ акс ёфтааст. Чунончи: “Гург ва рӯбоҳ бо ҳам дӯстони наздик будаанд. Рӯзе байни худ ҷанг мекунанд, рӯбоҳ мегурезад. Гург аз ақиби рӯбоҳ медавад. Дар роҳ марди деҳқоне ба кишту кор машғул будааст. Гург ба гап даромада, аз ӯ ҷои рӯбоҳро мепурсад, деҳқон омада

ба занаш ин воқеаро нақл мекунад. Гург аз мӯҳрии хона овози онҳоро шунида, рӯзи дигар омада деҳқонро бо говаш мехӯрад [27, 126].

Ба ҳамин монанд дар байни мардуми Бадахшон боваре вуҷуд дорад, ки калимаи гургро ба забон намегиранд, гӯё агар касе номи гургро ба забон гирад, вай ҳис карда, омада раммаро нест мекунад. Азбаски гург баъзан ба инсон фоида низ мерасонад, мардум нисбат ба вай ҳам ақидаи мусбат ва ҳам манфӣ доранд. Аз нақлу ривоятҳое, ки нисбат ба гург оварда шудаанд, пайдост, ки муносибату эътиқоди одамон оид ба ин ҳайвон дар як сатҳ қарор надорад.

Бо таъсири ҳаёти иҷтимоӣ дар давраҳои гуногун ва бархурди инсон бо воқеаҳои мухталиф устураву ривоятҳо низ мазмуну мӯҳтавои худро дигар карда, аз шакл ба шакли дигар ҷой иваз кардаанд. Аз ин рӯ, дар баъзе ривояту афсонаҳо биниши инсон нисбат ба гург хислатҳои мусбӣ гирифта, гург соҳиби сифатҳои мусбат мегардид.

Ҳамин ҳолатро дар рафтору кирдори образи хирс низ дидан мумкин аст. Хирс ҳайвони тануманд, пурзӯр, ба ранги зарди тира, қаҳвагӣ ё сафед аст. Дар забонҳои шуғнонию рӯшонӣ онро “юрхъ”, дар забони вахонӣ “хырс” ва дар забони язгуломӣ “хӣрс” мегӯянд. Хирс дар мавриди ҷанг бо инсон ё бо ҳайвон рӯи ду по истода, дар бағалаш онро то аз по афтидан фишор медиҳад.

Бархе аз халқиятҳо хирсро ҳатто тотем интихоб намуда, нисбат ба он эътиқоду бовар доранд. Мардумшиноси рус А. С. Токарев таъкид мекунад, ки: «Дар Осиёи Шимолӣ ҳозир ҳам, нисбат ба хирс эътиқод доранд» [161, 391]. Халқияти эскимос ақида доранд, ки гузаштагонашон ба сурати хирс буданд.

Хирси ранги бурдошта дар кӯҳву биёбон ва хирси обӣ ранги сафед дошта, дар об умр ба сар мебурдааст ва мувофиқи ривоятҳо аз насли инсон будааст. Дар афсонае омадааст: «Зане ду писарро таваллуд мекунад, ки онҳо ба сурати хирс будаанд. Яке мӯи сафед ва дигаре ранги бур доштааст. Зан онҳоро аз деҳа дуртар бурда мемонад. Хирси сафед ба

тарафи уқёнус рафта, хирси ранги бурдошта, ба кӯҳ рафта, баъдҳо ҳар дуи онҳо ба инсон ҳангоми шикор ёрӣ мерасондаанд [123, 60–89]. Ҳамин гуна боварҳо дар бисёре аз афсонаҳои тамсилӣ, ки аз асотир сарчашма гирифтанд, ифода ёфтааст. Бояд қайд кард, ки матни чунин афсонаҳо низ ба ҳамдигар хеле монанд мебошанд.

Масалан, дар як афсонаи мардуми Ёқутистон нақл мешавад, ки: «Марде бо занаш соҳиби духтар мешаванд. Онҳо ҳаёти осудаҳолона доштаанд. Бо ҳукми қазо, рӯзе бар асари беморӣ зан вафот мекунад. Мард бо зани дигар издивоҷ менамояд. Ин зан духтаре доштааст, ки ҳамсинни духтари мард будааст. Модарандар духтаракро бисёр азоб медодааст. Ин духтар тасодуфан бо хирс во мехӯрд. Хирс духтарро санҷида, вайро кор фармудааст. Азбаски духтар бе ягон мушкилӣ фармудаи хирсро иҷро мекардааст, хирс духтарро соҳиби давлату сарвати зиёд мегардонд.

Модарандар ин ҳолро дида, духтарашро низ ба ҷангал мефиристад. Азбаски духтараш ниҳоят танбал буд, коре аз дасташ намеомадааст, хирс вайро ҳамроҳи модараш ба гурба табдил медиҳад» [162, 339].

Дар байни мардуми тоҷик низ афсонаҳое маъмуланд, ки дар онҳо аз муносибати наздики одамон ва хирс нақл мекунанд. Чунин афсонаҳо ба монанди “Хирс ва ҳезумкаш”, “Одам ва хирс” [157, 498], “Деҳқон ва хирс” [85, 171] мебошанд.

Дар “Хирсбача” ном афсонаи мардуми Бадахшон шикорчӣ хирсро шикор карданӣ мешавад, вале хирс бар шикорчӣ ғолиб мебарояд. Хирс шикорчиро ба ғоре оварда, дар он ҷо зиндагӣ мекунад. Шикорчӣ кӯшиш мекунад, ки аз дасти хирс раҳоӣ ёбад. Хирс бошад, ба гап даромада мегӯяд: “Ман шавҳар надорам, ту шавҳари ман мешавӣ”. Шикорчӣ илоҷи дигар наёфта, ҳамроҳи хирс дар ғор хонадор мешавад. Пас аз чанде аз онҳо бачаи баҳодур таваллуд мегардад. Муддати зиёд гузашта буд, рӯзе падар саргузашти худро ба писараш нақл мекунад. Писар таклиф мекунад, ки ӯ гурезад. Дар роҳ писар модарашро кушта, онҳо ба

хонаи шикорчӣ мераванд. Пас аз чанд муддат вай шоҳдухтарро ба занӣ гирифта, худаш ба тахти шоҳӣ мешинад ва бо падару фарзандони падараш хушу хурсандона зиндагӣ мекунанд [157, 74].

Ба ғайр аз ин, соли 1976 ходими илмии Институти Помиршиносӣ (айни замон Институти илмҳои гуманитари)–и АМИТ Р. Ширинова аз сокини деҳаи Нишуспи ноҳияи Шуғнон Саодатқадамова Суханоро афсонае навишта гирифтааст, ки ба ин мазмун аст: «Рӯзе як мард ба ҳезумчинӣ рафта мебинад, ки дар як ҷо хирсе нолиш дорад. Он мард ба хирс наздик омада, мебинад, ки аз байни панҷаи пояш шохи дарахте сурох карда баромадааст. Дили он мард ба ҳоли хирс сӯхта, шохи дарахтро аз пояш канда мегирад. Хирс хурсанд шуда, аз ҷояш ҷаҳида, як кӯзаи пури равғанро оварда, ба мард медиҳад» [229]. Бар замми ин, дигар ақидаҳо низ вобаста ба хирс дар ривояту афсонаҳо тасвир гардидаанд, ки онҳо паҳлӯҳои дигари хислати хирсро бозгӯй менамоянд.

Муҳаққиқон бар ин ақидаанд ки: “Яке аз навъҳои образҳои зооморфӣ дар афсонаҳои тоҷикӣ таваллуди махлуқони нимаҳайвону нимаинсон мебошад” [155, 43].

Дар афсонаҳои тоҷикии “Хирсиддин”, “Хирс–полвон” ва “Хирскулулабаҳодур”, ки вариантҳои як афсонаанд, “аз хирс ва шоҳдухтар писаре таваллуд мешавад, ки қувват ва зӯру бозуи хирсро дошта, паҳлавони ғайриодӣ мебошад, аз ин сабаб номашро Хирсиддин (ё Хирс–полвон) мегузоранд. Хирсиддин ба сайру сафар баромада, бисёр моҷароҳоро паси сар мекунад. Бо деву аждаҳо ва мори бузург ҷангида, ҳамаашонро маглуб намуда, шоҳдухтарро наҷот медиҳад ва ба мардуму ҷонварон некӣ мекунад” [155, 43].

Бояд қайд кард, сюжети фолклорӣ дар бораи ҳамзистии хирс бо инсон дар афсонаву ривоятҳои бисёр халқҳои ҷаҳон, аз он ҷумла, халқҳои Сибир, Аврупо, Қафқоз, Осиёи Хурд, Амрикои Шимолӣ ва ғайра мушоҳида шудааст. Ба ҳайси персонажи марказӣ фаъолият кардани хирсро дар бисёр афсонаҳои халқҳои ҷаҳон баъзе муҳаққиқон

чунин шарҳ додаанд, ки хирс зоҳиран ба инсон шабеҳ мебошад. Баъзан хирс бо ду по мегардад ва бо дастонаш чӯб мешиканад ё ба дарахт такя мекунад” [155, 43].

Азбаски хирс тамоми зимистон хоб меравад, доир ба ин хислаташ мардуми тофалар (Шимоли Русия) ривоят мекунанд, ки: “Замоне хирс дар ҷангал ягон ҷонварро писанд намекард ва ҳар ҷонваре, ки аз пешаш меомад, вайро поймол мекард. Тамоми ҷонварони табиат аз вай дар ҳарос буданд. Бинобар ин, рӯзе тамоми парандагону ҳайвонот ҷамъ гардида, ҳар яке роҳи халосиро аз хирс баён мекарданд ва аз байни онҳо гавазн гуфт, ки хирс бояд тамоми зимистон хоб равад. Ҳама ин фикрро қабул намуданд ва аз ҳамон замон ин ҷониб хирс ним сол хоб меравад ва ба ҷонварони дигар итоат мекунад” [158, 195].

Мардумшиноси рус А. С. Токарев ба ривояте истинод оварда, қайд намудааст, ки “хирс гӯё барои он бедум шудааст, ки вай ҳангоми обхӯрӣ будаасту кенгуру омада, думашро кандааст” [161, 516]. Вобаста ба амалу рафтори хирс аз байни мардуми Бадахшон ба мо нақле дастрас гардид, ки дар он рафтору амали хирс нисбатан ҷолиб тасвир шудааст: “Абдул ном шикорчӣ ва паҳлавон нақл кард, ки рӯзе ба шикор рафт. Банохост чашмаш ба камари кӯҳ афтид, ки паланге нахчирро думболагирӣ мекунад. Шикорчӣ аввал хост, ки палангро парронад, вале боз худдорӣ кард. Дар ҳамин вақт аз куҷое хирс пайдо шуд ва палангу нахчирро дида монд. Паланг нахчирро аз камари кӯҳ ба поён партофт. Нахчир рост ба тангное афтид. Паланг дид, ки нахчир ба поён афтод, бо роҳи дигар ба он ҷо мефурояд ва ба нахчир наздик мешавад. Хирс ҳам фуромада, рост ба назди паланг ва нахчир меояд. Хирс лаҳзае назди нахчир истода, дасташро ба вай дароз мекунад. Паланг дароз кардани дасти хирсро дида, дандонҳояшро нишон медиҳад. Хирс бори дуйум дасташро ба сӯи паланг дароз мекунад. Паланг ин дафъа меғуррад. Хирс гашта меравад. Баъди чанде шикорчӣ мебинад, ки хирс дарахти арчаро аз решааш канда, бори дигар дасташро ба сӯи паланг дароз мекунад, ки паланг боз

меғуррад. Хирс ин дафъа аз шохҳои арча гирифта, танаи онро бо шаст ба ақиб бурда, палангро чунон мезанад, ки вай дар як дам ҷон медиҳад. Худаш омада, ба нахчири нимҷон часпид. Марди шикорӣ ба хирс наздик омада, вайро ба нишон мегирад ва мепарронад” [227, 32]. Дар ин нақл ботамкинии хирс ба мушоҳида мерасад.

Бовариву эътиқод ба ҳайвонот муҳаббати инсонро бо ҷонварони табиат ба миён гузоштааст. Дар афсонаҳои халқи тоҷик қаҳрамонони афсонаҳо фарзанди хирс, Хирсбаҳодур, Кулулабаҳодур муҳимтарин хислатҳои баҳодуронаи хирсро ба худ гирифтааст.

Ҳайвони дигаре, ки ҳамчун суратмисоли асотириву афсонавӣ маъмул аст, рӯбоҳ мебошад. Рӯбоҳ бисёр боҳуш ва чолок аст. Дар забонҳои шуғнонӣ ва рӯшонӣ вайро “рӯпцак”, дар забони вахонӣ “шъғол” ва дар забони язгуломӣ онро “рупц” мегӯянд. Рӯбоҳро хислати маккориаш маъруф намудааст. Аз мӯҳтавои ривояту афсонаҳо бармеояд, ки рӯбоҳ аз аввал ранги сиёҳ доштааст. Баъдтар дар ривояту афсонаҳои ҳар халқият мувофиқи тасаввуроташон ранги рӯбоҳ тағйир ёфтааст. Вале ранги сурх гирифтани ин ҳайвон ба хислати ҳиллагариаш иртибот дорад.

Мардуми Эвенк тарзи ранги сурх гирифтани рӯбоҳро чунон шарҳ додаанд, ки рӯбоҳ занони деҳаро фиреб дода, ордашонро медуздидааст. Занон вайро дастгир намуда, ба дарахт овехтанд ва дарахтро оташ заданд. Рӯбоҳ базӯр худро халос карда, гӯё аз ҳамон замон рангаш сурх гаштааст [148, 379].

Тибқи ривояти мардуми Ҳиндустон рӯбоҳ қурбоққаро фиреб дода, бо дуои бади қурбоққа ранги сиёҳашро аз даст дода, шуғли ҳиллагариро касб намудааст [148, 50].

Доир ба думи дарозу зебо доштани рӯбоҳ ҳам дар байни гурӯҳе аз мардумон ривоятҳо паҳн гаштаанд. Дар ин ҷо низ рӯбоҳ тавассути ҳиллагариаш думи дарозу зеборо соҳиб гаштааст. Масалан, мардуми Очор ривояте доранд, ки тибқи он соҳиби ҷангал ба ҳайвонот думро

тақсим мекунад. Харгӯш, хирс ва рӯбоҳ ҳамроҳ мерафтаанд. Дар роҳ рӯбоҳ бо фиребе аз шариконаш ҷудо гардида, худро ба он ҷо мерасонад ва думи дарозу зеборо соҳиб мешавад. Хирсу харгӯш бошанд, ба фиреби рӯбоҳ андармон шуда, соҳиби думи кӯтоҳ мегарданд. Аз ҳамон замон ин ҷониб харгӯш ва хирс бо рӯбоҳ душманӣ меварзанд [157, 546].

Маълум гардид, ки тамоми мардуми дунё рӯбоҳро ҳайвони ҳилагару маккор меҳисобанд. Шояд аз ҳамин сабаб насрониён рӯбоҳро ба иблис нисбат медиҳанд ва дар расмҳо иблис дар сурати рӯбоҳ тасвир ёфтааст [164, 20].

Рӯбоҳ дар бисёр афсонаҳои сеҳромезу тамсилӣ, дар аксар маврид имдодраси одамон тасвир мешавад. Бо кумаки рӯбоҳ, бо зиракию ҳушёрӣ, фанду пандаш қаҳрамонҳои афсонаҳо нафақат соҳиби савлату давлат мешаванд, балки аз марг наҷот меёбанд. Дар як ривоят омадааст:

“Замоне марде аз роҳе мегузашт ва дар даруни оташ мореро дид. Морро аз даруни оташ берун овард. Дар ҳол, мор қасди ҷони мард мекунад. Мард гуфт, ки ман туро аз марг наҷот додам, бояд ба ҳақ ва ҳақиқат қазоват кунӣ. Мор гуфт, ки магар нашунидаӣ, ки некиро бадӣ ва бадиро бадӣ подош аст. Бояд назди касе рафта, аз ӯ бипурсем. Ибтидо назди дарахте мераванд, то ӯ қазоват намояд. Дарахт мегӯяд, ки ҳақ тарафи мор аст, бояд туро бикушад. Мор қасди газидани мард кард. Ӯ гуфт, ки дарахт мавҷуди беимон аст, биё қазоватро аз дигар кас пурсем. Дар роҳ гове ба онҳо дучор мешавад, қазоватро ба ӯ гуфтанд, ки вай ҳам ҳақро аз мор гуфт. Мор боз қасди газидани мард кард. Ӯ гуфт, ки гов ҳайвони беақл аст, қазоватро набояд аз вай пурсид. Дар роҳ рӯбоҳеро мебинанд ва матлабро барои ӯ гуфтанд, рӯбоҳ гуфт: “Эй одам, мор чи тавр метавонад бад – ин гуна фарбеҳӣ ба даруни тӯрбаи кӯчак ғунҷад, дурӯғ мегӯӣ”. Мор худ шоҳидӣ дод, ки “не ин одам дурӯғ намегӯяд, балки рост мегӯяд”. Рӯбоҳ гуфт: “Ман ба ин суханони шумо ҳам бовар намекунам, агар дуруст мегӯӣ, бояд ба итминони хотири ман бори дигар

дохили тӯрба шавӣ”. Мор як бори дигар дохили тӯрба мешавад. Рӯбоҳ ба мард ишора мекунад: “Эй одам, даҳани тӯрбаро банд”. Мард ҳам чунин мекунад. Баъд тӯрбаро бо шиддати тамом боло карда, бар санг бармезанад ва мор ҳалок мешавад” [94, 128].

Дар бисёр афсонаву ривоятҳо, ки хусусияти асотириро касб кардаанд, рӯбоҳ чун инсон сухан мегӯяд. Чунин тасвир дар китоби “Саргузашти Ҳотами Той” ҳам, ки сарчашмаи он асотир аст, ба назар мерасад [73, 229].

Дар афсонаи “Кали осиёбон” рӯбоҳ ба кали ятим ёрӣ расонда, вайро ба як шахси сарватманд табдил медиҳад. Ҳатто вақте ки рӯбоҳ мемурад, Кали осиёбон вайро дар даруни сандуқ меандозад. Пас аз чанд сол сандуқро кушода мебинад, ки сандуқ пури тиллост [18, 16].

Дар афсонаи “Чӯпонбача, гург ва рӯбоҳ” ҳам рӯбоҳ мададгори чӯпонбача гардида, ҷонашро аз гург халос менамояд [157, 494]. Ин намуди афсонаҳо нишонае аз осори қадима буда, замоне мавриди парастиш қарор ёфтани ҳайвонот аз ҷумла, рӯбоҳро нишон медиҳад. Рӯбоҳ дар лаҳзаҳои сахт ба инсон кумак намуда, ӯро аз марг наҷот медиҳад ва ё сарватманд мегардонад. Ин буд, ки вай дар замони хеле қадим чун муниси инсон парастиш мегардид. Бо гузашти замон дар натиҷаи инкишофи ҳаёти маданӣ ин гуна ақида ба худ хусусияти ҳаҷвиро касб намуда, минбаъд рӯбоҳ чун як ҳайвони ҳиллагар акс мегардад.

Дар афсонаҳои “Рубоҳ ва зоғ” [8, 149], “Марди деҳқон ва рӯбоҳ” [157, 503], ин ҳолатро дидан мумкин аст. Агар дар афсонаи аввал рӯбоҳ зоғро фиреб дода бошад, дар афсонаи дуюм рӯбоҳ инсонро фиреб дода, чорвояшро нест мекунад.

Ҳамин гуна воситаи тасвир ба эҷодиёти бачагона низ роҳ ёфта, дар сурудҳо ин ҷонвари айёр таълим медиҳад, ки ҳама вақт ҳушёр ва зирак будан лозим аст.

–Ман рӯбоҳаки чусту чаққонам,
Дар ҷанги мурғон шери жаёнам.

Мириҳазори бузғолагонам,
Дар доми сайёд асло намонам.
Ман мурғаконро аз дарахт гирам,
Хурӯси тоҷдорро аз тахт гирам.
Шаб ангури боғ ба ғорат гирам,
Нест ғайри дуздӣ кори дигарам [13, 195].

Ин биниши асотириву афсонавӣ доир ба образи рӯбоҳ ба адабиёти хаттӣ ворид гардида, ҷанбаи бадеӣ касб намудааст. Тавассути устураву ривоят ва афсонаву суруд симои ин ҳайвон бештар мардумӣ гардидааст.

Дар бисёр ривояту афсонаҳо симои рӯбоҳ хислати мусбӣ низ касб кардааст.

Образи гурба низ дар байни мардум ба таври васеъ истифода шудааст. Баъзеҳо хислати гурбаро фоли нек ва бархе саҷияи онро фоли бад тасаввур мекунанд.

Гурбаро дар забони шуғнонӣ “пиш”, дар Рӯшон ва Бартанг гурбаи нарро “пуш” ва модаро “пиш”, дар забони вахонӣ “пӣш” ва дар забони язгуломӣ “пуш” мегӯянд.

Дар байни лезгинҳо гурбаро дар радифи ҳайвони муқаддас ворид карда, куштани онро гуноҳ меҳисобанд. Ба ақидаи мардуми Бадахшон куштани гурба нафақат амали нораво ва убол аст, балки он ба шахс зарари рӯҳиву ҷисмонӣ ва моддӣ мерасонад. Дар зиндагии воқеӣ ба мушоҳида гирифтанд, ки дар як ҷое бачаҳо гирд омада, сӯҳбат мекарданд. Баногоҳ гурбае дар пешашон пайдо мешавад. Яке аз онҳо гурбаро зада мекушад. Баъди чанд рӯз дасти ҷавон ба дард меояд ва дасташро мебуранд. Бачаҳо зуд пай мебаранд, ки сабаби дарди дасташ рафиқашон гурба будааст [214].

Боз чунин мегӯянд, ки агар гурбаро касе кушад, вай товон месупорад. Чунончи: Подшоҳе будаст, ниҳоят золим, ӯ гурбае доштааст. Боре гурбаашро мекушанд. Подшоҳ амр медиҳад: “Касе, ки гурбаро

куштааст, товон хоҳад дод”. Баъди муддате маълум мегардад, ки писари подшоҳ гурбаро куштааст. Подшоҳ аз писараш товон меситонад [205]. Ба ин ривоят такя карда, мардуми Бадахшон ақида доранд, ки агар касе гурбаро кушад, ё озор диҳад, дар он дунё гурба баробари чени пӯсташ аз ӯ товон меситонад [190].

Дар ривоятҳои дигар баъди марг мавҷуд будани образи гурбаро тасвир кардаанд. Чунончи: «Инсон баъди реҳлат ба дарвозаи биҳишт аз болои нӯги теғ мегузарад, ки нӯҳ гурба болои он истодаанд ва онҳо таҷассумкунандаи нӯҳ гуноҳи инсонанд. Ҳар яке аз онҳо аъмоли инсонро гуфта медиҳад» [183, 3].

Гурба ҳангоми хӯрок хӯрдан чашмонашро мепӯшонад, мувофиқи тасаввуроти мардумӣ ин амал ба он хотир аст, ки баъди оне, ки гурба мемурад, дар он дунё вайро мепурсанд, “оё соҳибат туро сер кард? ”. Вай “не” мегӯяд [183,3]. Инчунин хислати худпарастӣ ва дуздиро низ ба гурба нисбат дода, мегӯянд, гурба мехоҳад, ки дар хона як кампир бошаду ҳар вақт хоҳад хамирашро медуздад. “Гурба, гӯё, мегуфтааст, ки дар хона ман бошаму як кампири танҳо бошад. Ман ҳама чизро дуздида хӯрдан гираму кампир нафаҳмад. Яъне гурба намехостааст, ки аҳли оила зиёд шаванд” [58, 23].

Ба ғайр аз ин, гурбаро бало ҳам мегӯянд, гӯё ҷинниён баъзе вақт худро ба сурати гурба медароваранд ва боиси азият ва озори одам мешаванд.

Аз мардуми Бадахшон ба ин мазмун ривояте дастрас гардидааст, ки ақидаи мардумиро оид ба ҷинси мавҳум будани гурба тақвият мебахшад. Барои мисол, дар замони қадим марде аз сафари Афғонистон ба ким–кадом коре ба хонааш ба тарафи рости дарёи Панҷ бармегаштааст. Шаб дар роҳ мемонад, ки на хона дошту на ҷои шаббош. Яке аз пешаш вайронае мебарояд ва он мард мегӯяд: “Шабро ҳамин ҷо рӯз мекунам ва саҳарӣ боз роҳамро давом медиҳам”. Мард дароз мекашад, ки гумбур–гумбур мешавад. Мебинад гурбаи бисёре ҷамъ

меоянд ва гурбаи калони бадҳайбате дар мобайн даромада, шуруъ ба маҷлис мекунад. Гурбаҳо маҷлис мекунаду мераванд. Саҳар мешавад, мард боз ба роҳ мебарояд ва ба манзил мерасад. Рӯзе вай ба хонаи ҳамсоя даромада, мебинад, ки он гурбаи бадҳайбат аз пиёлаи шире, ки дар пешаш гузоштаанд, хӯрда истодааст. Мард ба гурба нигариста, ба соҳибхона мегӯяд: “Гурбаатро хеле эрка кардед”? “Ҳа”–, ҷавоб медиҳад соҳибаш. Он мард дар бораи гурба ба соҳибаш нақл мекунад ва мегӯяд, ки ин ҳамон гурба аст. Гапи мард ба охир нарасида, гурба гурехта, дигар бар намегардад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки бархе аз халқияти дунё онро қувваи аҳриманӣ мегӯянд. Чуноне, ки олими англис Ҷ. Фрейзер дар тадқиқоташ менигорад: Дар Ардена (Франция) дар гулхан гурбаро, ки намоди аҳриманӣ аст, месӯзонданд [166, 90].

Дар баъзе ривоятҳо гурба хизматгори инсон аст. Чунончи: «Замоне одамон ба як ҷои дур савори киштӣ сафар мекарданд. Онҳо қисми баҳрро тай карданд, ки ногаҳон хук атса зада, аз чашмонаш муш паридааст ва вай ба сӯрох кардани киштӣ даромадааст. Дар он замон барои аз байн бурдани муш гурба пайдо шудааст [197].

Ҳозир ҳам баъзе одамон ақида доранд, ки дар пешонии гурба нишонаи ангуштони Эзад зоҳир аст.

Лезгинҳо ақида доранд, ки пайғамбар Муҳаммад ба гурба дуои нек додааст. Азбаски гурба доимо аз паи гармӣ аст, доир ба ин хислаташ ҳам ривоят гуфтанд. Бо дуои Сулаймон пайғамбар гӯё дар мағзи сари гурба ях ҷойгир шудааст ва барои ҳамин вай доимо хунук мехӯрад, дар зимистон бештар дар хона ва гирди сандалӣ мегардад. Бачаҳо сурудҳои дар ҳаққи гурба эҷодшударо, маҳз, дар зимистон мегуфтанд.

Пишӣ, пишӣ, лолоӣ ту,
Абдукарим додои ту.
А шабгаштанҳои ту,
Чоруқ намонд да пои ту [106, 72].

Дар афсонаи “Гурбаи форсӣ” [149, 279] образи гурба мусбӣ арзёбӣ гардидааст. Дар ин афсона кумаки гурба ба кудаки ятим ва сарватманд гардидани он хеле самимона тасвир ёфтааст. Дар як афсонаи мардуми Бадахшон бо номи “Гурба ва муш” чунин акс ёфтааст: Гурба чанд бор мушро меқапид. Муш гурбаро фиреб дода, аз дасташ раҳо меёбад. Дафъаи дигар гурба ба масҷид рафта, қасам ёд мекунад, ки дигар мушро озор намедиҳад. Муше гапи вайро шунида, тамоми мушонро хабардор намуда, тӯҳфа гирифта, ба назди гурба меоянд, гурба ҳамаи онҳоро қапида несту нобуд мекунад [157, 495].

Як қисм мазмуни ин афсона ба достони “Мушу гурба”–и Убайди Зоконӣ умумият дошта, маншаи адабиёти хаттӣ будани эҷодиёти даҳанакиро возеҳ мегардонад. Чунин тасвир дар сурудҳои бачагона низ вуҷуд дорад:

Гурбаи ман ҳалқадум,
Ҷои хобаш паси хум.
Сари роҳаш муши шум,
Ҷабраки ҷои мушон,
Гурбаи ман паҳлавон.
Дар пушташ сияҳкамон,
Ба сари муш шуд равон.
Ҷабраки ҷони мушон,
Гурбаи ман алояст.
Алояки балояст,
Сайёди бебаҳояст,
Ҷабраки ҷони мушон [75, 33].

Мувофиқи эътиқоду боварҳои мардум, агар гурба худро ба пойҳои шахс печонад, шахс баъди як ҳафта ё як моҳ пас мемурдааст. Боз мегӯянд, ки агар гурба рӯяшро шӯяд, барфу борон меборад.

Пайдост, ки одамон офаридаи табиат буда, аз давраҳои хеле қадим рӯзгорашон дар иҳотаи ҷонварони дигари табиат, бахусус, ҳайвонот

ҷараён доштааст. Аз ин сабаб дар байнашон нисбат ба онҳо ҳар гуна тасаввурот ва ақидаҳо ба вуҷуд омадаанд. Тибқи мушоҳида ва таҷрибаи тӯлонии зиндагии одамон вобаста ба хислату хосият зарару фоидаи ҳайвонот, муносибатҳои мухталифашонро ҳам нисбат ба онҳо зоҳир намудаанд. Бархе аз онҳо, ҳамчун аҷноси муқаддас ва ҳатто, тотем (маншаи офариниш) эътироф шудаанд. Бархи дигари онҳоро чун манбаи файзу баракати рӯзгорашон маҳсуб медонистаанд. Суратмисолҳои гов, хар, асп, гӯсфанд, буз, уштур, нахчир аз ҷумлаи ҳайвонот мебошанд, ки дар баробари мардуми навоҳии Кӯҳистони Бадахшон ва тоҷикони манотиқи дигар бисёре аз халқҳои олам онҳоро эҳтиром менамудаанд, ки якчанд сабаб дорад.

Аввалан, онҳо ҳамчун нишонаи давлат ва беҳбудии рӯзгор эътироф мешаванд. Дуюм, онҳо манбаи зисту зиндагонии нахустинсон мебошанд. Сеюм, қисме аз онҳо ҳамроҳи нахустинсон офарида шуда, мададгори вай дар ҳар давру замон мебошанд. Тамоми расму маросим ва дину оинашонро ба бархе аз онҳо алоқаманд намуда, нисбаташон эътиқоди қавӣ пайдо мекарданд.

Ҳар як асотиру ривоят, ки дар онҳо образи ҳайвонот тасвир мешаванд. Аз панду андарз холӣ набуда, беҳтарин фазилатҳои инсониро талқин менамоянд. Ҳамчунин дигар жанрҳои фолклорие, ки дар онҳо ҳайвонот тасвир шудаанд, бисёр паҳлӯҳои зисту зиндагонии инсонро мукамал менамоянд. Агар дар қисме аз нақлвораҳо образи ҳайвонот ҷанбаи парастишӣ пайдо карда бошанд, дар қисми дигар хислатҳои зишт пайдо намуда, бо ин шакл ба жанрҳои дигари фолклорӣ роҳ ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки образи ҳайвонот на танҳо таҳвиятбахши рафтори некӣ мебошанд, балки ҳидоятгари ҳифзи муҳит ва табиату ҷонварон низ ҳисоб меёбанд. Дар нахустэҷодҳое, ки алоқамандии ҳайвонот ба расму маросимҳо акс мегарданд, пайдоишашон ба давраи хеле қадим мерасанд ва ҷанбаи асотирӣ касб менамоянд.

БОБИ II

ТАСВИРИ СУРАТМИСОЛҲОИ АСОТИРӢ ДАР ОСОРИ ШИФОҲИИ МАРДУМИ БАДАХШОН (ДАР МИСОЛИ ПАРАНДАГОН)

Фасли 1. Ба сифати тамсил бозтоб шудани парандагон

Бархе аз парандагон аз замонҳои бостон мавриди парастиши нахустинсон қарор гирифта, дар шакли эзади парандагон эътироф гардидаанд. Бо гузашти замон бархе аз онҳо ба суннату маросим, расму ойин ворид шуда, аз ин роҳ ҳифз гардида, пас бо тағйири шакл вориди осори шифоҳӣ шудаанд.

Яке аз образи парандагоне, ки дар миёни халқҳои олам, аз ҷумла қавмҳои ориёӣ таваҷҷуҳи зиёд доштаанд, хурӯс мебошад. Дар забонҳои шуғнонӣ ва рӯшонӣ онро “чухъ”, мокиёнро “чахъ”, дар Вахон “мок” ва мокиёнро “кҳрк”, дар Язгулом “чух” ва модаи онро “чарғ” мегӯянд. Вобаста ба таваҷҷуҳ ва эътиқод нисбат ба ин ҷонвар дар байни халқу миллатҳо асотир, ривоят ва афсонаҳо вирди забон гаштаанд.

Тибқи маълумоти шарқшиноси маъруфи рус Е. Э. Бертельс, дар оини Зардушт хурӯс ҳамсафари Суруш (қувваи некӣ) буда, қувваи бадӣ (девон) гӯё аз овозаш дар ваҳму ҳарос будаанд. Ба ҳамин монанд тасаввурот байни славянҳо низ вуҷуд доштааст [118, 2].

Дар миёни қисме аз қабилаҳои Африқоӣ ба ҳамин мазмун ва маънӣ низ ривояте маъруф аст. Дар он омадааст, ки дар байни Сундято (қаҳрамони қувваи некӣ) ва шоҳи ҷодугар Сумаоро (қувваи бадӣ) муқовимати шаддиди доимӣ вуҷуд доштааст. Рӯзе Сундято пари хурӯси сафедро ба сифати тир ба муқобили душмани ашаддиаш истифода мебарад, ки он ба китфи Сумаоро расида, вай аз таъсираш ба ҳалокат мерасад. Ҳамин ҳодиса боис шудааст, ки қисме аз мардуми Африқо хурӯсро чун як паррандаи муқаддас парастиш мекунанд [139, 37].

Ба ақидаи мардуми лезгин хурӯс ва мурғ муҳофизи инсонҳо аз деву ҷин мебошанд. Деву ҷин аз овози онҳо дар ҳаросанд [125, 4].

Дар китоби “Таърихи Табарӣ” чанд хислати хурӯс нишон дода шудааст, ки онҳо аз як тараф, ақидаҳои оини зардуштиро ифода менамоянд, аз тарафи дигар, тасаввуроти моро дар бораи қавмҳои ориёӣ мукаммал мегардонанд. Як хислати неки хурӯс ҳамин будааст, ки вай чун инсон нисбат ба ҳамҷинсаш ниҳоят бовафо, меҳрубон будааст. Барои чунин хислаташ, гӯё Каюмарс хурӯсро хонагӣ кардааст. Дар осори фавқуззикр омадааст: “Ин фаррухмурғест ва ба фол нек аст ва доштани вай воҷиб аст… хурӯс ва мокиёнро бибурд, миёни фарзандони Одам ва гуфт, инонро неку доред, ки табъи ин ба табъи одамӣ наздик аст ва ба фол нек аст. Ва аҷам хурӯсро ва бонги ӯро ба вақти хуҷаста доранд, хосса хурӯси сапедро. Ва гӯянд, ки ба ҳар хонае, ки ин мурғ дар он бошад, девон дар он хона наоянд” [3, 70].

Образи хурӯс нисбат ба дигар парандагон байни одамон боз барои он мартабаи баланд доштааст, ки вай дар сараш тоҷ дорад ва тоҷ нишонаи бузургӣ мебошад. Ақидае аст, ки хурӯс фарёдкунандаи офтоб низ мебошад. Вай офтобро даъват мекунад, то ки ба инсон ва табиат гармӣ ва рӯшноӣ бахшад. Яке аз донишмандон бар ин ақида аст, ки: “Ватани хурӯс Эрони бостонӣ буда, дар он ҷо вайро бори нахуст ром кардаанд” [168, 96].

Фолклоршинос Д. Раҳимов дар тадқиқоташ аз шарқшиноси рус К. А. Иностранцев иқтибос оварда, роҷеъ ба гуфтаи фавқ чунин ибрози ақида намудааст: “Ҳар касе, ки ба марди порсо ҷуфте аз мурғро, яъне, хурӯс ва мокиёнро тӯҳфа мекард, ба андозаи он ки биҳиштро ба он тӯҳфа кардааст. Хурӯс намегузоштааст, ки инсон ҳар бомдод вақти намозро фаромӯш кунад” [131, 91].

Пайдост, ки образи хурӯс бо хислати зиракиву ҳозирбошӣ ва “хатиби субҳ” буданаш ҳамчун паррандаи хуҷаста аз ҷумлаи ҳамсафарони доимии инсон будааст. Вай инсонро аз хоби бепарвоӣ ва гарон бедор мекунад, то ба Офаридгор ибодат анҷом диҳад ва аз паи

кору зиндагӣ шавад. Хурӯсу мокиёнро рамзи фаровонии ҳосил низ ҳисоб мекунанд.

Ба гуфти сокини вулусволии Шуғнони Афғонистон Меҳриддини Раҳмихудо (соли таваллуд 1946) хурӯсро мурғи порсо ва ахтаршинос низ мегӯянд, зеро вай мудом дар такбир ва таҳлил аст. Вақти азони субҳ мегӯяд, ки: “Ай мардумон, бихезед, Худоро ёд кунед, шукри неъматҳои Худоро ба ҷо оваред, то аз оташи дӯзах дар амон ва маҳфуз монед” [205].

Бархе аз мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар ақидае ҳастанд, ки хурӯс дар аснои бонг заданаш номи Ҳазрати Алиро ба забон мегирад. Бархе ақида доранд, ки овоз баровардани ин паранда дар аснои субҳи козиб садо аз ғайб ба дилаш мерасад ва вай маҷбур аст, ки ин дастурро барои мардум иблоғ кунад.

Аз маълумоти шифоҳӣ ва нақлҳои воқеӣ бар меояд, ки хурӯс аз ҷумлаи ҷонвароне мебошад, ки маскунони навоҳии Кӯҳистони Бадахшон онро аз замонҳои қадим дар қатори чанд ашёи зарурии рӯзгору ҳаёти маишӣ маҳсуб медонистанд ва нисбат ба он ихлосу эътиқоди махсус доштаанд. Ривояте ҳаст, ки сокинони деҳаҳои Сарез, Дурум, Йорх ва Шева бою сарватманд гардида, аз одаму одамгарӣ фаромӯш мекунанд, ба ҷуз як кампир. Оқибат ҳама бо молу ҳолашон дар зери кӯл мемонанд, ба ғайр аз кампир ва ғалберу хурӯсу чархи ресмонресиаш.

Аён аст, ки ин се чиз дар рӯзгору ҳаёти маишии мардум хусусияти рамзӣ низ доранд. Ба ҳамин маънӣ рӯзноманигори тоҷик Муҳаммад Маҳмадов дар яке аз навиштаҳояш нақли сокини деҳаи Қалъаи Ҳусейн (ноҳияи Дарвоз) Алимардон Лиқои 81 соларо ба чунин тарз иқтибос овардааст: “Барҳақ мардуми Равноб (деҳае дар ҷамоаи деҳоти Сағридашти Дарвоз) мардуми меҳнатӣ будаанд. Аз падарам шунида будам, ки аввалин марди ин ҷо маскун гирифта, ба худ пеш аз ҳама хурӯс овардааст. Бале, хурӯс, ба он нияте, ки баробари фарёди пеш аз субҳи хурӯс ба сари замин барояд” [28, 3].

Дар бораи хурӯс халқҳои дигар низ нақл ва ривоятҳо эҷод кардаанд. Чунончи, халқи бурят ривояте доранд, ки тибқи мазмунаш гӯё хурӯс аз аввал парандаи ваҳшӣ будааст, вале шикорчие вайро ба хона оварда, парҳояшро буридааст, то ки дур парвоз накунад. Пас шикорчӣ ба ҷангал рафта дидаст, ки хурӯсон байни худ маслиҳат мекунанд, ки саҳарӣ барвақт садо карда, парҳояшонро металабанд. Агар саҳарӣ парҳояшонро бар нагардонанд, нисфирӯзӣ садо хоҳанд кард ва агар нисфирӯзӣ парҳояшон бар нагардонанд, бегоҳӣ садо мекунанд ва як рӯз панҷ бор овоз бароварда, пару болашонро талаб кунанд. Ҳамин ҳолат гӯё боис шудааст, ки хурӯс дар як рӯз панҷ бор овоз мебарорад [159, 323]. Ба ҳамин монанд ривояте аз сокини шаҳри Хоруғ Броимшоева М.(соли таваллуд 1970), соли 2004 дастрас гардид: “Марди деҳқоне хурӯсро барои оташ фиристондааст ва хурӯс оташро гирифта, гоҳ минқораш месӯхту гоҳ тоҷаш ва гоҳ пару болаш, вале вай тоқат карда, ҳафт шабу рӯз роҳ паймуда, ба ҳавлии деҳқон расидааст. Барои ҳамин, чашму тоҷ ва пару боли хурӯс гӯё ранги оташ аст. Акнун вай ҳар саҳар ҷеғ зада, деҳқонро аз хоб бедор мекунад, то ки оташи хонадонаш хомӯш нашавад” [192].

Дар ин ривоят аз як сӯ, ҳамдаму ҳамрози одамони меҳнатӣ будани хурӯс таъкид ёбад, аз сӯи дигар, образи хурӯс мусбӣ буда, баҳри пойдории рӯзгор талош мекардааст.

Ривояти халқияти Гавай гуфтаҳои болоиро таҳким мебахшанд. Дар замони қадим инсон тарзи даргирондани оташро намефаҳмидааст, онро танҳо хурӯс медонистааст. Қаҳрамони ин мардум Мауӣ хурӯсро дошта, аз ӯ тарзи даргирондани оташро мепурсид, вале вай чанд бор Мауиро фиреб додааст. Ҳамин буд, ки Мауӣ оташро дар сари хурӯс даргирондааст ва барои ҳамин, тоҷаш сурх гаштааст [139, 37]. Пас аз ин инсон тарзи даргирондани оташро ёд гирифт. Аз ҳамин сабаб ҳам дар устураҳо образи хурӯс намоди оташ тасвир мешавад.

Дар қисме аз деҳоти Кӯҳистони Бадахшон, алалхусус, дар ҷамоаи деҳоти Басид ва деҳаҳои дигари болооби Бартанг, қабл аз ба ҷо овардани маросими Чароғравшанкунӣ наздикии ғуруби офтоб ё пешини ҳамон рӯз, қурбон кардани хурӯс расм шудааст. Ақидае аст, ки бо рехтани хуни хурӯс ғамхона аз уфунат пок мегардад, зеро то ин дам гӯё рӯҳи марҳум дар шифти хона (чорхона) гирд мегаштааст ва деву ҷин ҳам он хонаро тарк намекардааст.

Дар Вахон агар касе фавтад, дар хонаи ҳамаи хешовандонаш хурӯсро забҳ мекунанд. Ба қавли файласуф А.Шохуморов забҳи хурӯс дар рӯзи сеюми пас аз фавти инсон як маросими махсуси Чароғравшан буда, хоси тамоми исмоилиёни Осиёи Марказӣ будааст. Дар ин бора муҳаққиқ далелҳои мукаммал пешниҳод намудаст [169, 657–658].

Дар баъзе маҳалҳои Бадахшон чунин ақида доранд, ки агар касе дар моҳи сафар реҳлат кунад, хешону наздиконаш паи ҳам вафот мекардаанд. Бинобар ин дар қисме аз деҳаҳои ноҳияи Рӯшон то ҳол одате аст, ки мувофиқи он агар касе дар ин моҳ фавтад, пеш аз майит аввал хурӯсро дохили қабр мекунанд ва баъд онро забҳ мекунанд, ки роҳи вафоти аҳли хонадон ва хешони наздикашон гирифта шавад. Мувофиқи маълумоти А. Шохуморов қурбон кардани хурӯс дар маросими азо ба давраи Сиёвуш (аз қаҳрамонони асотирии “Шоҳнома”– и Абулқосими Фирдавсӣ) мерасидааст. Расме будааст, ки дар рӯзи ҷашни Наврӯз назди қабри Сиёвуш пеш аз дамидани офтоб хурӯсро қурбон мекарданд [108, 141].

Пас маълум мешавад, ки қурбон кардани хурӯс дар маросим, ба вижа, дар мусибатҳо аз расмҳои қадимӣ будааст. Ҳамаи ин боис шудааст, ки хурӯс дар ҷумлаи дигар намуди ҳайвоноти хонагӣ қарор гирифта, ҷиҳати талаф шудани як сар ҳамҷинсаш марсия бо номи “Шомурғи момо, ту–ту” дар фолклори тоҷик гунаҳои гуногун пайдо намудааст.

Дар ин марсия намуду хислати хурӯс ба ҳар тарз васфу сифот мешавад. Дар як нусхааш “тоҷи мурғ кулоҳи қаландарон, чашмонаш оинаи

духтарон, нӯлаш рангдон ва забонаш хомаи мулло, сангдонаш хамири кампирон, ҷигараш сурхии рухсораи арӯсон, пояш юғ ва панҷааш панҷшохаи деҳқонон” васф шуда бошад, дар шеъри “Мурғакамро рӯбоҳ бурд” муҳаббати бепоёни инсон нисбат ба ин ҷонвар тасвир ёфтааст [9,299]. Дар матни суруд омадааст:

Мурғаки ман сафед буд,
Катакаш таги бед буд.
Мурғаки ман қуланг буд,
Пои чапаш ланг буд.
Як саҳарӣ хестам кофтам,
Мурғакама наёфтам.
Чанд хонаю дар рафтам,
Поёнаки ҷар рафтам.
Даруни ғора кофтам,
Парҳои мурға ёфтам.
Рӯбаҳ туро банд кунам,
Пояката ланг кунам,
Дигар накунӣ ҳавас,
Хӯрдани мурғаки кас [13, 169].

Дар як афсонаи “Мурғаки сеҳрнок” дар бораи муҳаббати самимии мӯйсафеду мурғаш сухан меравад. Чунончи: “Мӯйсафеду кампир дар бисоташон аз дорӣ як мурғак доштаанд. Рӯзе мӯйсафед ба мурғ нигоҳ карда, ба ҳасрат гуфтааст: “Эй кошкӣ, ҳамин мурғакам як тухми тилло мекард”. – Саҳарии рӯзи дигар хеста, чолу кампир мебинанд, ки пеши мурғ тухми тилло истодааст. Дигар ҳар рӯз мурғ яктӣ тухми тилло мекард ва зиндагии муйсафед рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Бои деҳа аз ин воқиф гашта, омада, бе пурсиш мурғро гирифта, ба хонааш мебарад. Рӯзи дигар пеши мурғ тухми одиро дида, аз қаҳр ва ҳасад мурғро мекушад.

Мӯйсафед куштани мурғашро шунида, ба хонаи бой меравад ва устухонҳояшро ҷамъ карда, дар замин гӯр мекунад. Аз устухонҳо

дарахти муруд мерӯяд. Муйсафед баъди пухтани муруд меваашро ба хона меорад ва аз даруни он духтараки соҳибҷамоли резаандоме мебарояд. Шоҳзодаи ҳамон мулк духтарро дида, ошиқи вай мешавад ва ӯро ба занӣ мегирад. Духтар падару модараш (мӯйсафеду кампир) – ро ба қаср мебарад ва боқии умрашонро хушу хуррам мегузаронад”.

Ин афсона бори дигар дарак медиҳад, ки инсон мурғро барвақт дастомӯз кардааст ва дар баробари соири хӯрокҳо барояш манбаи муҳими ғизо ҳисоб мешудааст [70, 66].

Инчунин ақидаи аз устухонҳои мурғ рӯидани дарахт ва аз даруни муруд берун омадани духтар хеле қадим буда, ба даврае рост меояд, ки дар тасаввури нахустинсон ашёи табиат метавонистааст, шаклу сурати гуногунро соҳиб шавад.

Дар Шуғнону Рӯшон як намуди хурӯсро, ки дар бозии хурӯсҷанг истифода мекунанд, “қулунгичухъ” мегӯянд ва ашхоси “мурғбоз” чунин хурӯсро махсус тарбия мекунанд. Дар ин бора фолклоршиноси тоҷик Додоҷон Обидов дар яке аз таълифоташ суруди “Мурғи қулангӣ”, ки дар байни аҳолии даризабонони Афғонистон хеле маъмул будааст, зери назар гирифта, доир ба ин образ мулоҳизаҳои судманд баён кардааст [41,63]. Ӯ аз ҷумла навиштааст: “Дар аксарияти манотиқи Афғонистон барои бозии мурғҷангӣ аз мурғҳои махсус, ки бо номи “қулангӣ” ёд мешаванд, бештар кор мегирифтанд. Дар шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи Афғонистон ашхосе буданд, ки онҳо танҳо ба тарбияи мурғҳои ҷангии қулангӣ машғул мешуданд ва ҳамарӯза рӯзгори худ ва аҳли оилаи худро бо ҳамин таъмин менамуданд” [41, 61].

Дар баробари ин дар дигар хислатҳои образи хурӯс дар китоби “Таърихи Табарӣ”–и Муҳаммади Балъамӣ чунин таъкид шудааст: “Он хурӯс ки ӯ (Каюмарс)–ро буд, намози шом бонг кард. Ва ҳаргиз бад – он вақт бонг нашунида будааанду гуфтаанд: “Чи шояд будан бонги ин мурғ чун?. Чун бингариданд, Каюмарс мурда буд”. Пас аз он бонги хурӯс бад

– он вақт ба фоли бад гирифтанд, то имрӯз Худованди зақри эдун гӯянд, ки хурӯсе, ки бад – он вақт бонг кунад ва Худованд хурӯсро бикушад. Он баъд аз ӯ даргузарад” [3, 17].

Илова ба ин гуфтаҳо овардани чанде аз нуқтаҳои Ғиёсиддин Ҳамадонӣ аз китобаш “Нуҷум” мувофиқи матлаб дониста шуд: Агар хурӯс шаби якшанбе бонг кунад, соҳиби хонаро меҳмон ояд. Агар шаби душанбе бонг кунад, худованди он хонаро аҷал наздик ояд. Агар шаби сешанбе бонг кунад, соҳиби хонаро фарзанд пайдо шавад. Агар шаби чоршанбе бонг кунад, аҳли он хонаро ҷудоӣ афтад. Агар шаби панҷшанбе бонг кунад, соҳиби хонаро моли бисёр ояд. Агар шаби ҷумъа бонг кунад, соҳиби хонаро тавоноӣ пайдо шавад. Агар шаби шанбе бонг кунад, соҳиби хонаро умри дароз шавад [92, 7].

Шоире бемаҳал бонг задани мурғро фоли бад донистааст:

Саодат намонд, дар он хонадон,

Ки хурӯс бонг ҳаме зад, бемаҳал [92, 8].

Асотиру боварҳо дар бораи образи хурӯс имрӯз ҳам дар байни мардум боқӣ мондаанд. Масалан: Агар арӯсро дар шаби арӯсӣ тавассути аспи сиёҳ ба манзили шавҳар бубаранд ва ба даҳони асп хуни мурғи сафед рехта шавад, арӯс хушбахт гардад. Агар касе мурғ ё моҳиро дар хоб бубинад, ба мурод мерасад. Агар мурғе ҷилави дарвозаи хона якпаҳлу бол бизанад, ба хонаи соҳиби мурғ меҳмон меояд [90, 8].

Муҳаққиқ Д. Раҳимӣ дар китобаш “Шугун ва боварҳои мардуми тоҷик” шугунҳои марбут ба шабона хурӯшидани хурӯсро баррасӣ карда, хулоса кардааст, ки хурӯс дар шугунҳои тоҷикӣ таҷассуми оташу равшанӣ ва мунодии офтоб будааст. Аз асотиру боварҳои марбути хурӯс, ки дар замони қадим хеле маъмул буданд, имрӯз бештар дар шакли шугун ва қисман дар шаклҳои дигари тасвирӣ боқӣ мондаанд [54, 58–59].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, хурӯс дар назди инсон аз замонҳои қадим эътибори махсус доштааст ва аз асотиру ривоятҳо вобаста ба

хурӯс ба чунин хулоса омадан мумкин аст. Якум, хурӯс ҳамсафари қувваи некӣ – Суруш мебошад. Дуюм хурӯс нисбат ба ҳамҷинсонаш бовафост. Сеюм аз тарафи Каюмарс хурӯс хонагӣ шудааст. Чорум, тоҷро нишонаи бузургӣ донистаанд. Панҷум, аз рӯи бонги хурӯс соатро ихтироъ кардаанд. Шашум, дар маросимҳои гуногун рамзи некиро ифода мекардааст.

Дар баробари хурӯс, суратмисоли кабк низ дар фаҳмиши мардум парандаи муқаддас аст. Дар забони шуғнонӣ онро “заризъ”, дар Рӯшон “зарез”, дар Вахон “чкҳр” ва дар забони язгуломӣ онро “жаранг” мегӯянд. Бисёр мардуми дунё хосияти кабкро нек мапиндоранд. Бархе аз халқҳо ба он хотир парандаи мазкурро муқаддас меҳисобанд, ки гӯё вай ҳама вақт дар ваъз ва насиҳат будааст. Ин паранда ба андозаи кабӯтар дорои думи кӯтоҳ, парҳои хокранг, болҳои сурху сиёҳ буда, бештар дар домани кӯҳҳо зиндагӣ мекунад.

Халқияти чукча кабкро барои он парандаи муқаддас ҳисоб мекунанд, ки бо кумаки вай гӯё нажодашон ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи ақидаҳои асотирии онҳо: «Дар замони қадим хоҳару бародари ятим дар таҳхона зиндагӣ мекарданд. Рӯзе онҳо кабки ба дом афтодаро озод карданду кабк барои онҳо рӯшноиро пайдо намуд, то ки онҳо анвои хӯрокворирро пайдо карда тавонанд. Оқибат аз онҳо фарзандони зиёде таваллуд шуданд» [137, 96].

Хосияти дигари кабк ин аст, ки вай ниҳоят сустпарвоз аст. Дар ин бора мардум ҳар гуна нақл ва ривоятҳо офаридаанд. Халқияти Ёқутистон доир ба мазмуни зайл ривояте доранд: «Баъде, ки тирамоҳ фаро расид, ҳамаи парандагон ба ҷойҳои гарм парвоз карданд, вале кабк доимо ақиб мемонд, бинобар ин, парандагон қарор доданд, ки дигар кабкро ҳамроҳашон нагиранд. Кабк дар манзили хунук монд ва ҳангоме, ки дар фасли баҳор парандагон баргашта омада, диданд, кабк ниҳоят зебо ва фарбеҳ шудааст. Аз он замон кабк чун бархе аз парандагони дигар майли ба ҷойҳои гарм парвоз кардан надорад» [159, 34].

Эътимоди мардумӣ нисбати кабк боз аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар афсонаҳои халқи тоҷик кабк як парандаи зирак нишон дода шудааст. Дар афсонаи “Каклик ва рӯбоҳ”, рӯбоҳ кабкро тӯъмаи худ гардонд, вале кабк бо зиракиаш худро аз чанголи рӯбоҳ халос кард [83, 342]. Азбаски устураҳо бо гузашти замон шаклашонро баъзан ба жанри афсона медоданд, дар онҳо низ асли эътиқодӣ доштани ин паранда таъкид ёфтааст.

Дар тасаввури иддае аз мардуми Кӯҳистони Бадахшон кабк парандаи ниҳоят ҳассос буда, аз ҳамаи ҳодисаву воқеаҳои олам тез хабардор мешавад. Дар деҳаи Рошорви ноҳияи Рӯшон нақл карданд, ки: «Рӯзе писари як марде аз деҳаи онҳо дар ҷои дигар фавтида буд, вале аз ин воқеа аз аҳли деҳа ягон кас огоҳӣ надошт. Дар он хонадон кабке буд, ки то ба хона овардани майит ва ба хок супурданаш дергоҳ на дон мехӯрд ва на об, аз чашмонаш беист ашк мерехт». Шояд ҳамин боис шуд, ки мардум кабкро парандаи бовафо мегӯянд.

Афсонаи дигаре, ки аз сокини деҳаи Занудҷи ноҳияи Роштқалъа Шогуниева Резабегим (соли таваллуд 1933) соли 2001 дастрас гардид, доир ба ранги хокистар гирифтани кабк нақл мекунад. Чунончи: «Замоне муш кабкро ба занӣ гирифт ва парҳояшро мехӯрад, то ки парвоз кардан натавонад. Рӯзе муш вайро нағмасарой мефармояд. Кабк овоз бароварда, оҳиста–оҳиста парҳояш баромадан мегиранд ва вай болои равзан баромада мегӯяд:

Қақра – қақра нахтойдум,
Бобосафар нахтойдум.
Аз Карбало нахтойдум,
Шукри Худо нахтойдум.

(Нахтойдум – ба маънии озод шудан) [235].

Муш ба ғазаб омада, хокистарро ба тарафаш пош медиҳад ва аз ҳамон замон гӯё кабк ранги хокистарро гирифтааст» [235].

Дар ривояте кабк ҳамчун муниси инсон тасвир шудааст. Масалан: «Дар замони Нӯҳ, ки тӯфон тамоми нуқоти ҷаҳонро фаро гирифта буд, кабк барои маълум намудани сатҳи об фиристонда шуд, лекин кабк дар гил ва лой банд монда буд. Чун кабк барнагашт, Ҳазрати Нӯҳ рафта дид, ки кабк дар гил банд мондааст. Нӯҳ кабкро аз банди гил наҷот дод. Азбаски кабк амри Нӯҳро ба ҷо овард, барояш дуои нек намуд». Аз ин рӯ, кабк садои мутаассир дорад ва хеле зебо аст.

Ба гуфти сокини деҳаи Хуфи ноҳияи Рӯшон Абдулназаров Ғоибназар Худованд кабкро дар рӯзи Наврӯз, ки оғози сол ва дар он хушию хурсандӣ аст, барои овози форамаш офаридааст [187].

Дар лирикаи халқӣ кабк чун булбул рамзи ошиқ аст. Фолклоршинос Р. Амонов нигоштааст, ки “Шавқи шикори кабк ва гирифтори қафас шудани он, дар доманаҳо ва дараҳои кӯҳсор, дар пеши назари мардум ба лаби об омадан ва дона ҷустанҳои ин парандаи зебо ба он мусоидат кардааст, ки ошиқон шабоҳати ҳоли худро бо вазъи кабкон нозук ва хотирнишон зикр кунанд” [10, 150].

Кавгам дар қафас, кавки калонам дар қафас,
Э ҷураи ҷон, биё, бишинем як нафас.
Ту алови даргирон шавӣ, ман қавзаи хас,
Месӯзему мепазем, намегӯем ба кас [10, 150].

Дар назми Бадахшон низ образи кабк хеле самимӣ тасвир шудааст.

Ба мисли кабк садо дорад дили ман,
Надорад аз қафас як дам раҳоӣ.
Туро бинад дар ин сина занад бол,
Чу бар булбул бувад гул як давоӣ [1, 166].

Пайдост, ки дар ҳар дуи ин пораҳои назмӣ мазмун наздикӣ дошта, дар баёни гӯяндагон образи рамзӣ–кабк мебошад. Зикр кардан зарур аст, ки ҳамин гуна тасвири бадеӣ, ки онҳо бо таъсири ҳамдигар офарида шудаанд, ифодагари ҳасби ҳоли қаҳрамони лирикаи шифоҳӣ мебошад.

Мардуми тоҷик дар ҳақиқат, нисбат ба кабк эътиқод дошта, бовар доранд, ки агар дар хона кабк бошад, ба хонадон мор наздик намешавад. Агар аввали баҳор касе овози кабкро шунавад, гурусна бошад, тамоми сол ангуштонаш мешиканад. Азбаски кабк аз замонҳои хеле қадим дар байни мардуми мо эътибор пайдо намудааст, имрӯз ҳам ин эътиборро аз даст надодааст. Мардум хислату рафтори кабкро ба эътибор гирифта, дар тафаккури бадеиашон онро яке аз парандагони муниси инсон тасвир менамуданд.

Инчунин, мардум нисбат ба суратмисоли кабки ҳилол низ ихлосу боварӣ доранд. Дар забони шуғнонӣ онро “цицу”, дар Рӯшон онро “цицав”, дар Вахон “чкҳр” ва дар Язгулом онро “хахарг” мегӯянд. Ин ҷонвар аз тағирёбии боду ҳаво тез хабардор мешавад. Агар зимистон наздикии деҳа фурояд, он сол барфу борони зиёд меборад ва баръакс, агар аз деҳа дур равад, он сол боришот кам мешавад. Аввали баҳор пеш аз он, ки кас садои кабки ҳилолро шунавад, ақаллан нонрезаро хӯрда бошад, дар акси ҳол, мегӯянд, ки ӯро кабки ҳилол зад ва тамоми сол гуруснагӣ ва ифлосӣ азобаш медиҳад. Кабки ҳилол бештар дар рубоиёти ғамангез ба худ хусусияти рамзӣ пайдо карда, дар сурати шахситарки дунёкарда, тасвир мешавад. Барои мисол:

Ай боғи падар ниёли корим рафтай,
Ай хонай падар кавги ҳилолим рафтай.
Мардум мега: “Духтар чиҳо менолӣ? ”

Фарзанди падар ёдгорим рафтай [7, 22].

Нишонаи беозории образи ин паранда ва муниси инсон будани он аз муҳтавои ин рубоиёти халқӣ бараъло эҳсос мешавад. Устураҳо нисбати ин паранда низ шаклашонро иваз карда, ба жанрҳои дигари фолклорӣ дохил шуданд ва то кунун пойдор мебошанд. Бо вуҷуди шакл ивазкунӣ ин паранда саҷияи некро нигоҳ доштааст.

Парандаи дигаре, ки тоҷикон ва дигар халқҳо нисбати он ақидаи мусбӣ доранд, фароштурук мебошад. Ин парандаи кӯчак дорои болҳои

дароз, нӯги тез, думи душоха ва сабзранг буда, зери синааш хокистаранг аст. Онро парасту низ мегӯянд. Дар забони шуғнонӣ онро “мандезъак”, дар Рӯшон “мандозъ”, дар Вахон “мангалич” ва дар забони язгуломӣ онро “малантес” мегӯянд. Дар баъзе манотиқ фароштурукро қосиди баҳор таъкид месозанд. Дар ҷое, ки вай пайдо шавад, аз омад–омади баҳор хабар мерасад. Фароштурук дӯсти инсон аст. Дар ин бора байни мардум ривояти зерин маъмул аст: «Замоне мор занбӯрро мефиристонад, то ки донад, ки гӯшту хуни кӣ ширинтар аст. Занбӯр хуни тамоми ҷонваронро чашида, ба хулосае омадааст, ки хуни инсон аз ҳама ширинтар аст. Занбӯр хост, ки ҳамин хулосаашро ба мор расонад, то ки вай минбаъд инсонро тӯъмаи худ қарор диҳад. Дар роҳ фароштуруке бо занбӯр вомехӯрад ва аз нияти занбӯр огоҳ шуда, даррав забони вайро бо думаш мебурад» [210].

Ҳамин гуна муносибати неку ҳайрхоҳонаи фароштурук дар як ривояти мардуми Кӯҳистони Бадахшон, ки вижагии мазҳабӣ касб кардааст, ифода ёфтааст. “Ҳазрати Алӣ барои фатҳи қалъаи Хайбар меравад. Ӯро берун аз қалъа бо найранге меҳмон мекунанд, аспашро дар ҳуҷраи ҳафтуми дохили ҳамдигар дароварда, дар гӯшҳояш пахта меандозанд ва дарҳоро қулф мекунанд. Аз ин бора ба қалъа хабар медиҳанд, ки лашкар ӯро дар ҳалқа гирад. Ҳазрати Алӣ дар иҳотаи душман монданашро фаҳмида, наъраи ҳайдарӣ мезанад, то овозаш ба гӯши Дулдул расад. Ҳар боре, ки ӯ наъра мезад, аз наърааш чанд кас беҳуш, чанд кас кар ва чанд кас дилкаф мегашт. Аз рӯи одат се бор наъра мезад. Наъраи аввалашро Дулдул нашунид. Бо наъраи дуйум фароштуруке аз қафо омада, аз думаш дошта, вайро берун мекашад, аммо Дулдул нияташро нафаҳмида, вайро ба дарун мекашид. Аз ин ҳаракатҳо парҳои думчааш канда шуда, ба даруни ҳуҷра ворид мегардад ва ба ҳуҷраи ҳафтум ба назди Дулдул мерасад. Даррав аз гӯшаш пахтаро берун мекунад, ки ҳамон замон наъраи сейуми соҳибаш ба гӯши вай мерасад. Дулдул ҳафт дари ҳуҷраи дохили ҳамдигарро шикаста, берун

омада, назди Ҳазрати Алӣ ҳозир мешавад. Ҳазрати Алӣ болояш савор шуда, душманонашро мағлуб мекунад” [199].

Фолклоршинос Д. Обидов дар мақолаи “Дар бораи суруди Ғучӣ, ғучӣ, баҳор шуд” [44, 39–46] нигоштааст: “Дар забони гуфтори мардуми Кобул вожаи ғучӣ маънии парасту, яъне фароштурукро ифода мекунад. Вале дар Кобул калимаҳои парасту ва фароштурук низ роиҷанд” [44, 39].

Ин олим муносибати мардумро ба ин паранда таъин карда, менависад: “Парасту, маъмулан, бо фаро расидани рӯзҳои сардӣ ба ҷойҳои гарм парвоз мекунад ва аз аввалҳои нимаи дуйуми фасли баҳор ду бора ба Афғонистон бар мегардад. Одамон, хусусан, бачагон аз дидани парасту дар фазои кишварашон шод мешаванд. Онҳо аз он шод мешаванд, ки парасту ба ҳайси паёмовари баҳор аз оғози айёми гармӣ ва мавсими бозию хурсандӣ навиде барояшон мерасонад. Ин аст, ки бачаҳо ба истиқболи парасту сурудҳо мехонанд хондани суруди “Ғучӣ– ғучӣ, баҳор шуд” низ дар ҳамин маврид ва ба ҳамин муносибат ба вуқӯъ мепайвандад” [44, 42–43].

Д. Обидов дар мақолаи худ, ҳамчунин як мақолаи Андешаманд ном олими афғонро, ки “Мурғон, ҳайвонот ва ақоиди омма” унвон доштааст, зери назар гирифта, аз он иқтибоси зеринро овардааст: “Мардум ақида доштанд, ки парасту “Аламнашра мехонад ва ҳар гуна осебе расондан ба ин парандаи зебо гуноҳи бузурге аст. “Аламнашра” бошад, номи яке аз сураҳои Қуръони маҷид аст. Дар он сура, ки бо ибораи “Аламнашра лака садрак” (“Оё накушодам синаи туро оғоз мешавад”), Худованд ба Ҳазрати Муҳаммад пайғамбар хитобан мегӯяд: “Оё боз накарданд синаи туро? Ин хитоб ишора ба рӯйдодест, ки Ҳазрати Муҳаммадро дар хурдсолияш ду маротиба ба василаи малак синааш боз ва қалбаш шуста шудааст” [44, 41– 42].

Мардуми Конибодом ҳам, парастуро аз ҷумлаи парандаи ба истилоҳ “убол” (яъне пок, бегуноҳ, муқаддас) ҳисоб мекунанд. Ба ақидаи онҳо касе, ки парастуро азият диҳад, дасташ хушк ва ё пес мешавад.

Онҳо, инчунин, бар он ақидаанд, ки вайрон кардани лонаи парасту боиси хароб гардидани хонаи шахсе хоҳад шуд, ки ин амалро анҷом додаст [44, 42]. Дар Кӯҳистони Бадахшон низ нисбат ба ин паранда калимаи “убол” истифода ва нисбати он як навъи тараҳҳум зоҳир мекунанд.

«Дар замони қадим чун одамон ба дарди ҷигар гирифтор мешуданд, лонаи ин парандаро ёфта, сари чӯҷаҳояшро ранги зард мекарданд. Ҳангоме ки фароштурук зардии сари бачаҳояшро медид, гумон мекард, ки чӯҷаҳояш гирифтори касалии зардпарвинанд. Фароштуруки нарина барои аз ин дард раҳо ёфтани чӯҷаҳояш аз ким–куҷое санги ярақонро пайдо карда, чун дору ба лонааш меовард. Одамон баъдан он сангро ёфта, барои рафъи дарди зардпарвин истифода мекарданд» [24, 9].

Дар бораи фароштурук дар байни бачагон сурудҳо эҷод ва паҳн гаштаанд, ки дар онҳо муносибати нек доштани мардум нисбат ба ин паранда ифода ёфтааст. Масалан, дар Сарбӯстони вилояти Бухоро ҳангоми дидани фароштурук чунин мегӯянд:

Фароштурук,

Тугма–тунук.

Бачча карӣ,

Качча карӣ.

Чӣ ко карӣ?

Гуриш,

Гуриш [107, 57].

Дар деҳаи Комкӯчи вилояти Бухоро бошад, бачаҳо фароштурукро ҳатто ба кулчахӯрӣ даъват менамоянд ва бо ин муносибати некашонро нисбат ба ин ҷонвари табиат боз ҳам возеҳтар баён месозанд.

Фароштурук,

Тугма–тунук,

Биё, биё,

Кулчета хӯр [107, 59].

Мардум мувофиқи ҳаракати фароштурук авзои боду ҳаворо низ муайян мекунанд. Агар фароштурук паст парвоз кунад, гӯё хабар медиҳад, ки баъди як рӯз барф ё борон меборад. Ба гуфти сокини ноҳияи Роштқалъа Шогуниева Резабегим агар касе, ки ин парандаро гирифта, панҷаҳояшро болои панҷаҳои дасташ гузорад, шахси ҳунарманд мешавад ва агар касе онро озор диҳад, сараш ларзончак мешавад [235].

Тибқи таҳлили шугунҳо дар бораи паст парвоз кардани парастуҳо, Д. Раҳимӣ қайд кардааст, ки “Мардум дар вақти мушоҳидаҳои худ сабаби рафтори ғайримуқаррарии ҷонваронро надониста, аммо пайомади онро дуруст муайян карданд. Масалан дар шугуни “Парасту паст парвоз кунад, борон меборад” одамон сабаби паст парвоз кардани парастуро пай набурдаанд. Асли воқиа ин аст, ки пеш аз боридани борон фишори атмосферӣ ва намнокии ҳаво меафзояд. Аз ин сабаб пашшаву хомӯшакҳо паст парвоз мекунанд. Парасту, ки доимо ҳашароти мазкурро шикор мекунад, ба думболи онҳо ба поин мефурояд ва паст парвоз мекунад” [54, 67].

Дар замоне инсон пойбанди ҳаводиси табиат буд ва ҳаракату амали фароштурукро низ таҷриба карда, худро аз душворӣ раҳо мекард. Ин буд, ки афкору ақида бовару эътиқод ва муносибати гуногунпаҳлӯи нахустинсон аввал тариқи устура, пас аз он тавассути дигар шаклҳои адабӣ дар назди инсон муҳаббати хоса пайдо кардааст.

Аз нақлвораҳои асотирӣ оид ба образи кабӯтар маълум мегардад, ки кабӯтар низ яке аз парандагони муқаддас будааст. Дар забони шуғнонӣ кабӯтарро “чибӯд”, дар Рӯшон “чабуд”, дар Вахон ва Язгулом низ “кабӯтар” мегӯянд. Дигар парандагон байни худ ҷанг кунанд, вале кабӯтарон ҳеҷ гоҳ бо ҳам ҷанг намекунанд. Ҳамин аст, ки онҳо чун мунодии сулҳ дар олам эътироф мешаванд ва адибон дар васфи онҳо шеърҳо гуфтаанд.

Мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар он ақидаанд, ки кабӯтар аз ҷумлаи парандагони муқаддас буда, нисбат ба дигар парандагон ибодаткор аст. Кабӯтарон гоҳ–гоҳе сарашонро ба замин хам мекунанд ва дар ин маврид гӯё онҳо ибодат ба ҷо меоваранд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар саросари Бадахшон доир ба суратмисоли кабӯтар ақидаи мусбат вуҷуд дорад. Вобаста ба ин дар соли 2016 аз сокини деҳаи Ҷавшангози ноҳияи Роштқалъа Субҳонқулихонов Мирзоалихон (соли таваллуд 1954) чунин нақл дастрас гардидааст: “Падарам моли закотро ба теппаи болои деҳа пинҳон карда буд. Вақти супоридани он расид, ки падарамон аллакай дар қайди ҳаёт набуд. Мо барои овардани он рафтем, ки ҷойашро гум кардем. Ду рӯз паи ҳам кофтем, вале ҷои пинҳонкардаи моли закоти падарамонро пайдо накардем. Рӯзи сейум қарор додем, ки дафъаи охир кофтуков мекунем. Агар пайдо шуд, хуб аст, агар не, дигар илоҷ нест. Вақте ки мо аз деҳа берун шудем, пешопеши мо кабӯтар хеле суст парвоз карда мерафт. Аз аввал мо диққат надодем, вале баъдтар мушоҳида кардем, ки он кабӯтар ҳамроҳи мо рафта истодааст. Дар вақти истироҳат карданамон кабӯтар низ каме аз мо дуртар парвоз карда, интизори рафтани мо мешавад. Вақти роҳ рафтани мо бошад, вай боз пешо пеши мо хеле суст парвоз карда меравад. Мо фаҳмидем, ки ин кабӯтар чизеро мефаҳмад. Вақте ки ба он теппа расидем, кабӯтар дар як ҷое қарор гирифта, чанд бор овоз баровард ва хокро бо нӯлаш ба ҳар тараф пош дода, дуртар рафта ҳаракати моро санҷид. Мо омада, дар он ҷо ба кандани замин машғул шудему кабӯтар якбора нопадид гашт. Мо заминро канда, моли закотро пайдо намудем” [220].

Аз мазмуни ин ривояту нақлвора бармеояд, ки мардум ҳанӯз аз замонҳои қадим нисбати кабӯтар ақидаи мусбат доштанд ва онро як парандаи муқаддас меҳисобиданд.

Дар «Калила ва Димна» низ ривояте оварда шудааст, дорои чунин мазмун мебошад: «Замоне кабӯтарон дар шаҳри ободе зиндагӣ

мекарданд, вале бо амри тақдир соли қаҳтӣ фаро расид. Онҳо аз сардорашон хоҳиш мекунанд, ки ба онҳо иҷозат диҳад, то ки ба шаҳри дигар парвоз кунанд. Сардорашон онҳоро ба сабру таҳаммул даъват намуд, аммо онҳо ба маслиҳаташ розӣ намешаванд. Ӯ хуб медонист, азбаски шариконаш гурусна ҳастанд, онҳо ба доми сайёд хоҳанд афтод. Кабӯтарон парвоз карданд. Сарварашон маҷбур шуд, ки аз ақибашон парвоз кунад. Кабӯтарон ҳангоми парвоз дар замин донро диданд ва азбаски ниҳоят гурусна буданд, якбора ба замин фурӯд омаданд. Сардорашон донист, ки он ҷо дом аст, вале вай ҳам аз ақиби онҳо парвоз кард. Ҳамаи онҳо ба дом афтиданд. Сарварашон маслиҳат дод, ки ҳамаашон бо як овоз ба ҳаво паранд, то ки мехи дом аз замин канда шавад. Онҳо бо як овоз парида, ба назди мушон рафтанд. Муш хост, ки аввал сарварашонро аз банди дом раҳо кунад, вале вай гуфт, ки аввал дигаронро наҷот диҳад, пас вайро халос кунад» [94, 120].

Дар ин ривоят, аз як тараф, тифоқӣ ва рафоқат талқин шавад, аз тарафи дигар, хирадмандию хоксории сарварашон таъкид гардидааст. Шояд ҳамин боис шудааст, ки имрӯз ҳам ин парандаро хирадманд мегӯянд.

Дар бораи суратмисоли ин паранда ақидаҳои зиёд вуҷуд доранд. Дар қонуни Мусо – пайғамбар кабӯтар ҷонвари тоза эълон карда шуд ва барои ҳамин, баъди таваллуди кӯдак кабӯтарро қурбон мекарданд. Дар расмҳо ҳама вақт Юсуфро бо ду кабӯтари дар сабадбуда тасвир кардаанд. Халифаи Екатирина гӯё кабӯтарро ҳангоми хондани намоз дар сари Марям дида будааст. Дар мафкураи насрониён кабӯтар чун аломати рӯҳи нуронӣ аст. Ин аломат гӯё нишонаи он аст, ки рӯҳ монанди кабӯтар аз осмон фуруд омад ва Исо аз он арзи вуҷуд карда будаст [164,11].

Кабӯтарро парандаи мушкилкушо низ мегӯянд. Ақидае аст, ки агар шахсе муддати дуру дароз бемори бистарӣ бошад, ба он шахс гӯшти кабӯтарро хӯронанд, он шахс ё сиҳат мешавад ва ё реҳлат мекунад.

Ақидае боз вуҷуд дорад, ки париён ҳангоми ба замин фуруд омадан, худро ба сурати кабӯтар табдил медиҳанд ва аз ҳамин лиҳоз ҳам, онро аз ҷинси фаришта низ ҳисоб мекунанд.

Дар ҷамоаи деҳоти Поршинев (Шуғнон) мушоҳида кардаанд, ки шахсе бо номи Ёрмамад (соли 2005), ки ҳоло ҳам дар қайди ҳаёт аст, кабӯтарро шикор кардааст. Он кабӯтар дар тори сар мӯйи дароз дошт ва дар нӯги мӯйаш хате баста буд. Он хатро ягон кас хонда натавонист. Чанд рӯз мегузарад ва он шахс, ки вайро шикор карда буд, девона мешавад. Он кабӯтар гӯё паёмбари париҳо будааст [188].

Мегӯянд, ки «замоне яке аз чаҳор тан мубаллиғони дини ислом дар кӯҳистон Саид Шоҳмаланг ғассоби аҷал гардида буд. Ҳангоми ба ҷо овардани оини чароғравшанаш кабӯтарон гирд омадаанд ва ба қироати “Чароғнома” гӯш медоданд. Баъде, ки оини чароғравшан хатм шуд, он чароғдон дар ҳоле, ки ҳанӯз шӯъла мезаду дохили ганҷур мебурданд, кабӯтарон аз равзани ганҷур худро он ҷо расонидаанд ва атрофи чароғдонро иҳота кардаанд» [236]. Дар алоқамандӣ ба ин гуфтаҳо Муллоев Ёдгоршо боз иброз намуд, ки: «Дар деҳаи мо (Лангар) Фармонбек ном шахси тақводоре зиндагӣ мекард. Дар шифти хонааш кабӯтарони сафед лона доштанд. Вақте ки Фармонбек аз дунё гузашт, кабӯтарон парвоз карда дигар барнагаштанд» [209].

Боз ривоят мекунанд, ки: «Дар замони пеш дар водии Хуф (Рӯшон) марде бо номи Тавалло шабонгоҳ бо нияти коре озими деҳаи Башурв мешавад. Мебинад, ки дар ҷое гулхан афрӯхта шудааст ва париён атрофи онро гирд омада, суруд мехонданд. Тавалло аз аспаш пиёда шуда, ба онҳо салом медиҳад ва халифаи париён аз ӯ мепурсад, ки ба чи коре омадааст. Тавалло изҳор медорад, ки париро ба занӣ гирифтан мехоҳад. Ба иҷозаи халифа Тавалло як париро интихоб менамояд, вале парӣ дар наздаш шарт мегузорад, ки якум минбаъд ӯ бояд бо занони дигар ишқварзӣ накунад ва дуйум занони хонааш бояд дар дохили хона сарашонро нашӯянд. Пас парӣ дар шакли кабутар даромада, ба остини

Тавалло медарояду онҳо ба хонааш меоянд. Муддате нагузашта, Тавалло боз бо занони дигар ишқварзӣ мекунад ва занонаш сарҳояшонро низ дар хона мешӯянд. Парӣ ин ҳолро дида, ба сурати кабӯтар даромада, парида меравад» [187].

Ривоят муносибати инсонҳоро бо фариштаҳо – ҷинсҳои покӣ ба таъкид гирифта, дар айни замон ахлоқи ҳамидаи инсониро талқин мекунад. Ривоятеро, ки Ю. Нуралиев соли 1981 аз Акимбек Султонбеков, сокини деҳаи Пиши ноҳияи Шуғнон сабт намудааст, ба ин мазмун аст: «Дар замонҳои хеле қадим дар сарзамине подшоҳе будаст, ки ӯ нисбат ба аҳли илму дониш эҳтироми махсус доштаст. Дар дарбори подшоҳ шикорчие хизмат мекардаст, ки ӯ шоҳро аз гӯшти сайдаш доимо таъмин менамудаст. Дар яке аз рӯзҳои охири фасли тирамоҳ, баъд аз барфи аввалин, шикорчӣ ба шикори навбатӣ мебарояд. Ногоҳ аз қуллаи кӯҳ тармае фуруд омада, ӯро ба поин мебарад. Шикорчӣ аз зарбу воҳимаи тарма беёд мегардад. Пас аз чанд вақт ба ҳуш омада, худро тамоман дар олами дигар мебинад. Дар дунёи наве, ки тамоми муҳит сабзу хуррам буд, ӯ барои истироҳат зери дарахте омада менишинад. Ӯ сӯҳбати байни якдигари ду кабӯтарро мешунавад, ки дар болои шохи он дарахт нишаста буданд. Онҳо бо забони ба мард фаҳмо ҳарф зада, яке мегуфт, ки ин одамизод аз дунёи дигар омадааст ва бо вай чӣ хел бояд рафтор кард? “Биё, аввал аз худи одам пурсон шавем”,– ҷавоб дод кабӯтари дигар ва аз ӯ мепурсанд: “Бигӯед, шумо аз кадом олам ҳастед ва ё дар ин дунё зиндагонӣ кардан мехоҳед? ”. Шикорчӣ ҷавоб дод: “На, ман дунёи худро мехоҳам, вале афсӯс, ки имкони ба он дунё баргаштан наметавонам”. Яке аз кабӯтарон аз мард боз мепурсад: “Агар шумо аз ин дунё хоҳед, ки баргардед, мо ба шумо кумак мерасонем” – ва аз мард хоҳиш намуданд: “Чашмонатро пӯшед ва ба атроф нигоҳ накунед, мо шуморо ба маконатон мерасонем”.

Шикорчӣ чашмонашро пӯшид ва баъди чанд лаҳза чашмонашро кушода худро дар он қуллаи кӯҳе дид, ки аз он ҷо ӯро тарма фурӯ бурда

буд. Мард бо як ҳаяҷони изтиробомез ба атроф назар карда, дид, ки аллакай фасли баҳор фаро расидааст. Кабӯтарҳо аз назди шикорчӣ бо як мижа задан ғоиб шуданд. Шикорчӣ ба хонааш баргашта омад [38, 89]. Пайдост, ки дар ривоят кабӯтар, ҳамчун мададгори инсон нишон дода шудааст.

Мардум нисбат ба ин паранда таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, ҳеҷ гоҳ ба он осебе намерасонанд ва онро ҳатто аз ҷинси парӣ, фаришта ҳисоб мекунанд. Дар назми халқӣ образи кабӯтар рамзи ошиқро таҷассум менамояд. Фолклоршинос Р. Амонов қайд менамояд: “Дар рубоиҳо гаштаву баргашта орзуи дили ошиқони ташнаи висоли ёр–кабӯтар изҳор мешавад. Ошиқ барои ба висол расидан чораҳои қатъӣ меандешад. Дар рубоиҳо ба кабӯтар сифатҳои гуногун дода мешавад. Аз ҷумла сифати сафед маънои покиро дорад, ба унвони кабӯтар гуфта мешавад” [10, 167]. Мисол “Кафтараки сафедаки бӯи баҳор, Шуякта кушам тура кунам ошиқи зор” [10, 167].

Кабӯтар дар рубоиҳо бештар рамзи ҷудоиро ифода менамуд. Ин биниш шояд ба ранги кабуд доштани он далолат карда бошад.

Я(к) ака дорум кабутари тори ҳаво,
Дилгир шудам, ака хабаргирӣ биё.
Ду пои мара бастан(д) да(р) мехи ҷафо,
Ту пои кушода дорӣ бухезу биё [7, 107].

Ранги кабуд (нилӣ) дар фаҳмиши мардуми Бадахшон инъикоскунандаи дурӣ, ҷудоӣ аз шахси наздикро ифода мекунад, аммо нисбат ба ранги сиёҳ маънои мусбиро ифода мекунад [50, 105–109].

Дар афсонаи машҳури халқи тоҷик “Ҳафтдодарон” бародарон ба кабӯтар мубаддал гаштанд ва дар боғи падарашон омада, ба дархати сафедор табдил ёфтанду оқибат сурати одамиро гирифта, ба хонаашон рафтанд [15, 53]. Дар афсонаи “Духтари шоҳи париён” низ парӣ ба сурати кабӯтар даромад [15, 5].

Кабӯтар дар аввалин тафаккури маърифатии инсон рамзи қувваи некӣ буда, фариштагон, ҳатто ҷинсҳои мавҳум аз ҷумла, парӣ, ки ба инсон наздикӣ дорад, баъзан дар сурати кабӯтар тасвир мешуд. Баъдтар ин паранда ба худ рамзи сулҳро гирифта, дар назари мардум муътабар гардидааст.

Лаклак низ дар тасаввуроти асотирии мардум ҳамчун як парандаи муқаддас ҳисоб меёбад. Дар забонҳои рӯшонӣ ва шуғнонӣ ин парандаро “ҷиғай” мегӯянд. Лаклак парандаест дорои пойҳои баланду гардани дароз, болҳои бузург, думи кӯтоҳ буда, рӯи дарахтони баланд лона мегузорад. Ҳашарот, мушҳо ва хазандагонро шикор мекунад.

Кӯҳансолон ва мӯйсафедон изҳор медоранд, ки қабл аз даврони ҳукумати Шӯравӣ, собиқ кишоварзони тоҷик вақти фаъолияти кишоварзии хешро бино ба пайдо шудани парандагони кӯчӣ таъйин менамуданд. Лаклак дар қатори санговдавак, саъба, шоҳин рамзи вақт ва фурсати кор ҳисоб меёфт. Бо пайдо шудани ин парандагон гӯё фасли баҳор фаро мерасиду, кишоварзон ба кишту кор оғоз мекарданд.

Сокинони шаҳрҳову рустоҳои Бухоро, Самарқанду Шаҳрисабз, Ҳисор, манотиқу водиҳои Фарғона ва Зарафшон бо дидани лаклак ба ин амр итминон ҳосил мекунанд, ки ба баҳор расидаанд. Мардум аз омадани лаклак ва бо дидани лаклаки зудгузар шодӣ ва хурсандӣ менамуданд. Аз ин лиҳоз бошад, ки тоҷикон дар бораи ин парандаи зебои гардандароз анвои шеър ва тарона, зарбулмасал ва нақлу ривоят эҷод кардаанд. Масалан, дар таъбири зерин ин андеша ғунҷонида шудааст, ки ҳеҷ фарде аз тарки маҳал кардани лаклак бохабар намешавад, аммо ҳамеша дар интизори омаданаш хоҳад буд, “лаклака омаданаша мебинаду рафтанаш не”.

Миёни мардуми Бухоро эътиқод вуҷуд дорад, ки дидан ва мушоҳида кардани лаклак некӯ ва фоли хуш аст ва кори инсон омаду равнақ мегирад ва шахсе, ки аввал лаклакро мебинад, ба мурод ва

мақсад, ҳадаф ва нияташ хоҳад расид. Аз рӯбарӯ шудан бо лаклак изҳори хушӣ ва бо ин руйдод бо тааҷҷуб ва ҳайрат бархӯрд мекунанд.

Ин хушӣ ва хурсандиашонро бо сурудҳо баён мекунанд, ки онҳоро дар ин мавридҳо, аслан, бачаҳо аз назди ҳавлиҳо, аз назди кӯчаҳо гузашта мехонанд. Матни яке аз он сурудҳо чунин аст:

Лайлак омадас дина,
Дар масҷиди Одина.
Келинуш хамир кардас,
Ҳезумаш камӣ кардас.
Бобом да ҳезум рафтас,
Арғамчина гум кардас.
Арғамчин да боғи мо,
Себи сурх анори мо.
Себи сурха бӯй кардем,
Тӯраҷона тӯй кардем.
Ду лайлаки қайроқбоз,
Соли нав муборак боз [107, 88].

Бисёр ақида ва тасаввуротҳои қадимии мардуми тоҷик дар бораи парандагону ҳайвонот, инчунин, муносибати одамон ба муҳиташон, маҳз, дар сурудҳои бачагона ифода меёбанд.

Дар Кӯҳистони Бадахшон ҳам лаклакро пайки баҳор ҳисоб мекунанд. Дар аксари деҳоти водии Бартанг ва бархе аз деҳаҳои Рӯшону Шуғнон дар иди Наврӯз ва маросимҳои мансуби он (Батайём ё Боҷайём) бачаҳо ҳангоми идгардак, одатан, бо шавқу шодӣ ин сурудро мехонданд,

Килоғуз – ғуз баҳор омад,
Бо юғу испор омад.
Эй лаклаки саргардон,
Боз омада аз майдон.
Кӯҳ баланду моҳ баланд,
Султон баробар поя банд.

Тахтабандӣ гунбаз аст,

Тоҷи давлат бар сар аст.

Дунёи Наврӯз хуштар аст,

Шогун баҳор муборак [100, 17]

Дар баъзе маҳалҳои Тоҷикистон ва вилоятҳои Ӯзбекистон ҳангоми фаро расидани фасли баҳор бо дидани турнаҳо (қуланг) низ сурудхонӣ сурат мегирифтааст.

Бо ин суруди қаланг (турнаҳо) духтаракони Обигарм изҳори шодмонӣ карда, аз лаклак илтиҷо мекунанд, ки мӯйҳои онҳоро дароз ва рӯяшро сӯи Дарвоз кунад, ки он ҷо ҳам фасли сармо ба гармо табдил ёбад. Чунончӣ:

Қаланг, қаланг арғамчин,

Мо мардуми рошагчин.

Қаланг, қаланг парвоз кун,

Рӯма сӯи Дарвоз кун [107, 57].

Бачаҳои деҳаи Синаи вилояти Сурхондарё турнаро дида чунин мисраъҳоро такрор мекарданд:

Осмон шав,

Ресмон шав,

Кадучаи тилло шав! [107, 57].

Дар вилоятҳои Самарқанду Бухоро, Қашқадарёву Сурхандарё, водии Фарғона ва ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон бачаҳо ҳангоми дар ҳаво дидани турна мисраъҳои зеринро баланд мехонданд:

Турнақатор арғамчин,

Болохонадор арғамчин.

Асп метозад, бе қамчин [107, 57].

Ҳамин гуна тасаввурот дар Ҳисори бостонӣ низ мушоҳида шудааст. Дар айёми Наврӯз лаклакҳо ба вилояти Ҳисор парида меомаданд, кӯдакон бо назораи онҳо бо як овоз суруд мехонданд:

Чу лаклак бар Ҳисор омад,

Ба ҳар шохи чанор омад,

Ба деҳқон вақти кор омад,

Баҳори рафта боз омад [59, 60–61].

Мардум бо мурури замон аз нахустэҷодҳо маншаъ гирифта, ҳаёти иҷтимоиро ба он омезиш медоданд ва дар асоси он сурудҳои халқиро эҷод менамуданд. Чун омадани ин паранда муждаи кишту кори деҳқонӣ буд, мардум нисбат ба он таваҷҷуҳ бештар пайдо менамуданд.

Насрониён ҳам нисбат ба образи лаклак таваҷҷуҳ ва эътибори махсус доранд. Онҳо дар баробари муждарасони баҳор будани лаклак онро рамзи некандешӣ меҳисобанд. Ба ақидаи онҳо, таваллуди Исоро лаклак мужда расондаст. Онҳо боз дар бораи образи лаклак чунин қисса доранд, ки: «Аз ҷинси ин паранда шабонгоҳ дар атрофи подшоҳашон ҷамъ мегарданд ва аз байнашон чанд сарӣ посбон мешинанд ва дигарон хоб мераванд. Посбонон бо як пояшон сангро бардошта, бо як по меистанд, ба он ваҷҳ, ки дар вақти хоб бурдани онҳо санг аз пояшон меғалтад ва онҳо бедор мешаванд. Ин қисса росткориву содиқ будани лаклакро нисбати ҳамҷинсонаш нишон медиҳад» [164, 11].

Дар маҷмуъ, образи лаклак дар асотири мардум чун парандаи муждарасони баҳор, рамзи вақт ва фурсати кор ҳисоб ёфтан ва содиқу бовафо будан акс ёфтааст ва таваҷҷуҳро ба худ ҷалб намудааст.

Дар баробари дигар ҷонварон образи уқоб ҳам бо хислатҳои гуногунаш дар назди мардум эътибори калонро сазовор гаштааст. Ин ҷонварро подшоҳи парандагон меӯянд. Дар забонҳои гурӯҳи шуғнонӣ ва рӯшонӣ, ба истиснои забони бартангӣ, онро “ақоб”, дар забонҳои вахонию язгуломӣ низ “уқоб” меӯянд. Дар Бартанг дар нисбати ин паранда калимаи “wиқоб” истифода мешавад.

Уқоб парандае аст шикорӣ, тезрав, тезбин ва баландпарвоз. Вай дорои болҳои дароз, минқори хамида, чанголи қавӣ аст. Дар ҷойҳои баланд лона мегузорад. Яке аз қабилаҳои қазоқ ба номи казбек худро аз насли уқоб ҳисобида, онро чун парандаи муқаддас парастиш мекунанд

[117, 27]. Чанде аз халқияти ҳинду – аврупой ҳам уқобро шоҳи осмон ҳисоб мекунанд. Яке аз қабилаҳои Африкой бо номи Адапа ҳам нисбати уқоб таваҷҷуҳи махсус дошта, ба ақидаи онҳо роҳи ҳавоиро гӯё ба воситаи ин паранда кушодаанд [156, 17].

Дар баъзе ривояту афсонаҳои асотирии халқҳои гуногун шоҳи парандаҳо интихоб шудани архетипи уқоб ба ҳамин хислатҳояш алоқаманд мебошанд. Дар як ривояти мардуми Хакас омадааст, ки «замоне ҳамаи парандагон ҷамъ шуда, қарор доданд, ки барои худ шоҳро интихоб намоянд. Зоғча аз байни онҳо баромада, гуфт, ки шоҳ бояд ҳамон паранда интихоб гардад, ки думи дароз дошта бошад. Парандагон аз ин сухани зоғ хандиданд, зоғ ранҷиду рафт. Бум таъкид кард, ки шоҳ бояд гӯшҳои дароз дошта бошад. Ҳамин тавр, чанде аз парандаҳо хеста чи гуна сифат доштани подшоҳро гуфтанд. Оқибат, ҳама ба хулосае омаданд, ки бозро подшоҳ интихоб намоянд. Уқоб, ки он ҷо ҳузур дошт, ба чизе аҳамият надода сайдашро мехӯрд. Аккаву зоғ, ки дар наздаш буданд, бо як овоз “Уқоб” гуфтанд ва он замон ҳама уқобро шоҳ интихоб намуданд. Боз бошад, аз ин кирдори зоғу акка ранҷида, минбаъд душмани онҳо гардида буд» [159, 390].

Ривояти дигаре, ки дар байни ин мардум паҳн гаштааст, чунин мазмун дорад: «гӯё инсон аз аввал тарзи даргирондани оташро нафаҳмидааст ва рӯзе дар аснои паридани уқоб санге аз зери панҷааш афтида, ба санги дигар бархӯрд ва оташпора ба вуҷуд омадааст ва инсон ин манзараро дида, аз он замон оташро дар рӯзгораш истифода мебарад» [159, 298].

Дар афсонаҳои мардуми тоҷик суратмисоли уқоб парандаи мунис тасвир ёфтааст. Афсонаи “Рӯбоҳ, уқоб, гург, хирс ва шоҳзода”, ки дар байни сокинони Бадахшон хеле маъмул аст, аз боби дӯстии уқоб бо инсон нақл мекунад. Чунончи: «Уқоб дар баробари рӯбоҳ, гург ва хирс бо шоҳзодае, ки бародаронаш вайро аз тахти шоҳӣ ронданд, дӯстӣ пайдо мекунад. Уқоб ҳама вақт бо тезбинию зиракиаш шоҳзодаро аз ҳодисаву

воқеоти олам хабар намуда, дар душвортарин лаҳзаҳо ҳатто вайро наҷот ҳам дода буд» [157, 480].

Чунин тасвирҳо баёнгари онанд, ки мардуми тоҷик низ нисбати ин паранда, ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим таваҷҷуҳ доштаанд.

Дар замони исломӣ низ доир ба образи уқоб ривоятҳои зиёде эҷод кардаанд. Масалан, уқоб парандаи тезбин аст, вай хосияти тезбиниро гӯё аз замони Муҳаммад – пайғамбар (с) барои худ мерос гирифтааст. Рӯзе Муҳаммад пайғамбар (с) дар биёбоне мӯзаашро кашида, ба таҳорат машғул шуд. Дар ин ҳангом мор ба даруни мӯзааш даромадааст. Уқоб ин манзараро дида, мӯзаро ба осмон бардошта, ба замин мепартояд, ки мор аз он ҷо берун меафтад. Ҳамон рӯз пайғамбари Худо ба уқоб дуои хайр додааст ва аз ҳамон замон уқоб як парандаи зирак ва тезбин эътибор пайдо намудааст [199]. Имрӯз ҳам уқобро чун парандаи зираку тезбин тавсиф мекунанд.

Дар дини насронӣ образи уқоб нишонаи рӯҳан зиндашавӣ мебошад, чунки вай нисбат ба дигар парандагон ба офтоб наздиктар парвоз мекунад. Уқоб дар об ғӯта зада, парҳояшро тағйир медиҳад, гӯё ҷавонияшро аз нав боз мегардонад. Уқоб ба ҳаво парвоз карда, аз назар ғоиб мегардад. Ба ақидаи ин мардум вай нишонае аз Исо (а) аст [164,21].

Хосияти дигари суратмисоли уқоб гӯё ин аст, ки дар ҷое, ки лонаи ҷонварон бошад, вай он ҷоро хоб мебинаду рӯзона худро ба он ҷо мерасонад. Инчунин, мардум бовар доранд, ки агар чанголҳои уқобро дар либоси кӯдак дӯхта монанд ё овезон кунанд, ба он кӯдак чашми бад намерасад.

Вобаста ба пастию баландии парвози уқоб мардуми кӯҳистон шугунҳо доранд. “Агар уқоб баланд парвоз кунад, ҳаво гарм мешавад. Агар уқоб паст парвоз кунад, ҳаво абр мешавад”.

Ин шугунро фолклоршинос Д. Раҳимӣ ба сабаби пасту баланд парвоз кардани уқобҳо, ки як ҳодисаи табиӣ аст, нисбат дода чунин навиштааст: “Маълум аст, ки уқоб паррандаи баландпарвоз буда,

чашмони хеле ҳасосу заррабин дорад. Пеш аз боридани борон намнокии ҳаво зиёд шуда, уқоб сайдашро аз масофаи дур дуруст дида наметавонад ва ночор поин мефурояд, то ки дурусттар сайдашро пайдо кунад. Одамон ин пастфуроии уқоб ва чанд соат пас боридани боронро борҳо мушоҳида карда, хулосаи худро дар шакли шугун баён намудаанд” [54,68].

Бояд гуфт, ки мардум дар баробари дигар парандагон нисбати уқоб ҳам таваҷҷуи беше зоҳир намуда, сабабҳое вуҷуд доштанд, ки ин паранда ба гурӯҳи парандагони муқаддас дохил гардидааст. Ин парандаи тезбин ва баландпарвоз аст ва дар афсонаҳо мададгори инсон тасвир шудааст. Агар дар биниши халқияти дигар тавассути парвози он роҳи ҳавоиро кушода бошанд ва вай тарзи даргирондани оташро ба нахустинсон нишон дода буд, дар биниши мардуми Бадахшон ин паранда мададрасони инсон будааст.

Парандаи дигаре, ки дар байни мардуми Бадахшон, эътибор дорад, ин ҳудҳуд мебошад. Ин паранда кӯчактар аз кабӯтар буда, рангаш зард ва дорои холҳои зард, сиёҳ ва сафед аст. Дар забони шуғнонӣ онро “бубубак”, дар Рушон “бабуб”, дар Бартанг “бабӯб”, дар Вахон “бӣбуб” мегӯянд. Рӯи сараш дастаи пар ба шакли тоҷ ва шона дорад. Аз рӯи тоҷаш ба ақидаи мардум нисбат ба дигар парандагон мартабаи баланд дорад. Мегӯянд, ки ҳудҳуд бисёр тезбин ва дурбин аст, дар хушхабарӣ мисл ва монандаш нест. Дар Бартанг озор додани ин парандаро убол ҳисоб мекунанд. Вайро “сайид” ҳам мегӯянд. Рангаш гӯё барои он зард аст, ки Худоро бисёр ибодат мекунад ва зардӣ нишонаи ибодаткорон аст.

Ривояте, ки аз сокини ноҳияи Рӯшон Лайлиев Лайлӣ (соли таваллуд 1931), соли 2002 ба даст омад, гуфта мешавад, ки: «Чанде аз ҷинси ин паранда ба талаби биҳишт ба Макка мераванд. Қисме аз онҳо дар роҳ нобуд мешаванд ва шумораи ками онҳо ба он ҷо рафта мерасанд. Дар Макка онҳо дохили боргоҳи Худованд мегарданд. Худованд ба

сарашон тоҷ гузошта, ба онҳо дуои хайр медиҳад. Аз ин лиҳоз, мардум нисбат ба он ихлоси комил доранд» [201].

Қисми муҳими ин гурӯҳи ривоятҳо, дар баробари хусусияти асотирӣ доштан хусусияти маърифатӣ – пандомӯзӣ низ доранд. Ҳамин гуна хислатро чанд ривояти дигар доир ба архетипи ҳудҳуд бозтоб менамоянд. Аз мӯҳтавои як устураи аз байни мардуми Бадахшон ба даст омада, бар меояд, ки ҳудҳуд гӯё аввал инсон буда, вале баъдан ба қаҳри эзадӣ гирифтор шуд ва ба паранда табдил ёфтааст. Бо ҳукми Эзад ба вай тоҷ медиҳанд, ки онро ба сари парандаи аз ҳама зебо гузорад, аммо ҳудҳуд он тоҷро гирифта ба сари чӯҷаи худ ниҳодааст.

Дар бештари ривоятҳо аз хислати нек ва имдод расондани ҳудҳуд ба одамизод сухан рафтааст. Ин аст, ки амалу рафтори ин парандаро фоли нек медонанд.

Мужда, ай дил, ки дигар боди сабо боз омад,

Ҳудҳуди хушхабар аз тарфи Сабо боз омад [93, 154].

Дар афсонаи мардуми Бадахшон “Усто–ҳудҳуд” чунин оварда шудааст: «Подшоҳ се зан доштааст ва зани хурдиро бисёр дӯст медоштааст. Занҳои калонӣ ҳасад бурда, вайро бо гуноҳе айбдор мекарданд. Дар ин кор вазир низ онҳоро дастгирӣ мекардааст. Подшоҳ занашро пеш мекунад, вай ба як ҷои дур рафта, дар он ҷо писар таваллуд мекунад. Писар дар андак муддат калон мешавад. Вазир аз он писарак хабар ёфта, мехоҳад вайро нест кунад. Бинобар ин ба подшоҳ маслиҳат медиҳад, ки мисли шоҳони дигар қалъаи ҳавоӣ созад. Подшоҳ аз куҷо ёфтани чунин усторо мепурсад. Вазир ҳамон бачаро тавсия медиҳад. Писарчаро назди подшоҳ меоранд. Подшоҳ дастур медиҳад, ки устоеро пайдо намоянд, ки қалъаи ҳавоиро сохта тавонад. Ин бача моҷароҳои зиёдеро паси сар карда, оқибат бо тавсияи як мӯйсафед ҳудҳудро пайдо карда, ба назди подшоҳ меорад. Дар охир тавассути ҳудҳуд подшоҳ хабардор мешавад, ки бача писараш будааст. Аз ин пас, писарро

ҳамроҳи модараш ба қаср бармегардонад ва занону вазирашро барои кирдори бадашон ҷазо медиҳад».

Дар афсонаи мазкур биниши неки асотирӣ нисбати ҳудҳуд инъикос ёфтааст [157, 465].

Дар тафаккури инсон танҳо ин паранда қодир буд, ҳунари устоиро гирад. Дар сурудҳои халқии зерин ҳудҳуд ҳатто шоҳи парандагон васф гардидааст:

Дар як хона тӯй буд,
Хона лаби ҷӯй буд.
Лаклак тавлакзан буд,
Достак дуторзан буд.
Тӯтӣ саногӯй буд,
Қумрӣ дуогӯй буд.
Гурба бакавул буд,
Рӯбоҳ ясавул буд.
Ҳуд–ҳутак ҳоким буд,
Мусича ходим буд [17, 59].

Дар тасаввури мардум, агар аввали баҳор ногаҳон ҳудҳуд дар рӯбарӯи касе пайдо шавад, асрори дунё барояш кушода мешавад ва кас соҳиби давлату савлат мегардад. Агар ҳудҳуд аввали баҳор пеш аз ҳамаи ҷонварон пайдо шавад, он сол гарм меояд. Агар минқори ҳудҳудро дар яке аз сутуни хона овезон карда монанд, ба он хона ягон чизи ифлос ва ё ҳашарот дохил намешавад ва ё офате намерасад. Боз ақидае аст, ки агар ҳудҳуд аз болои равзане гузашта, садо кунад, дар он хонадон тамоми сол нооромӣ мешавад.

Аз мазмуни ин чанд нақлу ривоят, одату боварҳо равшан ба назар мерасад, ки мардум ҳудҳудро дар баробари дигар парандагон муқаддас ҳисобида, нисбат ба он ихлосу эътиқоди зиёд доранд. Тоҷ доштани ҳудҳуд ва хислати дурбинӣ як омили дигари муниси инсон будани образи ҳудҳудро тасдиқ менамояд.

Доир ба тӯтӣ низ нақлвора ва устураҳое офарида шудаанд, ки онҳо хислати хуб ва эътимоди мардумиро нисбат ба ин паранда баён месозанд. Дар забонҳои бадахшонӣ ҳам онро тутӣ мегӯянд. Доир ба ранги тӯтӣ дар байни халқияти Квинсленда (Австралия) ривояте вуҷуд дорад, ки мазмунаш чунин аст: «Рӯзе тӯтӣ бо калламуш ҷанг мекунад ва гардану синааш хуншор мегардад ва барои ҳамин гардану синаи тӯтӣ сурх аст ва калламуш, ки доғҳои сиёҳ дорад, осори ҳамон чанг аст» [161,526].

Ривояте, ки муҳаққиқи фолклори Бадахшон Н. Шакармамадов доир ба ин масъала аз сокини деҳаи Сипонҷи ноҳияи Рушон Шаҳбозов Худодод (соли таваллуд 1925) навишта гирифтааст, ба ин мазмун аст:
«Подшоҳе соҳиби парандагони бисёре буда, ба онҳо дилбастагии зиёде доштааст. Як рӯз хизматгораш барои ӯ тӯтӣ овардаст. Тӯтӣ ба подшоҳ писанд омад ва фармудааст, ки барои вай қафас аз тилло созанд ва чанд навъи донмону обмонро сохта, чанд намуди донро дар наздаш гузоранд. Як касро махсус барои нигаҳбонии он тӯтӣ таъин мекунанд, ки он кас шабу рӯз дар наздаш бошад. Амри подшоҳ иҷро шудааст, вале тӯтӣ на дон мехӯрд ва на об. Ҳама вақт нола ва фиғон мекардаст. Ба ин минвол чанд рӯз сипарӣ шудааст, як ҳафта ҳам гузаштааст, аммо тӯтӣ чизе ба даҳон намегирифт, фақат нола мекард. Нигоҳбонаш назди подшоҳ рафта, ба ӯ асли воқеаро мегӯяд. Подшоҳ ӯро гӯш карда фармудааст, то касеро пайдо намоянд, ки вай забони тӯтиро донад ва аз мақсадаш огоҳӣ ёбад. Чунин шахсро пайдо намуданд ва он шахс гуфт, ки тӯтӣ барои ватанаш нолаву фиғон дорад. Ин паранда мегӯяд: “Чизе надошта бошам ҳам, дар ватанам бошам”. Подшоҳ мегӯяд: “Аҷаб нест, ин ҷонвар ҷою макони дилрабое дорад, ки аз фироқаш ин қадар азоб мекашад. Коре кунед, ки ду одами чобукро пайдо намуда, ҷонварро озод кунед, ба ҳар ҷое, ки равад, онҳо аз дунболаш раванд ва рафта ватанашро бо чашмонаш бинанд, агар макони беҳад зебо бошад, мо низ он ҷо мекӯчем”. Он ду сипоҳро ҳозир карданд ва дари қафасро боз намуданд.

Азбаски тӯтӣ чанд рӯз чизе нахӯрдааст ва об ба даҳон нагирифтааст, парҳояш базӯр меҷунбиданд. Ба ин минвол, ба таги як бех бутта мерасад. Бутта ҳам аз як тараф ба тамом хушк шуда, тарафи дигараш ҷо – ҷое сабз мондааст. Тӯтӣ расидан замон он ҷо хобаш мебарад. Сипоҳиёни подшоҳ ду рӯз нигоҳ карданд, лекин тӯтӣ ба ягон ҷо майли рафтан надошт. Дарак меёбанд, ки ватани тӯтӣ ҳамин ҷо будаст» [234].

Дар афсонаи дигари мардуми Бадахшон “Се хоҳарон” тӯтӣ ба шоҳзодагон кумак расондааст. Хоҳару бародар, ки аслан фарзандони подшоҳ буданд вале, бо хиёнати занҳои шоҳ, боғбон онҳоро гирифта калон кард, тавассути тӯтӣ аз асли воқеа воқиф мешаванд [157, 91]. Дар биниши асотирии мардум архетипи тӯтӣ низ намоди некиро ба худ гирифтааст.

Яке аз парандагони асотирӣ, ки аз замони хеле қадим дар байни мардум маълуму машҳур аст, образи Симурғ мебошад. Дар забонҳои бадахшонӣ ҳам онро Симурғ мегӯянд. Симурғ – мурғи афсонавиест, ки дар асотир, афсонаву ривоятҳо, қиссаҳо ва достонҳои ҳамосии халқҳои эронинажод ва чанде аз мардумони дигар ёд мешавад. Номи Симурғ дар Авесто (“Баҳром–яшт” (банди 41), “Рашн–яшт” (банди 17) ба шакли mereghoseana омадааст. Ҷузъи якуми ин калима маънии мурғро ифода карда, ҷузъи дуюмашро авестошиносон “боз”, “шоҳин”, “уқоб” тарҷума карданд [23, 122].

Дар фарҳангу луғатҳо омадааст, ки: “Симурғ мурғест, ки ҳар ранге дар парҳои соири мурғон вуҷуд дорад, дар парҳои ӯ аст. Симурғ мурғи баландпарвоз аст, вай гӯё дарвозабони моҳ ва офтоб аст. Дар баландии баландиҳои қуллаи кӯҳ ё дар баландии қуллаҳои кӯҳи Қоф макон дорад ва он кӯҳест, ки гӯё тамоми оламро фаро гирифтааст” [236].

Ваҷҳи тасмия (этимология) – и дигари калимаи “Симурғ” ба шакли “сагмурғ”, дар китоби К. В. Тревер “Сэнмурв – Паскудж – Собака – птица” дода шудааст. Ӯ дар асоси омӯзиши осори санъати тасвирии Эрони қадим, ки дар Эрмитажи давлатии Ленинград маҳфуз аст, ба

хулосае омадаст, ки дар тасвироти Симурғ унсурҳои мурғ ва саг ба назар мерасанд. Калимаи шутурмурғ, шутурговпаланг (зарофа) ва ғайраро мисол оварда, ӯ вуҷуд доштани калимаи симурғро имконпазир мешуморад [23, 122].

Мегӯянд, ки: “Симурғ дар шохи дарахте ошёна дорад. Ҳар гоҳ бармехезад, ҳазор шоха аз он дарахт мерӯяд ва ҳар гоҳ ба он дарахт менишинад, ҳазор шоха аз он дарахт шикаста мешаваду тухмҳояш пароканда мешаванд. Аз он тухмҳо гиёҳҳои ҳархела мерӯянд. Дар парвози худ паҳноии кӯҳро фаро мегирад, минқораш монанди уқоб ва сураташ монанди сурати одаминзод аст. Ин мурғ метавонад филро шикор кунад, ҳазору ҳафтсад сол умр мебинад. Баъди сесад сол тухм мегузорад ва баъди бисту панҷ сол бача аз тухм мебарояд” [25, 80].

Дар Авесто (Яштҳо) гуфта шудааст, ки Симурғ мурғи бузургҷуссаи фарохболест, ки дар аснои парвоз сояаш паҳноии кӯҳро фаро мегирад, абрҳо аз ҳаракати болҳои ӯ парешон мешаванд. Лонаи ӯ бар дарахте дар дарёи Воурукаша (“васеъ канор” – дарёи асотирие, ки гӯё дар кишвари Эрони қадим вуҷуд дошт ва бархе аз авестошиносон онро баҳри Ҳазар, баъзеҳо баҳри Арал, дигарон дарёи Волга ва Мозандарон гуфтаанд) қарор дошт. Мувофиқи ривоятҳои дигаре, ки дар “Шоҳнома”–и Абулқосими Фирдавсӣ омадааст: “Симурғ дар кӯҳи Албурз лона доштааст. Вай он ҷо Зол – падари Рустамро ҳамроҳи чӯҷаҳои худ парвариш кард. Пас аз муддате Сом бар асари хобе, ки дида буд, ба дунболи писар омада, Симурғ Золро ба падараш – Сом супурд. Аз худ ба Зол якчанд паре гузошт, ки дар вақти зарурат онҳоро ба оташ афканад ва ӯро ба кӯмак хонад ва Зол ба ӯ ин тариқ арзи сипос кардаст:

Ки “Эй шоҳи мурғон, туро додгар,
Бад– он дод нерӯву зӯру ҳунар.
Ки бечорагонро ҳама ёварӣ,
Ба некӯ ба ҳама даврон доварӣ
Зи ту бадсиголон ҳамеша нажанд,

Бимон ҳамчунин ҷовидон зӯрманд” [2, 235].

Зол бори аввал Симурғро ҳангоми ҳомила будани занаш Рудоба даъват намуд ва бо тадбири ӯ бо роҳи чоки қайсарӣ Рустам аз батни Рудоба гирифта шуд [2, 360–363]. Бори дуюм Симурғ бо даъвати Зол ба ёрии Рустам, ки дар ҷанги Исфандиёр хаставу захмин шуда буд, омад ва бо тадбири ӯ Исфандиёр аз дасти Рустам кушта шуд.

Таҳамтан газ андар камон ронд зуд,

Бад – он сон, ки Симурғ фармуда буд [2, 360–363].

Дар “Шоҳнома” ба ғайр аз Симурғи парастори Зол, Симурғи дигар зишту саҳмгин ва чун кӯҳи болдор вуҷуд дорад, ки ба дасти Исфандиёр кушта мешавад [23, 122].

Дар таърихи исломӣ образи Симурғ дар шакли Анқо ва лонаи ӯ дар кӯҳи Қоф будааст. Аз ҷумла, ин нуқта дар “Ғиёс–ул–луғот” омадааст: “Анқо” тоирест дарозгардан, ки назди баъзе вуҷуди фарзӣ дорад, чаро ки онро ҳеҷ кас надидааст ва Анқо онро ба ҳамин ҷиҳат гӯянд, ки тавилунъуқ буда бошад ва ба форсӣ номи он Симурғ аст. Ва дар “Нафоис–ул– фунун” аз тафосир мастур аст, ки дар замини асҳоб бурос мурғе бас азим ба чаҳор по ва рӯи монанди одамӣ ва бо парҳои алвон ва бо ифроти дарози гардан пайдо шуда буд” [175, 78]. Калимаи “Симурғ” ба фаҳмиши нав ва тасвири тоза (си– шумора ва мурғ– исми ҷинс) бошад, дар “Мантиқ–ут–тайр”–и Аттор зикр ёфтааст. Чунонки маълум аст, достони Аттор тамсиле аз ваҳдати вуҷуд мебошад. Суратмисоли Симурғ ба қавли ӯ, шоҳи мурғон буда, дар кӯҳи Қоф маскан дорад. Мурғони зиёде ба қасди дидани ӯ ҳафт водии тариқатро тай мекунанд ва дар охир мебинанд, ки он мурғи афсонавӣ худи ононанд, зеро аз тамоми мурғони ба сафар баромада, сӣ мурғ ба мақсад расидаанд.

Дар ҳамон “Ғиёс–ул–луғот” боз омадааст, ки “ва Симурғ аз он гӯянд, ки ҳар лавн (ранг), ки дар пари ҳар як мурғ мебошад, ҳама дар парҳои ӯ мавҷуд. Ва баъзе гӯянд, ки ба ғайр аз ҳамин исми фарзӣ вуҷуд надорад”

[175, 447]. Дар афсонаҳои халқӣ, бахусус, ҳаштод афсонае, ки дар солҳои 30 ва 50 – 60– и асри гузашта аз навоҳии гуногуни Кӯҳистони Бадахшон ва манотиқи бурунмарзии он навишта гирифта шуда, дар китоби “Афсонаҳои мардуми Помир дарҷ гардидаанд, дар панҷ афсона “Хирсбача”, “Шоҳдухтари чилгазамӯй”, “Мурғи заррин”, “Подшоҳбача ва Симурғ”, “Май – Зман” образи Симурғ тасвир мешавад [157, 74 – 84, 113–139, 153–163].

Дар ҳар яке аз ин афсонаҳо, ҳарчанд ҳодисаву воқеаҳо дар онҳо ба тафсил тасвир шуда бошад, ба макони воқеии Симурғ ишорае ба чашм намерасад. Фақат дар афсонаи “Хирсбача” ва “Май–Зман” гуфта мешавад, ки қаҳрамонон бо сабабе ё тасодуф ба дунёи ғайр афтиданашон баъди паси сар кардани саргузаштҳои зиёд бо кӯмаки Симурғ, ки маконашон он ҷо аст, ба дунёи воқеӣ бар мегарданд.

Дар афсонаҳои “Шоҳдухтари чилгазамӯй”, “Мурғи Заррин” ва “Подшоҳбача ва Симурғ” гуфта мешавад, ки чанори азиме вуҷуд дорад, ки дар шохаҳои он ва дар таи он чашмае ё ҳавзе мавҷуд аст. Симурғ ҳар сол чӯҷаҳо таваллуд мекунаду онҳоро ё ҳаждаҳои ҳавзу кӯл ё мори чашма ва ё балои дигаре меҳӯрдаанд. Дар ҳамаи афсонаҳо Симурғ гӯё аз рӯи таъбири мардумӣ “Ба некӣ– некӣ бояд” амал карда, чун ҳомӣ ва мададгори диловарони дар роҳи амалӣ шудани ниятҳояшон сарсупурда ба тасвир гирифта шудааст. Ба истиснои афсонаи охир, дар чаҳор афсона қаҳрамони асосии онҳо чӯҷаҳои Симурғро аз нобудшавии навбатӣ наҷот медиҳанд. Афсонаи панҷум, ки бо унвони “Май– Зман” (Фарзанди гӯсфанд) дарҷ ёфтааст, чун афсонаҳои ёдшуда дар баробари ба қатори афсонаи сеҳромез дохил шуданаш тасаввуроти асотирии мардумро низ ба таври барҷаста фарогир аст. Афсона, аз як тараф, ақидаҳои тотемистиро возеҳ бозтоб мекунад, аз тарафи дигар, дар он бузургии образи Симурғ аз эътидол берун тасвир мешавад. Дар ин афсона баръакси чӯҷаҳои Симурғ қаҳрамони асосии он худи Симурғро аз

фалокат нақот медиҳад: «Баъде, ки қаҳрамони асосии афсона – Май–Зман ба олами таги замин афтида мемонад, ӯ вориди ҷангали анбӯҳ мегардад, ки он аз як хоре, ки ба пои Симурғ халидааст, сабзида доман паҳн кардааст. Симурғ сахт дар азоб буд. Касе қодир набуд, ки онро аз ин азоб халос кунад. Май – Зман тамоми ҷангалро бо шамшераш зада–зада, аз реша канда мепартофт, фақат пораи як хор дар пои Симурғ мемонд ва онро низ бо ҳилае аз пояш канда мегирад. Симурғ барои ин амали неки Май–Зман ӯро бо хоҳишаш аз олами таги замин ба олами рӯи он оварда мемонад».

Мардум бештари орзуву омолашонро тавассути афсонаҳо баён карда, образи Симурғро нақотдиҳанда ва мададгори инсон тасвир намуданд. Якеро агар, ки бо касофати ҳамсафарони хиёнатпешааш ба қаҳри замин афтида монд, ба олами аслӣ бар мегардонаду дигареро ба кӯҳи Қоф бурда, ӯро соҳиби Шоҳини сафеду Шабчароғ ва Шоҳдухтари чилгазамӯй мегардонад. Сейумиро ба паси кӯҳи Қоф, ки он ҷо кишвари тиллоӣ воқеъ буда, дигар ҷонзоде ба ғайри вай ба он ҷо парвоз карда наметавонист, бурда, барояш Мурғи Заррини сухандонро муҳайё мекунад. Барои чорумӣ бошад, ки дар ҷустуҷӯи арӯси дилхоҳ овора мегашт, аз боғи париҳо, ки дар ҷои дур ва дастнорас воқеъ буд, арӯс меёбад. Ҳамаи ин тасаввуроти қадимӣ орзӯю омоли мардумиро тавассути ин суратмисоли хаёлӣ ифода карда, мақоли “некиро, некӣ мебояд” бозтоб менамояд.

Фолклоршинос Н. Шакармамадов дар тадқиқоташ ба қайд гирифтааст, ки аксар афсонаҳое, ки дар ҳаёти адабӣ– маънавии Кӯҳистони Бадахшон решаи амиқи таърихӣ доранд, на фақат ба дигар халқҳои эрониасл ва халқҳои ҳамсоя маълум мебошанд, балки пораҳои мазмуни як қисми калони онҳо дар афсонаҳои кишварҳои дигар низ ба назар мерасанд [99, 90].

Дар замони ислом образи Симурғ шакл иваз карда, ба худ номи Анқоро гирифта, ба ақидаи мардум, агар сояи он болои сари касе афтад,

кас давлату савлат меёбад. Ҳумо мурғест, ки устухон мехӯрад. Агар касе бо худ устухони Ҳумо дошта бошад, умри дароз ва бобаракат хоҳад дид.

Образи Симурғ барои мардум чун намоди некӣ, рамзи рафоқати бепоён ва кумаки ҷовидона ба ҳисоб рафтаст ва бо ҳамин хислатҳояш дар устураҳо ҷой дода шудааст. Нисбат ба симои Симурғ мардум эътиқоду боварӣ доштанд.

Дар ҳақиқат устураҳо доир ба олами парандагон ба давраи аввали тарққиёти ҳаёти иҷтимоӣ рост меомаданд. Аввалин чизе, ки инсон эҷод мекард, ин устура буд. Бинбар ин нахустинсон ормонҳояшро дар устураҳо баён мекарданд. Ҳатто расму маросим, дину ойин низ аз устураҳо сарчашма мегиранд. Азбаски дар он даврон парандагон чун манбаи асосии ҳаёти нахустинсон арзёбӣ мешуданд, онҳо амалӣ гаштани орзую омолашонро дар кӯмак, рафтору ҳаракати парандагон медиданд. Баъдтар ҷои нахустэҷодҳоро жанри ривоят, афсонаву сурудҳои халқӣ ишғол намуда, бо мурури замон манфиати маънавии онҳоро дар тарбияи инсон, бахусус насли наврас ба кор мебурданд.

Фасли 2. Тасвири сифатҳои зишт дар осори шифоҳии мардуми Бадахшон

Одамон дар тӯли ҳаёташ образи ҷонваронро дар маркази диққат гузошта, тавассути рафтор, амал, овоз ва ҳатто рангашон пайомадҳоро пешгӯй мекардаанд. Баъзан ягона роҳи халосӣ аз мушкилоти пешомадаро дар ҳаракату рафтори ҷонварон медиданд. Онҳо ҳар як рафтору кирдор, инчунин тарзи овози парандагонро ба мушоҳида гирифта фоли нек ё бад будани онро муайян менамуданд. Баъзан барои пешгирии ҳаводиси манфӣ роҳи халосиро низ дар тасаввуроташон ба вуҷуд оварда, аз он истифода мебурданд. Ҳамин боис шуд, ки нисбати парандагон эътиқоду боварӣ пайдо шуда, аввал дар устураҳо, пас он дар осори шифоҳӣ симои онҳо барҷаста инъикос гардидаанд. Ин хусусиятҳо ҷанбаи асотирӣ дошта, дар зеҳни мардуми ориёинажод аз маниши неку бад сарчашма мегирад. Дар тасаввуроти қадимии мардуми ориёитабор муборизаи мунтаззами ду қувва, яке қувваи некӣ дар сурати Худои некӣ

–Ҳурмузд ва дигаре қувваи бадӣ бо номи Аҳриман вуҷуд дорад. Ин мубориза дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти инсонӣ вуҷуд дошт ва аз ин рӯ, инсоният парандагонро низ ба гурӯҳи неку бад ҷудо намудаанд.

Дар навоҳии Кӯҳистони Бадахшон низ чунин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Аккаро ба забони шуғнонӣ “кихъепс”, дар забони рӯшонӣ “кархъопс”, дар забони вахонӣ “кижипч” ва дар Язгулом “кахабус” мегӯянд. Оид ба ин паранда одамон ақидаҳои хеле гуногун доранд. Ҳатто дар бораи ранги сиёҳу сафед доштанаш ҳам дар ҳар мавзеъ ҳар гуна ақида вуҷуд дорад. Қисми онҳо соф хусусияти омиёна дошта, дарку фаҳми гӯяндаҳои ин қабил ривоятҳои асотириро ифода кардаанд. Онҳо аз асли қадимӣ хеле дур шудаанд. Масалан, аз сокини ноҳияи Роштқалъа Шогуниева Резабегим ба ин мазмун ривоят сабт шудааст: “Гулқурбонро дар назди Тошбек таъриф карданд ва дастонашонро болои сари акка гузошта, гуфта бошанд, мӯйҳои Гулқурбон мисли парҳои акка сиёҳ аст ва рӯи Гулқурбон мисли пари акка сафед аст. Дар натиҷа, қисме аз парҳои акка сиёҳ ва қисмаш сафед шудаанд.

Аз сокини водии Бартанги ноҳияи Рӯшон Ҷ. Сангилеҷов (соли таваллуд 1961, соли 2001) доир ба тарзи ранги сиёҳу сафед гирифтани суратмисоли акка ба ин мазмун ривоят дастрас гардид: “Акка ва кабк бо ҳам дӯстони дерина буданд. Рӯзе акка аз кабк хоҳиш намуд, ки ҳамдигарро ранг кунанд. Акка рангҳои сурху сафедро гирифту кабкро ранг кардааст. Кабк бошад, ранги сиёҳу сафед гирифта аккаро ранг кард. Акка ранги сиёҳу сафедашро дида, бо ғазаб хокистарро гирифта, ба кабк пошидааст. Аз ҳамон рӯз кабк ранги хокистарӣ бо раҳҳои сафеду сурху сиёҳ гирифта, акка ба тамом сиёҳу сафед шудааст” [218]. Дар баробари ҳамаи ин, боз ақидае вуҷуд дорад, ки гӯё рӯи акка барои он сиёҳ аст, ки вай дуздиро ихтиёр кардааст. Дар ривояти дигаре гуфта шудааст, ки “рӯзе товус аккаро дид, ки аз як ҷо ба ҷои дигар тез – тез парвоз мекард. Товус ин хислати аккаро писандида, вайро ба занӣ гирифт ва як пари сабзашро ба вай тақдим кард, ки ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Рӯзе товус

аккаро санҷида дид, ки вай ба дуздӣ машғул аст, ҳар чизи дуздидаашро дар таги замин пинҳон мекард. Товус ин амали аккаро дида, ба Ҳиндустон рафт ва дигар муқими он сарзамин гаштааст» [200].

Дар бораи акка боз ривояте гуфта шудааст, ки ба вай Оби ҳаёт дода гуфтаанд: “Ин обро дар даҳонат мегирию бурда ба сари инсон мерезӣ, то инсоният умри абадӣ ва ҷовидон ёбад”. Акка Оби ҳаётро дар даҳонаш гирифта, яке мушро дид ва қасди гирифтани муш карда, даҳонашро кушод, Оби ҳаёт аз минқораш ба сари дарахти арча рехт ва аз он замон гӯё арча ҳамешасабз мемонад [223].

Аккаро парандаи зирак низ мегӯянд. Вай дар фасли тирамоҳ дар ҷое, ки чормағзро пинҳон кунад, дар фасли зимистон онро ҳатто, аз зери пардаи ғафси барф ҳам пайдо мекунад.

Аккаро ҳамчунин, расонандаи хабари бад ва ҳам расонандаи хабари хуш ҳисоб мекунанд. Гӯё рангаш ҳам барои ҳамин сиёҳу сафед аст. Сиёҳӣ ин нишонаи зулмоту торикӣ ва сафедӣ ин нишонаи хурсандӣ аст. Ранги сиёҳу сафедро муҳаққиқи фолклор ва адабиёти Бадахшон В. Охониёзов дар тадқиқоташ зери назар гирифта қайд менамояд, ки ранги сафед рамзи ҷовидоният, покӣ ва беолоиширо дар оини зардуштӣ нигоҳ доштааст. Ранги сиёҳ бошад, рамзи қувваи бадӣ ва муқобили рӯшанӣ буд ва агар зарурияти истифодаи ин ранг ба хотири ягон амали нек пеш омад ҳам, зардуштиён онро ба тавр ва талаффузи махсус ба кор мебурданд [51,35]. Ба ин хотир нисбати акка вобаста ба ранги сиёҳу сафедаш ду намуди тасаввурот вуҷуд дорад.

Замоне касалии вабо дар ҳама ҷо паҳн шудааст ва одамон тарзи табобати онро намедонистанд, қисми зиёдашон аз ин касалӣ талаф меёфтанд. Ҳамон вақт гӯё онҳо ба мушоҳида гирифтанд ва нисбат ба акка эътиқод пайдо кардаанд. Аз рӯи овози вай муайян мекарданд, ки дар кадом хонадон бемор сиҳат мешаваду дар кадомаш талаф меёбад.

Агар акка дар назди хонадоне бисёр садо мекард, дар он хонадон гӯё ҳатман ягон кас мефавтид.

Сокини деҳаи Занудҷи ноҳияи Роштқалъа Лаълбекова Нозукмо боре мушоҳида кардааст, ки: «Чанд рӯз акка дар назди хонадони марде беист бо овози баланд садо мекард. Рӯзе мурдаи писарашро аз ҷои дур оварданд ва ҳамон замон акка дигар ба назар нарасидааст» [203]. Аз сокини деҳаи Басиди ноҳияи Рӯшон Соҳибназаров Алимшо бошад, ба ин мазмун ҳикоят сабт шудааст: «Аз Бардара (ҳамсоядеҳа) Мамадбек ном шахс саҳарӣ хеста, хост, ки ба шикор равад. Ҳангоми аз хона берун шуданаш аз пешаш аккае баромада, садои безебу баланд бароварда, пеши роҳашро мегирад. Ӯ ба ин рафтори акка аҳамият надода ба шикор рафт, аммо шикораш барор нагирифт. Худи ҳамон рӯз, дар арафаи соли нави таҳсил, чаҳор нафар фарзандонашро гирифта, барои хондан ба деҳаи ҳамсоя мебарад. Дар байни роҳ аз купруки борики болои дарёчаи кӯҳӣ гузаштан лозим буд. Ӯ нафари сейумро аз купрук мегузаронд, ки духтарчааш ӯро интизор нашуда, аз ақибаш омада ба дарё афтида, нобуд шудааст» [225, 46].

Ба ақидаи ин мардум агар акка бо овози баланд садо кунад, ба пешаш лахчаи оташ мепартоянд, то ки он хабари бад сӯхта, нобуд шавад. Чунин ақидае боз вуҷуд дорад, ки агар акка дар пастӣ бигзарад ва ё рӯзи панҷшанбе садо кунад, хабари бад мерасонад. Одатан, дар ин маврид “хушхабар, алвои шир дар даҳонат” ё “шакар дар даҳонат” мегӯянд. Агар дар баландӣ бигзарад ва садо барорад, он вақт хабараш нек аст.

Дар тасаввури мардуми болооби Бартанг, агар саҳарӣ барвақт акка дар болои боме нишаста, садо кунад, дар он хонадон хурсандӣ мешудааст. Аз Соибназаров Алимшо боз ба ин мазмун нақл ба қайд гирифтаанд: «Шикорчие бо дамидани субҳ аз хона баромада ба шикор рафтаст. Аз куҷое акка пайдо шуда, пеш – пешаш парида рафтааст. Вай садои ниҳоят паст баровард, пеш–пешаш парида, гӯё ба ӯ роҳ нишон

медода бошад. Вақте ки нахчир ба назараш расад, акка аз назараш ғоиб мешавад. Баъде, ки шикораш барор гирифта, сайдашро мекушад, акка боз он ҷо ҳозир мешавад. Шикорчӣ аккаро дида, пасмондаҳоро ҷудо карда, ба вай медиҳад. Ба ғайр аз ин, дар гузашта аз рӯи ҳаракати акка вазъи боду ҳаворо месанҷиданд. Масалан, агар акка дар баландӣ лона гузорад, соли сард, агар дар пастӣ лона гузорад, соли гарм меояд» [225,47].

Пайдост, ки оид ба образи акка дар байни мардуми кӯҳистони Бадахшон ҳам ақидаҳои хеле гуногун вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, мусаллам аст, ки қисми муҳими эътиқоду боварҳо дар натиҷаи таҷриба ва мушоҳидаи тӯлонии рӯзгори мардум оид ба хислату рафтори гуногуни акка ба вуҷуд омадаанд. Баъзе сурудҳои бачагона оид ба ҳашарот, паранда ва ҳайвонот осори боқимондаи тасаввурот ва ақидаҳои ибтидоиро ёдрас мекунанд. Акка бо овози баланд ва ҳаракатҳояш диққати бачагонро ба худ ҷалб мекунад, аз ин рӯ, бачаҳои деҳаи Ҷавгарӣ (Бухоро) вайро дида, чунин мегӯянд:

Акка ало,
Думат бало,
Рӯғани зард,
Диламба зад.
Кали Ашӯр,
Занаша зад [107, 69].

Намунаи дигари суруде, ки дар байни ин мардум маъмул аст, ба ин тарз суруда шудаанд:

Акка ало,
Думаш боло.
Чуқурӣ канад,
Дар гӯр дорад.
Саргини хар,
Газида бурод [107, 69].

Табиист, ки қисми муҳими ин бовару эътиқоди мардум, ки тавассути асотиру ривоятҳо бозгӯй мешаванд, қаблан, ақида ва тасаввуроти қадимии онҳоро нисбат ба парандаҳо ва дигар ҷонварони муҳит ифода мекунанд.

Таҷрибаи тӯлонии ҳаёти инсонӣ нишон медиҳад, ки бархе аз парандагон на танҳо хосияти нек ё ин ки неку бад доранд, балки қисме аз онҳо дорои хосияти бад арзёбӣ мегарданд. Баъзе парандагон дар тасаввур ва боварҳои мардум ба гурӯҳи парандагони хосияти баддошта ҷудо шуда, ҳатто аз рӯи рафторашон паёмадҳои бадро муайян менамуданд. Баъзан тарзи ранги бархе аз парандагон хосияти онро нишон медод.

Яке аз чунин парандагон зоғ аст ва ин парандаро дар Шуғнон “хурн”, дар Рӯшон “хӯрн”, дар Вахон “шиwкижипч” ва дар Язгулом “қорн” мегӯянд.

Ҷои тазаккур аст, ки нақши зоғ дар тафаккур ва тасаввури баъзе аз халқони олам на ба он тарз қабул шудааст, ки дар боварҳои мардуми тоҷик мавҷуд аст. Аз таълифоти муҳаққиқи маъруфи эҷодиёти бадеии даҳонакӣ, расму оинҳо, эътиқоду боварҳои халқҳои Сибир ва Шимоли Русия Е. М. Мелетинский бар меояд, ки таваҷҷуҳи ин халқҳо нисбат ба архетипи зоғ хуб ва хеле зиёд будааст. Баъзе аз халқиятҳои шимоли шарқии Русия, мегӯяд муҳаққиқ,- барои он зоғро муқаддас ҳисоб мекунанд, ки гӯё замин аз саргин ва кӯлҳо аз пешоби зоғ пайдо шудаанд ва одамон тарзи сухан гуфтан, пухтупаз, тарзи шикор карданро аз вай ёд гирифтаанд [137, 22].

Дар ҷумлаи дигар халқу қабилаҳои Русияи шимолу шарқӣ халқияти Атаспаско ҳам зоғро муқаддас ҳисобида, онро офарандаи замину осмон мегӯянд. Онҳо озор додани зоғро убол мешуморанд ва ба ақидаи онҳо агар касе зоғро озор диҳад, гӯё барфу борони сахт ба вуҷуд меояд. Дар баробари ин, онҳо зоғро боздорандаи шамоли сахт ҳисоб мекунанд. Тарзи гузаронидани баъзе идҳо ва маросимҳоро низ ба зоғ

нисбат медиҳанд [137, 107]. Ҳиндуҳо бар он ақидаанд, ки зоғ умри дароз мебинад ва гӯё вай гуфта бошад, ки “ман аз замоне зиндагӣ мекунам, ки ин ҷаҳон офарида шудааст” [137, 115].

Бояд қайд намуд, ки мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар нисбати ин намуди паранда ақидаи тамоман дигар доранд. Маскунони ин вилоят зоғро парастиш накарда, онро парандаи бадхосият меҳисобанд. Бо вуҷуди ин, дар байни ин мардум ақидае вуҷуд дорад, ки агар ба кӯдаки навзод забони зоғро хӯронанд, вай аз воқеоти олам тез хабардор мешавад ва ҳатто забони зоғро ҳам ёд мегирад.

Дар баробари ҳамаи ин, мардуми ин манотиқ образи зоғро зоҳиркунандаи ахбори ғайб медонанд. Зоғ ранги сиёҳ дорад ва умри дароз мебинад ва беҳуда нагуфтаанд,

Сад қарн занад қурнай, садсола шавад каргас,

Ҳаргиз намурад мор, то ӯро накушад кас[210].

Дар бораи симои зоғ ба мисли акка дар ҳар як халқ вобаста ба муҳиту шароити рӯзгор ҳар хел ақида вуҷуд дорад. Нақле, ки аз сокини деҳаи Хуфи ноҳияи Рӯшон Абдулназаров Ғоибназар дастрас гардид, ба ин маънӣ аст: “Шахсе ба сафар баромад, зоғ аз пешаш ба ногоҳ пайдо шуда, се бор бо овози баланд садо кард. Баъди се рӯз он шахс бо гуноҳе айбдор шуда зиндонӣ шуд, ки инро ба ӯ гӯё пешакӣ зоғ гуфта буд. Ба ин мазмун ривоят аз сокини деҳаи Чандини ноҳияи Роштқалъа Асматбекова Чинигул (соли таваллуд 1931, соли 2016) чунин нақл сабт гардид: “Порсол зимистон, саҳарӣ барвақт аз хона баромадам, дар назди хона зоғ бо овози баланд ба ман нигоҳ карда беист овоз баровард. Бегоҳӣ бошад, дар деҳаамон мошин ба садама дучор гардид ва шаш нафар аз деҳаамон талаф ёфтанд, ки дар байнашон писар ва набераам низ буданд. Гузаштагонамон дуруст гуфтанд, ки дар ҳар ҷо агар ин паранда бо овози баланд садо кунад, дар он ҷо воқеаи нохуш рӯй медиҳад” [191]. Ин гуна боварӣ дар сурудҳои халқӣ низ акс ёфтааст:

Аз осмон омад зоғча,
Дар нӯлаш қоғаз овард.
Ин қоғази чи бошад,
Ийгитҳоя хоб зер кард,
Онешона тоқ зер кард.
Ҳайфи хоби ширинак,
Қуш омада бедор кард [35, 188].

Дар як афсонаи мардуми Бадахшон “Камбаґал ва зоґ” марди камбаґал зоґи ба дом афтодаро гирифта ба хона овард. Зоґ гуфт: “Ман чӯҷаҳои майда дорам, агар маро кушӣ онҳо нобуд мешаванд”. Камбаґал ҳайрон монд, ки ин паранда чи хел мисли инсон гап мезанад. Вай зоґро озод кард. Зоґ ба камбаґал гуфт: “Ту ба ман некӣ кардӣ ва ман низ ба ту некӣ мекунам”. Камбаґал ҳамроҳи зоґ ба як ҷои дур рафт. Зоґ ба камбаґал дастурхонро дод. Он дастурхони мӯъҷизанок буд. Агар онро кушоянд, дар он анвои хурокворӣ пайдо мешавад. Камбаґал шабро дар хонаи як кампир рӯз кард. Кампир шабонгаҳ дастурхонро дуздида, ба ҷои он дастурхони оддиро гузошт. Мард ба хона расида дид, ки он дастурхони мӯъҷизанок набудааст. Бинобар ин сари қаҳр ба назди зоґ рафт. Зоґ ба вай чӯб дод. Мард боз дар хонаи кампир омада, хоб кард. Кампир назди чӯб рафта. Чӯб вайро чунон зад, ки вай маҷбур шуда, дастурхонро ба соҳибаш боз гардонд. Мард дастурхону чӯбашро гирифта ба хона рафт. Муддати дароз зиндагии хуб карданд, подшоҳ хабар ёфту омада, дастурхонро кашида гирифтанӣ шуд. Чӯб вайро чунон зад, ки вай аз баҳри дастурхон гузашт [157, 463]. Ба ҳамин мазмун афсонаи дигаре бо номи “Зоґи якрав” ҳам интишор ёфтааст. Дар ин афсона низ зоґ ба инсон ёрӣ расондааст [149, 191–192].

Қисми дигари ривоятҳо дар асоси муносибати ин паранда ба ҷинсу ашёи дигар офарида шудаанд ва хислати дигари онро мушаххас месозанд. Аз ҷумла, хислати дигаре, ки зоґ бо он байни мардум маъруф гардидааст, ин ҳаромхӯриаш мебошад. Чунончи: «Замоне Нӯҳ

пайғамбар хост, ки аз сари кӯҳ ба замин фуруд ояд ва зоғро фиристод, то ки рафта дар рӯи замин чи қадар мондани обро фаҳмад. Зоғ бирафт ба рӯи замин яке мурдаро афканда ёфт, он ҷо нишаста ба хӯрданаш андармон шуд ва ба назди Нӯҳ барнагашт. Нӯҳ бар вай лаънат карду гуфт: “Туро рӯзӣ мурдор бод! ”. Аз ҳамон замон ин ҷониб зоғ фақат мурдаро мехӯрад» [210].

Чунин ақида дар байни яҳудиён низ вуҷуд дорад, ки зоғ аз аввал ранги сафед доштааст. Баъди оне, ки фармони Нӯҳ пайғамбарро ба ҷо наовард, рангаш сиёҳ гардидааст ва минбаъд чашму мағзи мурдаро мехӯрад. Яҳудиён зоғро ба шайтон нисбат медиҳанд. Баъзан дар расмҳо зоғро ба шахсиятҳои муқаддас низ нисбат медиҳанд. Зоғ хусусияти Винсети муқаддас таҷассум мекунад. Вай доимо танҳо мегардад, ки ин нишонаи канорачӯӣ ва гушанишинӣ аст [164, 12].

Дар Кӯҳистони Бадахшон, инчунин ақидае аст, ки агар зоғ рӯяшро ба тарафи қибла карда овоз барорад, он гоҳ хабари хуш мерасад. Агар ба дари хонае омада, овоз барорад, дар он хонадон ягон ҳодисаи нохуш рӯй медиҳад. Дар ин маврид чӯби нимсӯхтаро ба пешаш мепартоянд, то ки он хабари бадашро сӯзонад. Дар фасли зимистон аз парандаҳо бештар зоғи ало ба назар мерасад. Зоғи ало гӯё барфу хунукиро дӯст медорад. Бачаҳо дар ҳаққи образи зоғи ало чунин суруди ҳазломезе мехонанд.

–Зоғи ало,

Куҷо мерай?

–Лав–лави ҷар,

–Чи мечинӣ?

–Саргин– хар.

–Чӣ мехурӣ?

–Ҳалвои тар.

–Ба кӣ мехирӣ?

–Ба Мир, Батар

–Кай мемурӣ?

–Соли дигар [107, 72].

Аз аксари ривоятҳои мансуби зоғ бармеояд, ки рангаш рамзи харобӣ, ғаму андӯҳ ва манфиро ифода мекунад, ақлу фаросаташ ҳам хира ва торик ба тасвир гирифта шудааст. Дар бархе аз ривоятҳо, ки байни халқиятҳои гуногун офарида шудаанд, аз ранги сиёҳ гирифтани зоғ баҳс мекунанд.

Аз таълифоти худи Е. М. Мелетинский бармеояд, ки сабаби ранги сиёҳ гирифтани зоғро ҳар як халқ ба воситаи ҳар гуна ривоят баён мекунанд. «Югакирҳо бар он ақидаанд, ки боре зоғ бо кабк мубоҳиса кардааст, ки вай хӯрокашро бе ягон мушкилӣ пайдо карда метавонад. Кабк низ гуфтааст, ки вай ҳам метавонад, бе ягон мушкилӣ анвои хӯрокро пайдо кунад, чаро ки хӯрок дар ҳама ҷо фаровон аст. Зоғ ба ғазаб омада, рӯзе ба лонаи кабк даромада фарзандонашро хӯрда, чизу чораашро дуздида бурдааст. Аз ин кирдори зоғ парандагони дигар огоҳ шуда, вайро чунон нул мезаданд, ки гӯё аз ин рангаш сип – сиёҳ гардидааст» [137, 36].

Дар байни ҳиндуҳои Шимол ривояте маълум аст, ки дар он омадааст: “Зоғ ва мурғобӣ ҳамдигарро ранг мекарданд. Мурғобӣ ранги сиёҳро гирифта, ба зоғ молидааст ва зоғ мурғобиро барои чунин амалаш ба об партофтааст. Аз ҳамон замон то ба имрӯз гӯё зоғ ранги сиёҳро гирифта, мурғобӣ дар об зиндагӣ мекунад» [137, 98]. Ба ҳамин монанд, дар халқияти Аляска ривояте вуҷуд дорад, ки он ҳам роҷеъ ба ранги сиёҳ гирифтани зоғ гуфта шудааст. Мувофиқи ақидаи ин халқият, «ҳамаи парандагон дар замони қадим ранги хокистар доштаанд ва бо фармони Қу, ки он замон доҳиашон будааст, ҳамдигарро ранг мекунанд. Навбат ба зоғу исфируд расида будааст, ки зоғ исфирудро бо ранги нофорам ранг намудааст ва исфируд аз ин рафтори зоғ огоҳ шуда, вайро дар даруни дудаи сиёҳ ғарқ мекунад» [137, 10].

Дар асотири мардуми Австралия омадааст, ки фарзандони зоғ байни худ ҷанг мекарданд ва барои тарсондану ба ифоқа даровардани

онҳо зоғ ба даруни ангиштсанг даромада, сип– сиёҳ гаштааст ва аз ҳамон замон ин ҷониб ранги сиёҳро гирифтааст [161, 516]. Аз рӯи як ривояти мардуми Ҳиндустон, замоне шер ҳамаи парандагонро ҷамъ намуда, аз байни онҳо зоғро вазифадор кардааст, ки парандагонро ранг кунад, то онҳоро аз ҳамдигар фарқ кардан тавонад. Зоғ парандагонро ранг намуда, товусро бо рангҳои ҳархела ранг мекунад ва мебинад, ки вай ниҳоят зебо ва қобили таърифу тавсиф мешавад. Ба нияте, ки мисли товус бошад, ҳамаи рангҳоро дар даруни дег андохта, даруни он медарояд ва вақте ки аз он ҷо берун мебарояд, мебинад, ки сип– сиёҳ гаштааст.

Ба ҳамин монанд аз сокинони ноҳияи Роштқалъа ривоят навишта гирифта шуд, ки қисми аввали он аз ривояти иқтибосшуда фарқе надорад. Қисми дуюми он ба ин мазмун нақл шудааст, ки зоғ ҳамаи парандагонро ранг карда аз ҳамаи рангҳо гирифта мемонад, то ки фарзандонаш бо он рангҳо аз ҳама зебо шаванд. Вай он рангҳоро дар даруни дег андохта, худ бо фарзандонаш ба даруни дег медароянд ва онҳо ҳама ранги сиёҳро мегиранд [206].

Дар ноҳияи Рӯшон ранги сиёҳ гирифтани зоғро ба ин маънӣ баён кардаанд: «Замоне зоғ ва акка аз як кампир чормағз дуздиданд. Акка чормағзҳояшро пинҳон мекунад, зоғ бошад, онҳоро мехӯрад. Одамон акка ва зоғро дастгир карда, дар таҳхона ҳабс мекунанд. Фасли баҳор фаро мерасаду аз онҳо ҷои чормағзҳоро мепурсанд, акка ҷои чормағзҳоро мегӯяду вайро озод мекунанд. Зоғ ки онҳоро хӯрда буд, вайро дар таҳхона нигоҳ медоранду вай он ҷо сип – сиёҳ гаштааст ва азбаски аккаро аз таҳхона барвақт озод мекунанд, фақат нисфаш сиёҳ шудааст».

Насрониён нисбат ба зоғ чунин ақида доранд: “Сиёҳии ранги зоғ дар он аст, ки ин ранг нишонаи гуноҳ ва бадӣ аст. Дар байни онҳо ривояте паҳн шудааст, ки боре Бендикити Муқаддас намоз мехонд, ки

дар ин асно Иблис худро ба сурати зоғ дароварда, кӯшиш кардааст, ки ба намози вай халал расонад” [164, 12].

Дар лирикаи халқӣ ранги сиёҳи зоғ бахти сиёҳро далолат менамояд. Ҳамчунин зоғ дар рубоиёт шавҳари номуносибро ифода менамояд. Ин паранда бештар ба фасли хазон ва сардӣ иртибот дошта, ҳамчун рамзи тороҷгариро низ ба худ гирифтааст. Фолклоршинос Р. Амонов таъкид менамояд: “Дар натиҷаи ҳамаи мушоҳидаҳои реалии ҳосилгардида зоғ дар қисми ғамангези лирикаи халқӣ ба рамзи фалокат ва бадбахтӣ табдил ёфтааст” [9, 95].

Абр омаду қиблая ба якбор гирифт,

Зоғ омаду доная ба минқор гирифт.

Мардумо меган ёри ҷувон ёр гирифт,

Ду чашми ҷувон дар хок зангол гирифт [9, 95].

Дар гузашта аз рӯи ҳаракати зоғ вазъи боду ҳаворо низ месанҷиданд. Дар тасаввури мардум, агар зоғон ба тарафи ҷануб парвоз кунанд, ҳаво гарм ва агар ба тарафи шимол парвоз кунанд, ҳаво хунук мешавад. Агар ба тарафи шарқ парвоз кунанд, барфу борон меборидааст ва агар ба тарафи ғарб парида раванд, ҳаво соф мешудааст. Дар Кӯҳистони Бадахшон чун дигар халқият озор додани зоғро убол мешуморанд ва агар касе онро озор диҳад, ба сари хонадонаш фалокат меомадааст. Агар шахсе сафар карданӣ бошад ва дар рӯбарӯяш гурбаи сиёҳ ё зоғи сиёҳ баногоҳ пайдо шавад, он шахс бояд аз роҳаш баргардад, зеро ранги сиёҳ ё зоғи сиёҳ ин нишонаи нохушӣ ва касофат аст, сафараш ба хайр нест.

Гумон меравад, ки чанд хосияти зоғ боис гардидааст, то мардумон нисбат ба вай муносибати манфӣ дошта бошанд. Чунончи, ранги зоғ нишонаи торикӣ ва бадбахтӣ аст ва баъзан иблис ҳам дар сурати зоғ тасвир меёбад. Ё худ, ба тасаввури мардум ин паранда хабари бадро мерсонад, ҳатто дар зиндагии воқеӣ ҳам овози ин парандаро бо фоли бад

ба мушоҳида гирифтаанд; ин паранда мурдорро меҳӯрад, ки аз доираи ҳар гуна хислат берун аст.

Возеҳ аст, ки мардум ба воситаи сифату хислати парандаҳо, пеш аз ҳама, ақидаҳои иҷтимоиашонро баён мекарданд. Тавассути тамсил афкори иҷтимоӣ ва муносибатҳои гуногунашонро ба муҳит, ҳодисаҳои зиндагӣ нишон медиҳанд. Ба воситаи рафтору амалиёти парандаҳо ва дигар ҷинсҳои табиат ҳодисаҳои гуногуни табиат ва ҷамъиятии ба амал меомадаро ҳам пешгӯй мекунанд. Ҳамин гуфтаҳоро асотиру ривоятҳо оид ба эзорсурхак бозтоб мекунад.

Эзорсурхак парандаи кучак, парҳои сиёҳ, сафед, зард ва сабз дорад. Дар забони шуғнонию рушонӣ онро “кофар wидъич”, дар Вахону Язгулом “кофирак” мегӯянд. Вай монанди тӯтӣ бо панҷаҳои худ аз танаи шохҳои дарахт боло мебарояд, ҳашаротро бо минқори худ аз пӯсти дарахт берун меоварад ва меҳӯрад. Ривояте, ки аз сокини Шуғнон Фақирмеҳри Қурбоншо ба даст омад чунин аст: “Ин парандаро барои он кофирак мегӯянд, ки замоне бо кумакаш писари Закариё (а), Яъҳё ба дасти подшоҳи Байтулмуқаддас афтида кушта шуд. Закариё аз тарси он ки ӯро ҳам аз байн набаранд, аз шаҳр хориҷ шуд ва дар яке аз боғҳои он шаҳр рафта, дар дохили ковокии як дарахт худро аз шарри маъмурони подшоҳ пинҳон кард. Дар ин асно ин паранда омада, ҳамон дарахтро, ки Закариё худро дар он пинҳон кард, ба сӯрох карданаш пардохт ва маъмурони подшоҳ байни худ гуфтанд, ки ин паранда холӣ аз ҳикмат нест ва яке аз онҳо пеш омад ва дид, ки Закариё дар дохили дарахт худро пинҳон кардааст” [223].

Бо густариш ёфтани дини ислом биниши асотирии мардумӣ ба худ хусусияти исломиро касб карда, дар ҳар шаклу намуд зуҳур мекард. Ҳамин тавр бархе аз ақидаҳои асотирӣ доир ба ин паранда ҳам бо мазмуни исломӣ баён меёфтанд.

Дар ривояте, ки дар байни мардуми Бадахшон интишор ёфтааст, кофирон Ҳазрати Хотуни Қиёмат (Бибӣ Фотимаи Заҳро)-ро таъқиб

мекунанд. Ӯ аз таъқиби онҳо ба тарафи кӯҳ гурехта рафт. Дар ин ҳангом як қисми кӯҳ монанди даре кушода шуд, Хотуни Қиёмат дохили он гардид ва дар аз пасаш пӯшида шуд, ки як қисми рӯймолаш дар берун монд. Эзорсурхак омада, руймолашро нӯл задан гирифт ва дар куҷо пинҳон шудани Хотуни Қиёматро ба кофирон нишон дод [188].

Аз мӯҳтавои ривоятҳо доир ба образи ин паранда бар меояд, ки дар ҳар давру замон ақидаи манфиро баён мекарданд.

Парандаи дигаре, ки мардум нисбати он ақидаи манфӣ доранд, бум мебошад. Образи бум аз парандагони ваҳшии ҳаромгӯшт буда, чеҳраи паҳн, чашмони калон ва зебо дорад. Дар забони шуғнонӣ, рушонӣ ва язгуломӣ низ “бум” ва дар Вахон онро “бим” мегӯянд. Бештар дар вайронаҳо умр ба сар мебарад, шабҳо аз лонаи худ берун мешавад. Бум аз ҷумлаи парандаҳо аст, ки дар байни бисёр мардуми дунё маъруф мебошад ва доир ба он ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Азбаски бум фақат шабонгоҳ аз лонааш берун мебарояд, дар миёни ҳар як халқ, вобаста ба фаҳму тасаввурот, тарзи зисту зиндагонии он манотиқ, нисбат ба он ҳар гуна ақида ба вуҷуд омадааст.

Дар байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар ин бора чунин ривоят паҳн шудааст: «Замоне Худованд бумро вазифадор намудаст, ки ба дигар ҷонварон чашм тақсим карда диҳад. Ҳангоми тақсим бум чашмони зеборо барои худ гирифта, парандангони дигар душмани вай гардиданд. Ҳамин боис шудаст, ки бум фақат шабонгоҳ аз лонааш берун мебарояд. Ба ғайр аз ин, мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар он ақида ҳастанд, ки бум чашмони зеборо барои худ ва безебу тангро барои зоғ ва акка додааст, бинобар ин, аз тарси онҳо фақат шабонгоҳ аз лонааш берун мешавад» [224].

Ненесҳои Русияи Шимолӣ ривоят мекунанд, ки писари бум бо боша издивоҷ кард. Рӯзе боша бемор шуд ва бум барои табобаташ муллоро меорад, мулло ба ҷои табобат бошаро хӯрд. Бум барои боша

шуда чунон гиря кард, ки чашмонаш кӯр шуданд. Барои ҳамин вай рӯзона намебинад ва шабонгоҳ чашмонаш бино мегарданд [159,206–208].

Халқиятҳои дигар боз чунин ривоят доранд, ки зоғ бо бум дӯстони дерина буданд ва якҷоя зиндагӣ мекарданд. Ранги ҳар дуи онҳо сафед будааст. Бум қарор додааст, ки ҳамдигарро ранг кунанд, то ки фарзандонашон дорои ранги махсус бошанд. Зоғ бумро аз таҳти дил ранг кард, бум бошад, ранги сиёҳро гирифта, ба зоғ мемолад. Зоғ аз ин амали бум ба хашм омада, минбаъд бо бум душманӣ меварзад ва бум аз тарси зоғ фақат шабонгоҳ аз лонааш берун меояд [159, 471].

Бумро парандаи наҳс ҳисоб мекунанд, зеро ба ақидаи мардум, агар вай дар ҷое пайдо шавад, он макон ба вайрона табдил меёбад. Ё ин ки, агар сояи он болои сари касе афтад, он шахс бенаво мешавад. Ин гуна тасввурот ба худ хусусияти бадеиро касб намуда, дар рубоиёти халқӣ низ акси худро ёфта буд:

Ман мераваму нигори ман мемонад,
Сабр аз дили беқарори ман мемонад.
Ҷуғзе ба сари кулбаи мо омаду гуфт:
“Ин кулбаи вайрона ба мо мемонад” [7, 13].

Мувофиқи маълумоти мусаннифи китоби “Таърихи Табарӣ” «Каюмарс бо номи Ҳушанг писаре доштааст. Ӯ ҳамеша ба тоъату ибодат машғул будааст. Рӯзе девон вайро танҳо диданду тадбири куштани ӯ карданд, то ки дили падараш озурда шавад. Чун Ҳушанг сар ба саҷда ниҳод, онҳо пораи кӯҳро гирифтанду ба сараш зада, ӯро нобуд карданд. Рӯзе Каюмарс ба хотири дидани писараш ба кӯҳсор меравад ва ба кӯҳ наздик шуда, дар роҳ чуғзеро дид, ки ба назди ӯ омада, чанд бор бо саҳм бонг зад. Каюмарс ба вай наздик шуд, вай дуртар париду боз бонг зад. Каюмарс андеша карду гуфт: “Ин мурғро аз газоф аст” ва гуфт: “Эй мурғ, агар хабари хайр аст, хуҷастафол монад аз ту дар фарзандони Одам то бошад ва агар бад аст шум монад ва аз ту то ҷаҳон бошад”. Каюмарс чун ба кӯҳ расид, писарашро кушта дид ва ӯро нафрин кард»

[3,69]. Аз ҳамин сабаб мардумон онро шум ва овозашро нохуҷаста мешуморанд.

Ин парандаро ҳатто дар замони Зардушт ҳам парандаи наҳс меҳисобиданд ва шояд ин боис шуда бошад, ки имрӯз ҳам ин парандаро наҳс меҳисобанд. Мазмуни ривояти дигар чунин аст: «Кисро шахсеро фармуд, ки бадтарин мурғеро шикор кунад ва ба бадтарин ҳезуме кабоб кунад ва ба бадтарин шахс диҳад. Он шахс бумеро шикор карда, дар ҳезуми талха кабоб кард ва ба омиле дод, ки қасди моли мусулмонон ба ноҳақ мекард» [210]. Боз ақидае вуҷуд дорад, ки агар бум бисёр садо кунад, вай гуруснагиро металабад ва ҳамон сол, соли қаҳтӣ фаро мерасад. Фолклоршиноси тоҷик Д. Обидов дар китоби “Сурудҳои мавсимии тоҷикони Афғонистон” қайд кардааст, ки Худо ба Ҳазрати Сулаймон– пайғамбар Оби ҳаёт фиристондааст, ки хӯраду умри абадӣ ёбад. Ҳазрати Сулаймон ҳамаи деву парӣ, даррандаю чаранда ва хазандагонро ҷамъ намуд ва аз онҳо маслиҳат пурсидааст: “Худо барои ман Оби ҳаёт фиристондааст, агар онро хӯрам, ҳеҷ вақт намемурам. Ҳамин корро кунам ё не? Дар ҳамин масъала маслиҳати шумо чист? ” Аз байни парандагон бум баромада пурсидааст: “Оби ҳаётро бо аҳли байт ва ёру дӯстон мехӯред ва ё як худатон”? Сулаймон пайғамбар гуфтааст: “Оби ҳаёт фақат барои ман фиристонда шудааст”. Бум гуфтааст: “Шумо Оби ҳаётро хӯреду абадӣ зинда монеду аҳли байту ёру дӯстонатон муранд, ин хел Оби ҳаёти бе ёру дӯстону бӯстони бе гулистон ба кӣ даркор”? Гапи вай ба Сулаймон маъқул афтодааасту ӯ Оби ҳаётро ба таги дарахти арча рехтааст. Барои ҳамин дарахти арча ҳамеша сабзу хуррам аст. Азбаски бум фақат дар вайронаҳо зиндагӣ мекунад, аз ин бора ҳам ривоёти гуногуне вуҷуд доранд. Халқияти Тува ривоят доранд, ки бум парандаи ниҳоят танбал будааст. Тобистон ҳамаи парандагон барои худ лона месозанд, вале бум фақат нағмасароӣ мекарду бештар ба хоби ғафлат андармон шуда, ҳатто парандагони дигарро ҳам намемонд, ки

онҳо истироҳат ва кор кунанд. Ҳангоме, ки фасли сармо мерасад, бум бе хонаву дар монда, вайронаро ҷои зисташ интихоб мекунад ва аз ҳамон замон бум фақат дар вайронаҳо зиндагӣ мекунад [159, 246 – 248].

Бо вуҷуди ин пайдост, ки мардум барои дар вайрона ҷой гирифтан, овози бад доштан ва рамзи ғаму харобкориро ифода кардани бум, нисбаташ ақидаи манфӣ доштаанд.

Аз ин шарҳу тафсир бар меояд, ки парандагон, дар баробари ҳайвонот, аз ҷузвҳои муҳими табиат буда, аз замонҳои қадим дар рӯзгори мардум мақом ва мартабаи беше доштаанд. Бояд қайд кард, ки мувофиқи мазмуни устураҳо парандагон ба се гурӯҳ ҷудо гардидаанд; гурӯҳи аввал муниси инсон, гурӯҳи дуввум дорои хислати неку бад ва гурӯҳи сеюм парандагоне, ки фоли бад доранд. Хурӯс, кабк, фароштурук, кабӯтар, лаклак, уқоб, ҳудҳуд аз ҷумлаи парандаҳои “беозору убол” ва муниси ҳамешагии инсон буда, дар байни мардум яке чун ҳомии ҷону дӯсти беғарази одамон, дигар ҳимоятгари амнияту осудагӣ ва сеюмӣ ҳамчун таъминкунандаи ризқу рӯзии онҳо эътибор ва маҳбубият пайдо карданд. Аз ин ҷост, ки мардум дар бораи онҳо ривоятҳои гуногунмазмун эҷод кардаанд ва дар ин қабил асарҳояшон аз ин ҷонварон арҷгузорӣ карда, дар ҳаққашон дуоҳои нек гуфтаанд. Ба пиндошти мардуми Бадахшон Симурғ дар баландтарин қуллаҳои кӯҳи бузурги олам маскан гирифта, дарвозаи моҳу хуршедро посбонӣ мекунаду дар душвортарин лаҳзаҳо ба қаҳрамонони асотирӣ кӯмак мерасонад. Акка бошад, бо хосияти неку бадаш дар байни мардум мақом пайдо кардааст. Вай бо садояш баъзан хабари хуш ва баъзан хабари бад ба мардум мерасонад.

Умуман устураҳо ва нақлвораҳо оид ба образи парандагон дар даврони инкишофи маърифати инсонӣ қатъ нагардида, балки давра ба давра шаклашонро иваз карда, то имрӯз бо шаклу шеваи нав дар осори бадеӣ гуфта мешаванд.

БОБИ III
ҶОЙИВАЗКУНИИ УСТУРАҲО ДАР РАСМУ ОЙИН ВА ОСОРИ ШИФОҲИИ МАРДУМИ БАДАХШОН

Фасли 1. Инъикоси табдили инсон ба ҳайвону парандагон дар устураҳои Бадахшон

Нахустинсон бидуни табиат ва ашёву ҷинсҳои он худро тасаввур карда наметавонист. Дар андешаи онҳо вуҷуд омада буд, ки ҳайвоноту парандагон гӯё аввал инсон будаанд ва пасон бо ягон сабабе сурати одамиро аз даст додаанд.

Ин гуна ақидаҳо байни омма вуҷуд дошт ва бисёриашон ҷанбаи асотирӣ касб карда, баъдҳо ба фолклор роҳ ёфтаанд. Бояд зикр намуд, ки қариб дар байни тамоми халқияти дунё асотир, ривоят ва афсонаҳое эҷод гардидаанд, ки онҳо аз хусуси табдили инсон ба ҳайвону парандаҳо дарак медиҳанд. Дар ин боб аз хусуси табдили инсон ба олами ҳайвонот ва робитаи ҳайвоноту парандагон ба расму маросимҳои мардумӣ, ки дар устураҳо ва ривояту афсонаҳо акс ёфтаанд, иҷмолан изҳори назар карда мешавад.

Дилшод Раҳимӣ дар мақолаи “Зооморфизм дар афсонаҳои тоҷикӣ” ба ин масъала равшанӣ андохта, чунин навиштааст: “Дар илмҳои ҷамъиятшиносиву инсонӣ, махсусан дар илми фолклоршиносӣ ва мифология истилоҳи “зооморфизм” ба маънои хусусиятҳои зоҳирӣ, рафтор, табиати ҳайвонро ба худ гирифтани одамон ва махлуқони дигар ташреҳ ва истифода шудааст. Истилоҳи “зооморфизм” аз калимаҳои юнонии ζωον (*zōon*), яъне ҷонвар ва μορφη (*morphē*) ба маънои шакл, ё қолиб сохта шуда, тақрибан маънои “ҳайвонсурат”–ро медиҳад” [155,40].

Дар байни мардуми Русия ба чунин мазмун афсонае интишор ёфтааст, ки: “Дар беша марде ҳамроҳи аҳли оилааш зиндагӣ мекард. Дар наздикии хонаи онҳо гургон макон доштанд. Дар фасли зимистон, рӯзе духтари онҳо ба назди гургон рафта, ба гург табдил гаштааст. Модар аз паи духтараш рафта, вай ҳам сурати одамиро аз даст медиҳад. Баъди

муддате модар духтарашро пайдо намуда, аз сари нав ҳар ду сурати одамиро мегиранд» [158, 314].

Дар ин гуфтаҳои тахайюлӣ орзуи аз инсон ба ҳайвон ва боз сурати инсонӣ гирифтани ҳайвон акс гардидааст.

Аз сокинони деҳаи Бачув ривояте дастрас гардид, ки ба мазмуни афсонаи дар фавқ овардашуда хеле монанд аст. Масалан: «Замоне Шех (Шайх) ном марди муфлисе умр ба сар бурдааст. Борҳо назди ҳамсояҳо рафта чизеро талаб мекард. Онҳо гову гӯсфанди бисёре доштанд, аммо ба он марди гадо чизе намедоданд. Шех аз Худо тавалло мекунад, ки ӯро ба гург табдил диҳад, то ки аз ҳамсояҳои бои худ қассос гирад. Худо илтиҷои Шехро қабул мекунад. Ӯ ба гург табдил меёбад. Муддати зиёде сарвари гургҳои дарранда шуда, моли мардумро хӯрда мегашт. Мардум аз ин ҳоли Шех хабар ёфта, он гургро дигар Шехагург ном мебаранд. Аммо Шехи гурггашта зуд пай мебарад, ки зиндагии муфлисонаи ӯ аз ҳаёти гургонааш садҳо бор беҳтар буд ва боз аз Худо илтиҷо мекунад, ки ӯро аз нав ба одам табдил диҳад. Худованд мӯъҷиза мекунаду ӯ дар шабе, ки ҳамроҳи гургон буд, боз ба шакли одам табдил меёбад. Ҳамон дам ба дарахте баромада, шабро рӯз мекунад ва баъд ба деҳа бар мегардад» [230, 10].

Аз мӯҳтавои ин ду ривояти қадим бар меояд, ки зиндагии вазнин дар ҷойҳои камзамину касногузар, мубориза бо носозгориҳои замон одамони қадимро маҷбур мекард, ки зиндагии осуда ва рӯзгори фаровонро орзу намоянд. Аз ин сабаб, онҳо чизҳои хаёлиро бофта мегуфтанд. Аз рӯи мазмуни устураэҷодҳо хусусияти зисту зиндагии ҳар як маҳал ва халқият муайян мегардад. Чуноне, ки дар як халқият агар дар беша, дар наздикии гургон зиндагӣ кардани оилае тасвир ёбад, дар дигараш аз тангии рӯзгор орзуи ба гург табдил ёфтани шахс ва аз сари нав ба инсон табдил ёфтан дар ҳар ду ривоят тасвир ёфтааст. Ин биниши асотирии мардум бори дигар баёнгари ақидаҳои қадимиро барҷаста нишон медиҳад. Ба ҳамин монанд афсонаи дигаре дар байни мардуми

рус вуҷуд дорад, ки дар он доир ба марди камбағале нақл мешавад: «Азбаски рӯзгори аҳли оилаашро базӯр таъмин менамудаст, дар фасли зимистон ба ҷангал рафта, дар атрофи дарахте се бор гирд гашта ва ба хирс табдил ёфтааст ва занаш низ ин ҳолро дида, худро ба хирс табдил медиҳад. Писарони онҳо, падари худро, ки аллакай сурати хирс гирифтааст, мекушанд. Модарашон аз сари нав ба сурати одамӣ даромада, ба онҳо мегӯяд, ки онҳо падарашонро куштаанд» [158, 57]. Ин ривоят шаҳодат аз он медиҳад, ки мардуми рус нисбати ин ҳайвон эътиқоди қавӣ доранд ва тавассути ин гуна ривоятҳо аз аввал инсон будани хирсро нишон медиҳанд.

Баъзе афсонаҳое, ки дар байни мардуми тоҷик паҳн шудаанд, дар онҳо ҳам таъсирмандӣ мушоҳида мешавад. Дар байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон афсонае вуҷуд дорад, ки гӯё духтаре хурӯс доштааст ва он хурӯс соҳибашро ба шахсони сарватманд табдил дода, аз онҳо хоҳиш менамояд, ки духтари шоҳро ба вай хостгорӣ кунанд. Оқибат хурӯс духтари шоҳро ба занӣ мегирад ва ба сурати одамӣ табдил меёбад. Рӯзе дояи духтари шоҳ лиқоби хурӯсро месӯзонад ва вай ба кабӯтар табдил ёфта, парида меравад. Ба ҳамин мазмун аз байни сокинони ноҳияи Данғараи Вилояти Хатлон афсонае дастрас шудааст, вале дар он ба ҷои хурӯс аз хусуси хар сухан меравад. Дар ин афсона ҳам хар ба кабӯтар табдил меёбад [87, 106].

Аз мазмуни афсонаҳои мазкур бармеояд, ки дар тасаввури одамони қадим чунин ақида вуҷуд дошт, ки инсон ҳар гоҳ мехост, худро ба ягон ҷонвари табиат табдил диҳад, хосташ амалӣ мешудааст. Ин гуна тасаввурот аввал дар устура, пас он дар афсона мавқеашро ишғол карда буд.

Дар китоби “Миф, фолклор, литература” зикр шудааст, ки аз аввал дар рӯи замин фақат инсон вуҷуд доштааст. «Рӯзе як қабила ба ҷое мераванд, ки он макони муқаддас ҳисоб ёфтааст. Дар байни он қабила кампире бо фарзандонаш низ будааст. Кампир дар мавриди сафар аз

қабила ақиб монда, дар роҳ фарзандонаш ҳалок мегарданд. Кампир худро ба қабила расонид, ки онҳо аллакай дар ҷои муқаддас буданд. Кампир дар ҳаққи онҳо дуои: “Илоҳо, ҳамаи шумоён дар ин макон монед” – гуфта, худаш афтида мемурад. Аҳли он қабила қисмашон ба дарахт ва қисми дигарашон ба ҳайвону паранда табдил гаштаанд» [142,8].

Ҳамин тавр, устура ва нақлвораҳои зиёде вуҷуд доранд, ки дар онҳо одамон бо ҳар гуна сабабҳо ба сурати ҷонварон табдил ёфтаанд. Табиист, ки бархе аз ин устураҳо вобаста ба муҳити зист ва шароити табиати он маҳал эҷод гардидаанд. Масалан, халқияти Улавуна, ки дар қитъаи Африқо ҷойгир аст, сурати ниҳоят зишт доранд. Гӯё онҳо замоне аждаҳоро кушта, гӯшти вайро хӯрдаанд ва биниашон паҳну калон, даҳонашон кач ва пӯсташон сиёҳ гардидааст [139, 517]. Ё ин ки дар асотири дигари ин мардум омадааст, ки ду хоҳар тотеми қабилаи дигарро масхара кардаанд ва ба қурбоққа табдил ёфтаанд. Дар асотире бошад, шахсе гӯё нисбат ба тотемаш беэътиноӣ зоҳир намуда, ба саг табдил ёфтааст [139, 3].

Аз бештар асотиру ривоятҳо бар меояд, ки инсон ягон гуноҳро содир намуда, ба қаҳри худовандӣ гирифтор мешуд ва ба ҳайвону паранда табдил меёфт.

Чунонки гуфта шуд, яке аз ҳайвонҳои ваҳшӣ образи хирс аст, ки дар бораи он қариб тамоми мардуми дунё устура, афсона ва нақлвораҳои гуногун офаридаанд. Вай гӯё дар ибтидо инсон буда, баъдҳо гуноҳе содир намуда, ба хирс табдил ёфтааст. Масалан, аз тадқиқоти мардумшиноси қирғиз Т. Д. Боялиева бармеояд, ки ба ақидаи қирғизҳо хирс аввал зан будааст. Пайғамбар вайро ба занӣ мегирад, вале вай, аз сабаби нисбат ба падари пайғамбар беҳурматӣ содир карданаш, ба хирс табдил ёфтааст [117, 31].

Ба ақидаи мардуми Белорус ҳам хирс дар ибтидо инсон буда, баъдан дар натиҷаи гуноҳи азим содир намуданаш, сурати хирс гирифтааст [161, 582].

Тибқи мазмуни як ривояте, ки соли 2001 аз сокини деҳаи Рошорви ноҳияи Рӯшон Ақсақолов Мирзошо (соли таваллуд 1941) навишта гирифта шуд, хирс дар ибтидо як марди гилембоф будааст ва бо ҳунари гилембофиаш ба як шахси сарватманд табдил меёбад ва оқибат аз одаму одамгарӣ фаромӯш мекунад. Рӯзе нонро гирифта дар тайаш монда, болои он мешинад ва аз рӯи ин амали норавояш ба хирс табдил ёфтааст [190].

Дар як ривояти дигар омадааст, ки ду шахс барои порчаи замин ҷанҷол мекунанд ва кори онҳо то ба қозӣ мерасад. Қозӣ дар ҳалли ин мушкилот ноҳақӣ зоҳир мекунад. Он ду мард маслиҳат мекунанд, ки рафта аз худи замин пурсанд, ки соҳиби замин кадоме аз онҳо аст? Ин маслиҳатро он як мард пешниҳод карда буд, ки пешакӣ заминро канда, дар он ҷо писарашро ҷо дода будааст. Чун он ду шахс ба сари замин омада: “Бигӯ замин, соҳиби ту кист”– гуфта муроҷиат намуданд, он бача, ки дар замин пинҳон шуда буд, “чириғаст” карда, ба суғур табдил ёфту дар он ковокии замин мемонад. Аз он вақт то ин дам суғурҳо дар даруни хок зиндагӣ ба сар мебаранд. Падари он писарбача бошад, сурати хирс гирифтааст [227, 23].

Ҳамин тавр устураэҷодҳои зиёде дар байни сокинони Бадахшон вуҷуд доранд, ки онҳо аз боби зидди якдигар амал кардани ду қувва, яке қувваи некӣ ва дигаре қувваи бадӣ сухан меравад. Инсоният дар раванди зисту зиндагониаш ҳама вақт бо ин ду қувва рӯбарӯ мешуд. Аз ин ҷост, ки дар устураву ривоятҳо барои амалӣ гаштани ормони некашон тасввуротеро инъикос менамуданд. Дар ин гуна биниш ифода ёфтааст, ки амали нораво боиси аз даст додани хислати инсонӣ мегардад.

Дар байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон боз ба ин мазмун ривояти дигар вуҷуд дорад. Зане нон мепухт, ҳамон замон як марди

бечора аз дар медарояд ва зан хост, ки нони пухтаашро пинҳон кунад, вале дар куҷо пинҳон карданашро надониста, онро дар зери пояш мемонад. Он бечора мардак (шахси бузург) ҳарчанд дар талаби нон буд, занак худро ба нодонӣ задааст. Он шахс, “Илоҳо, маймун шуда равед” – гуфт, ки занак даррав ба маймун табдил гаштааст [202]. Чунин биниши асотирӣ, ки ба адабиёти шифоҳӣ роҳ ёфтаанд, бисёр ҷиҳатҳои хайрхоҳонаи халқи моро дар худ инъикос менамоянд. Қисмати зиёди онҳо ба адабиёти хаттӣ низ ворид гардида, дар тарбияи инсон ба кор рафта истодаанд. Ҳамин тарзи тасвир дар байни дигар халқият низ вуҷуд дорад.

Аз рӯи таълифоти О. М. Фрейденберг байни юнониён ривоят мекунанд, ки хар низ аз аввал инсон буда, зане вайро ба хар табдил додааст [165, 514]. Мардуми Арабистон ҳам ақида доранд, ки хар аз аввал зан будааст ва азбаски шуғлаш ифлоскориву бадкирдорӣ будааст, худованд вайро ба хар мубаддал гардондааст [165, 522].

Чунин ривоятҳое, ки дар онҳо ақидаҳои ягонаи тотемистии халқҳо акс ёфтааст, хеле зиёданд. Устураҳо амалу рафтори инсониро тавассути рамз таҷассум менамоянд. Нахустинсон ҳар як ҷузъи рафтори олами ҳайвонотро даққиқона ба эътибор гирифта, дар асоси он барои татбиқи фикраш устура эҷод мекарданд. Чунончи, тортанак дар аввал гӯё духтаре буда, дар бофтан ҳунари воло доштааст ва мислаш ба он зебоӣ кас набофтааст. Рӯзе он духтар гӯё гуфта бошад, ки ҳатто худои занон– Афина ҳам ба мислаш ҳунари бофандагӣ надорад. Афина аз ин ман – маниаш ба хашм омада, бо моку ба сараш зада, он духтар даррав ба тортанак табдил ёфтааст [165, 52]. Ин гуна ақида исботи он аст, ки бофтану дӯхтан кори духтарона аст. Аз ин рӯ маҳз духтар ба сурати тортанак табдил ёфтааст. Шояд дар заминаи чунин ривоят дар Бадахшон ақидае вуҷуд дорад, ки агар тортанак ба либоси касе барояд, боварӣ доранд, ки он шахс соҳиби либоси нав мегардад.

Оид ба бархе аз парандагон ҳам ривоят мекунанд, ки онҳо ҳам аввал инсон будаанд. Дар Юнон гӯё марди худотарс ва диндоре будааст. Рӯзе хост харро қурбонӣ кунад, вале Худо ба вай дастур дод, ки ба ҷои он гӯсфанд ё ягон чизи дигарро қурбон кунад. Ҳамин чиз дар Бобул ҷорӣ гашт, лекин писарони он мард, харро қурбонӣ мекунанд ва ин амали онҳо боиси ба паранда табдил гаштанашон шуд [165, 500].

Мардуми Бадахшони Афғонистон ақида доранд, ки ҳудҳуд аввал инсон ва вазири Сулаймон (а) будааст, вале аз сабаби дуруст адои вазифа накарданаш ба паранда табдил ёфтааст. Ба ақидаи ин мардум, бум ҳам аз аввал инсон буда, азбаски шабона ба дуздӣ пардохтааст, Худованд вайро ба парранда табдил додааст [205]. Ақидаи табдили инсон ба ҳайвон аз як тараф агар барои ғолиб баромадан, алайҳи нерӯи аҳриманӣ баён ёфта бошад, аз тарафи дигар он нишондиҳандаи ҳаёти иҷтимоиву мадании ҳар як халқ мебошад. Азбаски шуғли асосии мардуми Кӯҳистони Бадахшон аз қадим чорводорию зироаткорӣ будааст, бештар ақоиди асотириашон ба ин машғулиятҳо иртибот пайдо кардааст. Дар навоҳии Кӯҳистони Бадахшон парандае бо номи чӯк хеле маъмул аст. Он паранда шабеҳ ба бум буда, худро аз дарахт овезон мекунад ва бо овози баланд фарёд мекашад. Доир ба ин паранда ҳам аз байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон ду матни ривоят дастрас шудааст ва дар ҳар дуи онҳо ҳам аз хусуси амали нораворо иҷро намудани зане сухан дар миён аст. Чунончи: «Чӯк аз аввал гӯё занак буда, рӯзе бо молу говаш ба айлоқ меравад. Пас аз муддате Хӯҷаи Хизр ба назди он занак меояду аз вай қаймоқ металабад. Занак баҳонаҷӯй карда, мегӯяд, ки “ман шир надорам, фақат мечӯкам, мечӯкам”. Хӯҷаи Хизр мегӯяд: “Илоҳо, чӯк гардӣ” ва он занак ба парандаи чӯк табдил гаштааст. Аз ин рӯ, занҳое, ки ба айлоқ мераванд, бо худ каме равғанро мегиранд, то ки чӯк онҳоро назанад» [190].

Мабдаи неку бад, ки ҳанӯз ҳазорсолаҳо пеш ба вуҷуд омада буд, ҳамин оҳангро дар устураҳо таҷассум мекард. Баъзан аз мазмуни асотир

ва ҳатто аз афсона асос мегирифт. Чунин ҳолат дар мазмуни ривояти дар фавқ овардашуда бараъло инъикос ёфтааст, ки минбаъд ҳамчун намунаи барҷастаи тарбиявӣ ба кор бурда мешуд.

Парандаи дигаре, ки дар навоҳии Кӯҳистони Бадахшон маъмул аст, куку мебошад. Куку парандаи хокистаранги тавқдор, кӯчактар аз кабӯтар мебошад. Аз аввал гӯё ба сурати зан буда, шуғлаш мӯзадӯзӣ будааст. Рӯзе барояш як мӯзаеро меоранд ва илтимос мекунанд, ки онро зуд дӯхта диҳад, лекин вай мӯзаҳоро медӯзаду як кук (чок) мемонад. Соҳиби мӯзаҳо омада, онҳоро мегирад. Занак аз ақиб як “кук монд” – гӯён ба паранда табдил ёфт [231, 28]. Мардум овози ин парандаро фоли бад ҳисоб мекунанд, гӯё агар вай аввали баҳор бисёр садо кунад, соли қаҳтӣ ва гуруснагӣ фаро мерасад. Агар аввали баҳор овози вайро шунаванду гурусна бошанд, он касро тамоми сол гуруснагӣ азоб медиҳад.

Бархе аз парандаҳо на бо қаҳри худовандӣ, балки бо дигар сабабҳо ба ин ё он шакл табдил ёфтаанд. Масалан, халқияти Нив (Русия) ривояте доранд, ки писарбачае моҳиро шикор мекардааст ва баногоҳ зоғу лаклакро мебинад, ки парвозкунон меоянд. Он писарак ҳам монанди онҳо ҳаракат намуда, ба моҳихӯрак табдил ёфтааст [142, 9]. Дар асоси мабдаи бадӣ аз даст додани тимсоли инсонӣ, боз бинишҳои асотирие вуҷуд доштанд, ки дар онҳо дигар омилҳое мушоҳида мегардид, ки инсон ба ҳайвону паранда табдил ёфтааст. Масалан дар Бадахшон оиди Шодиғалбел ном паранда чунин ривоят мекунанд, ки ин паранда ҳам аз аввал зан будааст. Рӯзе он занак Шодӣ ном писари ягонаашро ба деҳаи ҳамсоя барои ғалбел мефиристонад. Писарашро дар нимаи роҳ мор мегазад ва ӯ нобуд мешавад. Модараш хеле интизорӣ мекашад, вале аз писараш дарак набуд. Ӯ ҳар рӯз такрор ба такрор мегуфт: “Шодӣ биё!” ва оқибат ба паранда табдил меёбад [217]. Ба ақидаи аҳли авом агар ин

паранда аввали баҳор бисёр садо кунад, он сол фаровонии ҳосили зироату маҳсули чорво мешавад.

Ривояти дигаре низ байни мардум ба чунин мазмун паҳн гаштааст. Ду бародар буданд, соли қаҳтӣ фаро мерасад. Бародари калонӣ медонист, ки ҳосили бадастомада тамоми сол барои ҳар дуашон намерасад. Бинобар ин, аз хонааш баромада, гуфт: “То пухтани тут ба ягон ҷо рафта, меҳнат мекунам, ҳангоме, ки тут пухт, бар мегардам”. Вақти тутпазӣ фаро мерасад, вале аз ӯ дарак нашуд. Бародари хурдӣ ҳар рӯз болои бом баромада, “тут пӯхт” – гӯён ба паранда табдил меёбад [194]. Дар чунин бинишҳои асотирӣ, ки баъдтар шакли ривоятро гирифтаанд, аз як сӯ рӯзгори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар гузаштаи басо дур тасвир ёфта бошад, аз сӯи дигар аз талхии фироқ раҳо ёфтани инсон тавассути табдили сурати одамӣ ифода ёфтааст.

Афсонаи “Писар – кабӯтар” ҳам ҳамин маъниро ифода мекунад. Дар замони хеле қадим марде бо аҳли оилааш зиндагии осудаҳолонае доштааст, вале бо ҳукми қазо зани он мард мефавтад, мардак зани дигар мегирад. Он зан рӯзе худро ба беморӣ андохта, аз шавҳараш талаб мекунад, ки писарашро барои ӯ кушта, вай гӯшташро хӯрад, ки ба дардаш даво шавад. Он мард ба гуфти занаш амал мекунад. Хоҳари писарак устухонҳояшро ҷамъ карда, дар шифти хона мегузорад ва вай ба кабӯтар табдил меёбад [157, 358]. Ин афсона аз як тараф агар табдили инсонро ба ҷонвар нишон диҳад, аз тарафи дигар осори қадимаеро дар хусуси хӯрдани гӯшти инсон нишон медиҳад.

Дар байни бархе аз халқҳо асотиру ривоят ва афсонаҳое низ вуҷуд доранд, ки дар онҳо махсусан, муносибати занон ба парандагону ҳайвонот рӯшан ифода ёфтааст. Ин ақида дар байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон ҳам роиҷ аст. Дар ин ҷо афсонае нақл мешавад, ки ба ин нуқта алоқа дорад. Барои мисол: «Марде се духтар доштааст. Рӯзе онҳо дар хона нишаста, ҳар кадомашон орзуи дар дил доштаи худро нақл мекунанд. Хоҳари хурдӣ орзу кардааст, ки хирс вайро дуздида, ба

хонааш барад. Вақте ки хирс ба хоби зимистона дарояд, вай аз мӯи хирс ресмон тайёр карда, аз он гилем мебофад ва онро ба подшоҳ тӯҳфа мекунад, шоҳ вайро ба занӣ мегирад. Воқеан, хирс баъди чанде омада, духтарро гирифта, ба ғоре даромада хоб меравад. Духтар аз мӯяш ресмон тайёр карда, онро ба берун мепартояд ва ҳезумкаше онро ёфта, аз паи он ресмон ба ғор меояду хирсро кушта, духтарро ба хонааш мебарад. Духтар аз он ресмон гилем бофта, ба шоҳ тақдим мекунад ва шоҳ вайро ба занӣ мегирад» [222].

Ин афсона ба афсонаи сеҳромез, ки аз мардуми Амрико сабт шудааст, умумият дорад. Мазмуни он афсона чунин аст: Духтаре дар ҷангал бо ду ҷавон во мехӯрад, ки онҳо, аслан, хирс буда, пӯсти одамиро ба бар кардаанд. Онҳо духтарро ба хонаашон мебаранд ва писари доҳии хирсҳо вайро ба занӣ мегирад. Он духтар ду писар таваллуд мекунад. Писаронаш пӯсти хирсро партофта, ба ду ҷавони зебо табдил меёбанд. Бародарони духтар вайро ёфта, ба хона мебаранд, писарони он духтар шикорчии моҳир мешаванд [139, 367].

Пайдост, ки мазмуни ҳар ду афсона ақидаҳоеро ифода кардааст, ки бунёди онҳо дар натиҷаи эътиқодот ва боварҳои одамони қадим ба вуҷуд омада, дар замири онҳо нақш бастанд ва минбаъд бо тобишу вижагиҳои гуногуни маъноӣ дар ҳудуди васеътари ҷуғрофӣ густариш ёфтаанд.

Бархе аз халқҳо ақида доранд, ки рӯҳи инсон баъди мурдан ба ҳайвон ё паранда дохил мешавад ва он паранда ё ҳайвон ба тотемашон табдил меёбад. Аз ин рӯ, онро шикор кардан манъ аст. Халқияти лезгин одате доранд, ки агар ба хонаашон мор ворид шавад, бо эҳтиром дар пешаш шир ва нону равған мегузоранд. Гӯё рӯҳи шахси дар он хонадон фавтида ба мор дохил шудааст [125, 14].

Халқияти лезгин аз байни парандагон парасту ва кабутарро муқаддас ҳисобида, озор додани онҳоро гуноҳ ҳисоб мекунанд. Агар дар назди қабристон ҳайвоноту парандагон ҷамъ мешуданд, ба онҳо нону

арзан медоданд. Дар баробари ин, мардум шаҳпаракро ҳам муқаддас меҳисобанд [125, 14].

Мардумшиноси рус Л. А. Тульцева дар мақолаи “Рамзи гунҷишк дар маросимҳо ва фолклори маросимӣ” нигоштааст, ки дар нимаи аввали асри XIX аз байни аҳолии Олтой намоиши иди Солинавии славянҳо ба тасвир гирифта шудааст, ки дар он осори қадимии парастиши ҷондорон, бахусус, ихлос нисбати гунҷишк маҳфуз дошта шудааст. Дар он пеш–пеши намоиш “пирамард” ва “кампир”–и ниқобпӯш буда, “пирамард” бо камон мусаллаҳ, дар либосаш харгӯш, гунҷишк ва зоғи сайдшуда овезон ва “кампир” рақскунон хӯсаи тифли алафинро алвонҷ дода мерафтанд. Муаллифи мақола ин оинро тавзеҳ дода, қайд мекунад, ки муҳаққиқон онро ба вафоти аҷдодонаи ин мардум мансуб медонанд [162, 165].

Образи харгӯш дар назди славянҳо аз қадимулайём эҳтиромӣ калон доштааст. Насрониён харгӯшро нишонаи одами беҳимоят ҳисоб карда, Исо пайғамбарро ҳимоятгари вай меҳисобанд. Дар расмҳо дар пеши пойҳои Марям харгӯш тасвир меёбад, ки ин ғалабаи вайро бар ҳирсӣ ва шаҳвоният нишон медиҳад [164, 17]. Зоғ соҳиби Оби ҳаёт ва марг буда, маънии ҳаёти баъди маргиро ифода мекунад. Парастиши гунҷишк ҳам ба дину оини гузаштагон алоқаманд будааст [128, 165; 162, 165]. Дар дини насронӣ гунҷишк нишонаи одамони хоксору бечора аст, зеро вай муҳофизи падархудо аст. Ба ақидаи онҳо гунҷишк бо хоҳиши Худо офарида шудааст [161,12].

Дар байни мардум ҳанӯз ҳам одати сари қабри марҳум барои фотиҳаи хайр хӯрдани гӯшти паранда дар байни тамоми мардуми славянаҷдод барқарор аст. Ин одатро ба он алоқаманд медонанд, ки гӯё дар ҳангоми фавти шахс дар рӯи хонаи марҳум паранда пайдо мешавад. Ба ақидаи бархе аз онҳо рӯҳи инсон баъди фавташ ба шаҳпарак табдил меёфтааст [162, 175].

Мавриди зикр аст, ки ба ҳамин монанд нисбати паранда дар навоҳии Кӯҳистони Бадахшон ҳам ақидаву тасаввурот вуҷуд дорад.

Чуноне ки дар чанд ҷойи рисола қайд гардид, баъди фавти шахс дар шаби дуюм (дар гузашта шаби сеюм) оини “Чароғравшан” ба ҷо оварда мешавад (доир ба маросими “Чароғравшан” [170, 150; 108, 141–146; 101, 70–76; 47, 190–192; 48, 34 –39; 33, 147–153].

Ҳангоми тиловати “Чароғнома” ва даргирондани чароғ ба хона шаҳпарак (парвона) ворид мегардад, ки вай гӯё рӯҳи ҳамон шахси марҳум аст. Ба ақидаи мардум шаҳпарак ҳама вақт дар мавриди ба ҷо овардани ин оин дохили азохона шуда, то анҷоми он (дар баъзе маҳалҳо то қарибии субҳ) рӯи шифти хона беист дар парвоз аст, вале онро на ҳамаи ҳозирин дида метавонанд [218].

Яҳудиён ҳам образи шаҳпаракро муқаддас меҳисобанд. Дар расмҳое, ки сурати Марям ва Исо акс меёбад, дар дасти Исо шаҳпарак аст. Вай гӯё нишонаи аз нав зиндашавии Исо аст. Ба ақидаи ин мардум ҳам рӯҳи марҳум ба шаҳпарак дохил мешавад, ки ин ҳодиса ба давомияти зиндагӣ иртибот доштааст. Шаҳпарак гӯё се марҳилаи зиндагӣ, аввал кирмак баъд зоча ва сипас шаҳпаркро аз сар мегузаронад. Инсон ҳам гӯё ҳамин се марҳиларо тай мекунад [164, 11].

Бархе аз мардумон бар он ақидаанд, ки гӯё рӯҳи инсон баъди фавташ ба даруни об ё сабза афтида, ҳангоми истеъмол намудани онҳо рӯҳ ба ҳайвону паранда дохил мегардад. Дар натиҷа хулқу атвори он одаме, ки рӯҳаш ба паранда ё ҳайвон дохил мегардад, монанд мешавад. Аз ноҳияи Рӯшон ривояте дастрас гардид, ки ҳамин ақидаро тақвият мебахшад. Марде будааст, ки хулқу атвораш ба саг бисёр монанд будааст. Пас аз фавташ рӯҳи ӯ гӯё ба саг дохил шудааст. Инро як шахси ҳассосу донишманди он замон дарк карда будааст. Он шахс гӯё рӯзе ба хонаи соҳиби саге рафтааст ва мебинад, ки саги он даргоҳ тамоми рӯз уллос мекашидааст. Он мард ба саг рӯ оварда гуфтааст: “Эй, фалонӣ, вақти зинда будан фақат мисли саг уллос мекашидию ҳоло ҳам моро

ором намегузорӣ”. Ҳамон замон забони саг баста гардиду дигар овозаш набаромадааст. Ба ақидаи аҳли авом баъди фавти иддае аз инсонҳо рӯҳашон ба ҷисми саг дохил мешудааст ва он сагон ниҳоят боақланд, фақат гап задан наметавонанд [211].

Ҳамин гуна бовар ва эътиқодро зери назар гирифта, муҳаққиқи соҳаи мардумшиносии рус К. Д. Зеленин қайд кардааст, ки рӯҳи инсон ва он тотем як аст [128, 120]. Арманҳо ақида доштанд, ки агар касе қарзашро адо накарда вафот кунад, рӯҳаш ба хар дохил мешавад. Бинобар ин дар сари қабри шахси қарздор харро қурбонӣ мекарданд [186,7].

Муайян гардид, ки дар тасаввуроти халқияти дунё инсон бо сабабҳои гуногун сурати одамиро аз даст додааст. Агар дар устураи байни мардуми рус маъмул буда, модару духтар сурати гургро гирифта бошанд. (Ин шояд ишора ба он бошад, ки бархе аз халқият нажодашонро аз гург ҳисоб мекунанд). Дар Бадахшон марди бенаво аз Худо илтиҷо мекунад то вайро ба гург табдил диҳад, вале вай ба зиндагии қашшоқона ва сурати инсонӣ шукргузорӣ карда, аз сари нав боз сурати одамиро мегирад. Дар қисми дигари устураву афсонаҳо аз боби он сухан дар миён аст, ки хурӯс дар (Бадахшон) ва хар дар фолклори вилояти Хатлон ба шахси камбағал чун фарзанд хизмат намуданд ва ба сурати инсон табдил ёфтанд. Дар охир бошанд, ба сурати кабӯтар даромада парвоз карда мераванд. Дар баробари ин аз мазмуни бештари устураҳо маълум гардид, ки инсон бо содир кардани гуноҳ сурати одамиро аз даст додааст. Ба яке агар дуои бади кампиру мӯйсафед сабаб гардад, ба дигараш беэътиноӣ нисбати ашхоси баландмартаба ва тотем низ сабаб гардиданд. Мавриди зикр аст, баъзан ба сабаби фироқу ҷудоӣ ба мисли “Шодӣ биё” ва “тут пухт” дар яке агар модар дар фироқи писараш, дар дигаре додар аз ҷудоӣ бо бародараш ба паранда табдил ёфтааст.

Инчунин қариб дар тамоми асотиру ривоят ва афсонаҳои халқияти дунё аз хусуси муносибати занон бо олами ҳайвонот, махсусан бо хирс мушоҳида гардида, оқибат зан аз хирс паҳлавонро ба сурати одамӣ таваллуд мекард. Азбаски хирс ҳайвони тануманд ва пурзӯр буд, ба дунё омадани шахси баҳодурро ба ин ҳайвон нисбат медоданд. Ба ғайр аз ин, мувофиқи тасаввуроти қадимии одамон рӯҳи инсон ба ҳайвону паранда дохил мешавад ва он ҳайвон ё паранда тотеми он халқият интихоб мешавад ва нисбати он муносибати хуб зоҳир менамоянд. Одамон аз замонҳои қадим барои манфиат ва начоти худ мубориза мебурданд ва баъзан барои амалӣ гаштани мақсади нек дар тимсоли ҳайвонот мақсадашонро баён мекарданд. Бо ин роҳ онҳо дар тахайюлашон орзуҳои худро амалӣ мегардонданд. Устураҳо барои тарғиби хислатҳои нек истифода мешуданд.

Дар маҷмӯъ ин навъи осори шифоҳӣ гувоҳӣ медиҳад, ки қисми муҳими ақида ва тасаввуроти асотирии халқҳои гуногуни олам умумият доранд. Дар дохили ҳар яки онҳо панду андарз нуҳуфтааст. Пас ин умумият гувоҳи он аст, ки ҳамаи халқҳо аз як решаи маданӣ об мехӯранд.

Фасли 2. Мавқеи рамз дар боварҳои асотирӣ ва маросимҳои мардумӣ

Дар натиҷаи бовару эътиқод нисбат ба олами ҳайвонот расму маросим ба вуҷуд омаданд. Аҷдодони халқи тоҷик барои аз байн нарафтани муҳимтарин арзишҳои маънавӣ, ки дар устураҳо дарҷ гардиданд, дар расму маросимҳо аз онҳо истифода намуда, тавассуташон гузаштаро ба ҳозира пайванд менамуданд. Дар пояи устураҳо ба ҷо овардани расму маросим як ҷанбаи муҳими нигоҳдоштани суннати аҷдодон низ буд. Маросим дар равобит бо образҳои ҳайвонот тавассути мӯҳтавои устураҳо баъдтар афсонаву дигар жанрҳо ба ҷо оварда мешуданд. Онҳо аввал моҳияти рамзиро гирифта, пас тавассути оҳанги иҷтимоӣ ба расму маросим ва осори шифоҳии дигар роҳ ёфта, арзиши фарҳанги волои гузаштаро нишон медоданд.

Яке аз идҳои қадимаи мардуми тоҷик Наврӯз мебошад. Устод С. Айнӣ ин ҷашни қадимаро иди пеш аз исломият гуфта, таи ҳафтаҳо ҷашнгирии онро таъкид кардааст [5, 494–495]. Ҷанбаи устуравӣ доштани иди мазкур ва дар алоқамандӣ бо олами ҳайвонот гузаронидани он яке аз рукнҳои асосии фарҳанги гузаштаи халқамонро нишон медиҳад.

Дар Ишкошим, Вахон, Зебок ва Санглиҷ чунин оин то ҳол вуҷуд дорад: Саҳарӣ барвақт дар иди Наврӯз барзагови кориро дохили хона намуда, ба он алафу ордоба медиҳанд ва порӯяшро гирифта, донаи гандумро дар даруни он монда, онро болои “миндал” (ҷое дар хонаи бобой) мегузоранд. Дар фасли тирамоҳ ҳангоми ҳосилғундорӣ яке аз мардон порӯи барзаговро болои бел бардошта, дар атрофи гандумзор се бор давр зананда, сипас онро дар даруни гандум гузошта, ба хонааш бар мегардад. Дар ин давра дар хонаҳояш як намуди хӯроки миллиро бо номи ош (оши бурида аз орди боқило (маш)) тайёр мекунанд ва мардон ҷамъ шуда, мавсими ҳосилғундориро ҷашн мегиранд [111, 24].

Мардум дар идҳои шогунӣ (аз шугун), хирпичор (офтоб дар мард) ва хирчизӯн (офтоб сари зону), ки аз маросимҳои мавсимӣ буда, қисмашон имрӯз аз байн рафтаанд, гӯсфанди махсус парвошударо забҳ мекарданд [100, 25].

Дар ин идҳо, ҳангоми пок кардани хона аз гарди орд рӯи деворҳои хона расми оғил ва даруни он гӯсфандон бо бузҳоро (ҷо – ҷо оҳувон) низ мекашиданд. Дар Шуғнони тарафи чапи ҳавзаи Панҷ (Афғонистон) аз рӯи асари Х. Давлатназаров дар идҳои “Хирчизӯн” ва “Хидирайём”– иди бузург (Наврӯз дар назар аст.– Н. Қ) низ кашидани ин гуна расмҳо барқарор будааст. “Замоне, ки боҷ (аз таомҳои маросимӣ аст – Н. Қ) дар дег ба ҷӯш меояд, кадбонуи хона ба девори ақиби дегдон бо орди гандум оғили гӯсфандонро расм мекунанд ва дар оғили расмшуда гӯсфандон ва дар миёни гӯсфандон тасвири ду бузи калон бо шохҳои калони доирашакл ва миёнборик (нахчир дар назар аст. – Н. Қ) кашида мешаванд” [20, 271].

Мардумшиноси тоҷик И. Муҳиддинов аз боби идҳо андешаронӣ карда, навиштааст, ки: «дар иди Наврӯз баъди тоза кардани хона яке аз занон ангушташро ба даруни орд андохта, дар рӯи девори ақиби оташдон аломатҳои рамзӣ мекашад. Дар ин расмҳо гӯсфандон, чӯпон бо таёқи чӯпонӣ ва ҳамроҳаш саг нақш меёфтанд, ки рамаро дохили оғил медаровардaнд. Дар баробари ин, зан дар атрофи чӯпон ва рамааш расми кабк, нахчир шохҳои бузи кӯҳӣ, моҳу ситорагонро мекашид. Ин расмҳо, – қайд мекунад муҳаққиқ, – нафақат дар арафаи иди Наврӯз ба хона ҳусни тоза мебахшиданд, балки онҳо дар худ маънии рамзӣ доштанд. Ин гуна расмҳо гӯё ба зиёд шудани шумораи чорвояшон ва фаровон гаштани шир мусоидат мекарданд» [146, 78].

Дар иди Наврӯз мардум як навъи нон мепухтанд, ки онро қумочи шогунӣ мегуфтанд. Дар рӯи он ҳам ба умеди зиёд шудани шумораи гӯсфандон расми гӯсфандро мекашиданд [146, 78]. Ин амали кадбону, аз як тараф нишон медиҳад, ки чорводорӣ аз машғулияти асосии мардум бошад, аз тарафи дигар ин таваҷҷуҳи махсуси мардумро ба ҳайвонот, махсусан, нисбати гӯсфанд бозгӯй мекунад. Ба назари мо, маросимҳои ёдшуда хусусияти маросимҳои мавсимӣ дошта, аз замони пайдоиш ва то ба замони мо ба корҳои деҳқонӣ пайвастагии худро нигоҳ дошта омадаанд. Расмҳо, асосан, ба рӯҳияи қадимии “ҳайвонпарастӣ” ва шикор вобастагӣ доранд.

Дар бисёр ҷойҳои Кӯҳистони Бадахшон ҳанӯз расме барқарор аст, ки дар иди Наврӯз гӯсфанди барои ид парваришёфтаро ба хона дароварда, дар пешаш обу ҷаву алафро мегузоранд. Агар гӯсфанд ба ин се чиз аввал майл кунад, он чиз ҳамон сол фаровон мешавад [100, 12].

Дар деҳаи Тусёни ноҳияи Роштқалъа то бегоҳии иди Наврӯз чизу чорае, ки дар дасти ҳамсояҳо бошад, ҷамъ меоваранд ва бегоҳӣ гӯсфандро забҳ мекунанд. Баъди хӯрдану ошомидани таоми шом суҳбат мекунанд ва ҳофизон сурудхонӣ мекунанд. Пас аз рафтани меҳмонон ва

пеш аз хуфтан марди хона ба молхона рафта, чаҳор пораи порӯ гирифта, ҳангоми дохили хона шудан “Шогун баҳор муборак” мегӯяд ва кадбону “Ба рӯи шумо муборак ”– гӯён ба китфи росташ гарди орд мепартояд. Аз ин пас ба хона даромадани шахси ғайр манъ мешавад. Пагоҳӣ кадбону аз ҳама пеш аз хоб хеста, он поруҳоро дар аловхона дармегиронад, то ки дудаш аз ҳама пеш аз хона берун шавад ва ба хона сояи ягон ҳамсоя нарасад. Он марди хона низ бо дамидани субҳ аз хона берун мешавад ва муддати мадид нагузашта, бо чанд навдаи бед ва маводи ҷорӯббандӣ бар мегардад. Навдаҳои бедро дар сақфи хона гузошта, саворачорӯб ва пиёдаҷорӯбро дуруст мекунад [100, 20]. Дар ин амал, агарчи худи ҳайвон мустақиман иштирок надошта бошад, ҳам вале поруи аз ҳайвонхона овардашуда маҳз далолат ба ҳамон боварҳои инсон ба молу ҳайвон мебошад.

Аз мӯҳтавои бисёре аз устураҳо бармеояд, ки халқияти дунё на танҳо ҳангоми ба ҷо овардани маросимҳо, балки дар номгузорӣ ҳам аз олами ҳайвонот фаровон истифода мебурданд. Ин тарзи номгузорӣ ҳам дар худ рамзҳои гуногун дошта, одамон ба он боварӣ доштанд.

Бояд гуфт, ки ҳар яке аз қаҳрамонҳои асотиру ривоёт дорои хислатҳои ҷудогонаи худ будаанд. Масалан, шер рамзи подшоҳи ҷондорҳо, хирс рамзи ҳукмрони бераҳм, рӯбоҳ – маккор, фиребгар, дурӯяву аҳдшикан ва дар баробари ҳамин кумакрасони инсонҳо, гург – ҷоҳили бераҳму риёкор, нодон, харгӯш – ҷинси тарсончак ва дар айни замон, беҳимоят, муш – заифу нотавон, лекин зиёнкор, буз – шайтон, асп – рамзи боигариву давлат, хурӯс – боварию диловарӣ, уқоб – рамзи шуҷоату ғурур, бум – рамзӣ наҳсу навмедӣ ва ғайраро ифода мекунанд. Ҳамин чиз боис шудааст, ки бархе аз одамонро бо хислаташон номи ягон паранда ва ё ягон ҳайвон мегузоранд.

Чунонки аз рӯи таълифоти М. С. Андреев бар меояд, масчоҳиён сокинони деҳаҳоро бо номи ҳайвоноту парандагон лақаб мемонданд.

Мардумшиносони рус М. Андреев ва А. Половцов дар таҳқиқоташон нишон доданд, ки Масчоҳиён сокинони деҳаҳоро бо номи ҳайвоноту парандагон лақаб мемонданд [111, 173 –176].

Чунин лақаб ё номгузорӣ дар байни мардуми дигар, аз ҷумла дар байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон низ роиҷ аст. Ин мардум ҳам мувофиқи хислати одамон онҳоро ба ягон намуди ҳайвону паранда монанд карда, ба он лақаб ҳатто маъруф мегашт ва дар ҳаққаш мақолу зарбулмасал низ мегуфтанд. Масалан, одаме, ки хабарро тез мерасонад, вайро кихъебц (шғн.), кархопс (брт.– ршн.) –акка мегуфтанд. Шахсе, ки фақат хабари бад мерасонад, вайро хурн (шғн. – ршн.)– зоғ, одами нимкораро “ҳудҳуд барин нӯл мезанад”, мегӯянд. Дар ҳаққи шахси оромтабиат ва ба ягон фикр фурӯрафтаро зарбулмасали “бум дар буттаи ғам” истифода мекунанд. Одами мумсикро чук барин, шахси бахилро мор ва одами фиребгарро рӯбоҳ мегӯянд.

Ҳамин гуна ақоиду парастиш, ки бунёди онҳо ба давраҳои хеле қадим рафта мерасад, барои бисёр халқияти дунё, ҳарчанд фарсахҳо аз ҳамдигар дур бошанд ҳам, хос аст. Дар халқияти Австралия расме барқарор аст, ки ба фарзандашон ҳатман номи ягон паранда ё ҳайвон мегузоранд [161, 90]. Ҳамин таомул дар Кӯҳистони Бадахшон низ вуҷуд дошт ва идома дорад. Агар фарзандони падару модаре дар овони тифлӣ пайи ҳам реҳлат кунанд, ба фарзандони минбаъдаашон ба умеди сиҳатии танашон номи ягон паранда ва ё ҳайвон мегузоранд, ба мисли номҳои мардонаи Булбул, Кабутар, Боз, Шоҳин, Шер, Гург, Боша ва номҳои занонаи Тутӣ, Товус, Партовус, Зариз (Кабк), Чах (Мурғ), Парасту. Бо мурури замон ба ин номҳо шоҳ (Кабутаршоҳ, Булбулшоҳ) ва Мамаду Алӣ (Бозмамад, Шермамад, Шералӣ, Гургалӣ) илова мешаванд.

Тибқи ишораи Раҳимов Д. “Зооморфизм дар суннати номгузории бисёр халқҳо низ таъсир гузоштааст. Масалан, дар ному насабҳои англисии Фокс, Лион, Волф, ному насабҳои русии Лев, Зайтсев,

Медведев, Волков, дар номҳои ӯзбекии Бӯрӣ, Арслон, Бургут, дар номҳои тоҷикӣ – Гургалӣ, Шералӣ, Алишер, Товус, Тӯтӣ, Қумрӣ ва ғайра таъсири тасаввуроти зооморфӣ боқӣ мондаанд” [155, 44].

Ривояте, ки аз сокини деҳаи Қалъаи ноҳияи Роштқалъа Миротамбеков Ёрбек (соли таваллуд 1931), соли 2001 сабт карда шуд, он аз як сӯ тасаввуроти қадимии одамонро акс кунад, аз сӯи дигар, дар он сабаби номи паранда гирифтани писарчае таъкид ёфтааст. Барои мисол: “Дар замони қадим каргас омада, як писарбачаи яксоларо гирифта ба лонааш бурдааст ва он писаракро ҳамроҳи чӯҷаҳояш калон кардааст. Рӯзе он кӯдак, ки акнун калон шуда буд, аз пойҳои каргас дошта, каргас вайро оварда дар замин мемонад. Одамон аз ин ҳодиса огоҳӣ ёфта, номи он писарро Каргас мегузоранд” [207]. Ин гуна номгузорӣ дар натиҷаи ба ҳам наздик будани хислату рафтори ашхоси алоҳида ва ҷонварон, аз як тараф пайдо шуда бошад, аз тарафи дигар, ин ҳолат тасаввуроти қадимии одамонро дар бораи хешии инсону аҷноси табиат нишон медиҳад. Ба ғайр аз ин, мардум ба чунин номгузорӣ боварӣ низ дошта, аз ин рӯ ҳангоми номгузорӣ аз он истифода мебурданд.

Ба назар расид, ки қариб тамоми расму оинҳои мардумӣ дар алоқамандӣ бо ҳайвонот ба ҷо оварда мешуданд. Бояд қайд намуд, ки барои мардуми Бадахшон номи пайғамбарону имомон муқаддас аст ва шумораи ками ашхос ёфт мешаванд, ки ин гуна номҳоро ба фарзандонашон мегузоранд. Аз ин рӯ, барои умри зиёд дидани фарзанд дар номгузорӣ аз номи ҳайвоноту парандагон истифода мебурданд.

Ҳарчанд ки устураҳо шакли қадимаи тасаввуроти инсонӣ бошанд ҳам, вале онҳо нишондиҳандаи тарзи зисту зиндагонии ҳар як халқият мебошад. Ба ҷо овардани расму маросимҳо бошанд, аз ҷузъиёти тамаддуни халқ дарак дода, ин арзишҳо дар устураву ривоятҳои халқӣ барҷаста акс ёфтаанд. Инчунин устураҳо вобаста ба расму маросимҳо имрӯз ҳам вуҷуд дошта, эътиқоду боварҳо дар ҳамбастагӣ ба онҳо бо шаклу шеваҳои нав гуфта мешаванд. Дар ҳаёти имрӯза низ чунин

алоқамандӣ бо расму маросимҳо вуҷуд дорад, ки ин бори дигар пайванди наслҳоро ба аҷдодон бозгӯй менамояд.

Маълум аст, ки маросим нишондиҳандаи таърихи ҳар як ҳалқ мебошанд. Ҳарчанд баробари тараққиёту инкишофи зисту зиндагии мардум маросим шаклҳои гуногун мегиранд, вале онҳо ҳамчун порае аз гузаштаи дур боқӣ мемонад.

ХУЛОСАҲО

I. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Асотир, нақлу ривоятҳо хазинаи дастаҷамъонаи инсоният маҳсуб ёфта, асоси фарҳанги ҷаҳониро шакл медиҳанд. Имрӯз дар бораи устураҳо ва дарку фаҳми онҳо асарҳои зиёде таълиф шудааст. Дар онҳо оид ба тасвири образи ҳайвоноту парандагон ва дигар мавҷудоти зинда, маълумоти мухталиф таъкид гардидаанд.

Дар ин рисола низ мавқеи устуравии образи ҳайвоноту парандагон дар тафаккури эҷодии мардуми Бадахшон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар рисола аз сарчашмаҳои шифоҳӣ истифода шуда, баъзе афсонаву ривоётеро, ки ба ин масъалаҳо алоқаманданд, бо диди нав таҳқиқ шудаанд.

Бори дигар ишора шуд, ки асотир шакли ибтидоии тафаккури инсонӣ буда, сарчашмаи пайдоиши осори динӣ, бадеӣ, фалсафиву илмӣ маҳсуб меёбанд. Махсусан, дар бораи архетипҳои ҳайвоноту парандагон ва тағйирёбии онҳо дар суннату анъанаҳои мардумӣ таҳқиқ пурра нашудааст. Дар ин рисола ҷанбаҳои мухталифи эътиқоди мардум, ки дар урфу одатҳои тоҷикони Бадахшон боқӣ мондаанд, ҳамаҷониба таҳлил ёфтаанд.

Дар нақлвораҳои қадим образи парандагону ҳайвонот нақши муҳим доштанд ва ҳар яке аз онҳо ҳамчун рамз истифода мешуданд. Дар аксари фарҳангҳои ҷаҳон, ҳар паранда ё ҳайвон ҳамчун як нерӯи фавқулода ҳисоб мешуд ва ҳангоми дучоршавӣ бо мушкилот, ба онҳо паноҳ мебурданд ва дар баъзе фарҳангҳо, аз онҳо дастгирӣ меҷустанд ва танҳо дар маросими динӣ онҳоро қурбонӣ мекарданд. Мардуми тоҷик аз ҷумла, сокинони Бадахшон ба ҳайвоноту парандагон муҳаббати хоса доранд ва дар фолклорашон низ онҳоро ситоиш мекунанд.

Эҷодиёти шифоҳӣ роҳи дарозеро тай карда, аз шаклҳои ибтидоии қабилавӣ то ба вуҷуд омадани давлатдорӣ, аз содатарин тасаввурот то таҷассуми шаклҳои бадеии ҳодисаҳои табиат, ташаккул

ёфтааст. Дар асотир инсон аввалин таҷрибаи хулосаҳои бадеӣ ва инъикоси ҳақиқатро нишон дод, ки баъдтар барои ба вуҷуд омадани адабиёт замина шуданд. Ҳақ ба ҷониби академик А. Раҳмонзода аст, ки арзиши тафаккури асотириро ба ин тарз баён мекунад: “Арзиши тафаккури асотирӣ, пеш аз ҳама дар он аст, ки низоми рамзии образҳоро вобаста ба падид омадани устура дар сохти ҷамъиятӣ ошкор месозад ва зеҳни устурапардозро доири воқеаҳои рухдода ифода мекунад” [62, 5]. Асотир, боварҳои асотирӣ, ривоятҳо, ки муҳаррики сужаашон ҳайвонот ва парандагон мебошанд, яке аз қадимтарин шаклҳои тафаккури инсонӣ ба шумор мераванд, чунки олами ҳайвонот ва парандагон одамонро дар тамоми мавҷудияти таърихии башарият ҳамроҳӣ мекунанд. Муайян шудааст, ки устураҳои алоқаманд бо ҳайвоноту парандагон тотемизмро ба вуҷуд овардаанд. Ҳар як халқу кишвар ақидаҳои гуногуни тотемистӣ доранд ва вобаста ба он ҳар гуна расму маросимро ба ҷо меоранд. Мисоли ин гуфтаҳо дар таҳлили тасаввуроти устуравии мардуми Бадахшон вобаста ба ҷонварон дида баромада шуд. Далели он, ки парандагону ҳайвонот рамзи некӣ ё бадӣ ҳастанд, албатта, бештар ба натиҷаи ақлу тафаккури инсонҳо марбут аст.

Ҷаҳони муосир, ки бо суръати ҳаракат ва пешрафти худ собиқа надоштаст, дар баробари дастовардҳои назаррас, инчунин дорои заъфу камбудиҳои зиёд низ мебошад. Аз ҷумла, таваҷҷӯҳи насли муосир ба унсурҳои фарҳангии пешина кам ба назар мерасад ва ҷамъоварӣ, таҳлилу таҳқиқии чунин унсурҳо яке аз роҳҳои ҳифзи онҳо ба шумор меравад.

Унсурҳои тасаввурот ва боварҳои алоқаманд бо олами ҳайвонот ва парандагон маҳз яке аз рукнҳои тез нестшавандаи эҷодиёти шифоҳии мардум мебошанд, ки дар муддати тӯлонӣ ҳифз шудаанд ва ҳифзи минбаъдаи онҳо низ вазифаи насли кунунӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар низ аҳамияти рисолаи пешниҳодшуда калон аст, зеро дар он якумин маротиба маводи асотирӣ (дар шароити бехат) ҷамъ шуда, мақом,

хусусияти симоҳои (образҳои) асотирии ҳайвонот ва парандагон дар фолклори Бадахшон зери таҳқиқ гирифта шуд.

Инчунин, таъин гардид, ки омӯзиши мифологии боварҳои (ақидаҳои) маскунони минтақаи Бадахшон пеш аз ҳама барои аниқ дарк кардани тағйироти ҷорӣ дар шуури объективии (ҳақиқати) табиӣ ва андӯхтани дониш ва таҷрибаи зиндагӣ манбаи зарурӣ аст. Бар замми ин, тадқиқоти матнҳои шифоҳӣ, таассуротӣ, боварҳо, асотир, ки ҳанӯз дар байни мардум дар алоқамандӣ бо маросимҳо ва урфу одат мавҷуданд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки яке аз навгониҳои рисолаи илмӣ ба шумор меравад.

Ба тариқи мушаххас, аз таҳқиқу таҳлил ва тафсиру тавзеҳи амиқи мавзӯи марбут ба ақидаҳои асотирии мардум оид ба ҳайвоноту парандаҳо чунин хулосаҳои илмӣ рӯи кор омаданд:

1. Эътимод ба баъзе парандагону ҳайвонот на танҳо дар фарҳанги оммавии халқи тоҷик, балки дар урфу одатҳои шифоҳии тамоми мардумони миллатҳои мухталиф низ ҷой дорад. Ин унсурҳои асотирӣ дар бораи як қатор парандагону ҳайвонот беҳтарин ҷанбаҳои ахлоқиро инъикос мекунанд. Ин замина нишон медиҳад, ки қисми муҳими устураҳо ва ғояҳои халқҳои гуногуни олам умумияти муштарак доранд ва ба он далолат мекунад, ки ҳамаи миллатҳо решаҳои яксон доранд.

